Фальшивомонетчики показали здесь высокое «мастерство»: они не только печатали денежные банкноты в высоком разрешении на лазерных принтерах, но и использовали водяные знаки, а также специальные нити для вклеивания. Особый интерес у них вызвали банкноты нового образца номиналом 2000 (две тысячи) рублей, которые ещё не так повсеместно распространены, как те же пятитысячные или тысячные банкноты. Так, в 2020 году в банковской системе Российской Федерации было обнаружено 48 293 поддельных денежных знаков Банка России, в том числе 33 707 поддельных пятитысячных банкнот, 7 480 поддельных банкнот номиналом 1000 рублей и 1 450 поддельных банкнот номиналом 2000 рублей. При этом было обнаружено 5 014 поддельных монет номиналом 10 рублей и 52 поддельные монеты номиналом 5 рублей [11]. На изготовленных ими «фальшивках» присутствовали необходимые признаки подлинных банкнот: рельеф, шероховатость, водяные знаки и защитная лента. Эти поддельные купюры

были настолько качестве изготовлены, что их принимали даже банкоматы и терминалы старого образца, не говоря уже о продавцах провинциальных рынков и продовольственных магазинов.

Для сбыта «фальшивок» участники данной преступной группы выбрали сайт «Гидра»*, печально известный продажей наркотиков и другого нелегального товара. Кроме наркотиков, популярными товарами на «Гидре» являются фальшивые деньги и документы, инструкции по противозаконной деятельности. Также на ресурсе реализуются услуги, такие как сбыт наркотиков, интернет-безопасность и взлом аккаунтов. Также на «Гидре» выставлены предложения по трудоустройству, как правило, в сфере производства и сбыта наркотиков. В штат самой «Гидры» входят десятки людей, в том числе отдел рекламы, служба безопасности, химики и наркологи. Покупатели заходят на «Гидру» через браузер «Tor» с луковой маршрутизацией**. Они должны зарегистрироваться и пополнять свой баланс, с которого средства (криптовалюта) списываются продавцам (магазинам) [12, с. 220]. Товар может уже находится в так называемой «закладке» к моменту оплаты, либо быть туда помещён после. Магазины платят по 300 долларов за регистрацию на «Гидре», по 100 долларов ежемесячной абонентской платы, а также доплачивают при желании находиться повыше в выдаче на поисковый запрос. В течение суток после покупки клиент может оставить отзыв о товаре и продавце. При нарушениях магазин может быть «Гидрой» оштрафован или закрыт. С каждой покупки «Гидра» берёт комиссию от 1,5 % (при сумме сделки больше 2 миллионов рублей) до 5 % (при сумме сделки меньше 200 тысяч) [13]. Согласно сведениям сервиса «whois» сайт «hydra.center» зарегистрирован на доменных мощностях организации «PrivacyProtect,LLC» (PrivacyProtect.org) – Соединенные Штаты Америки.

На «Гидре» есть специальный раздел - фальшивые деньги или «Фальш», где любой желающий может выбрать один из нескольких магазинов и приобрести фальсификаты приблизительно за 30% от стоимости номинала. Крупные оптовые партии «Гидры» (от полумиллиона и выше) можно приобрести по цене около 10–15% от номинала.

Распространяют фальшивки так же, как и наркотики - с помощью специальных «кладов» в безлюдных местах, передавая сообщникам координаты товара только после получения оплаты на «обезличенные кошельки».

Бесконтактный способ реализации товара исключает какое-либо личное общение продавца и покупателя и заключается в размещении некоторого количества нелегального товара в установленном месте. После оплаты товара покупателем, продавец сообщает точные координаты местонахождения товара (клада) и фотографию с места размещения «клада». Оплата товара осуществляется криптовалютой (Биткоин) со счета (кошелька) покупателя на счет продавца либо через терминал «Киви» с зачислением эквивалента стоимости Биткоина на криптовалютный счет покупателя. Таким образом, отследить движение денежных средств после перечисления на счет продавца, становится практически невозможным.

Благодаря такой преступной схеме никто из участников всей криминальной цепочки не знает абсолютно ничего друг о друге. При соблюдении всех правил безопасности злоумышленники надеются распространять «фальшивки» безнаказанно.

Рассматривая положительный опыт задержания Нижегородских фальшиво-

---

*«Гидра» или «Hydra» — крупнейший российскийдаркнет-рынок по торговле наркотиками, крупнейший в мире ресурс по объёму нелегальных операций с криптовалютой.

**Луковая маршрутизация (англ. «Onion routing») - технология анонимного обмена информацией через компьютерную сеть. Сообщения неоднократно шифруются и потом отсылаются через несколько сетевых узлов, называемых луковыми маршрутизаторами. Каждый маршрутизатор удаляет слой шифрования, чтобы открыть трассировочные инструкции и отослать сообщения на следующий маршрутизатор, где все повторяется. Таким образом, промежуточные узлы не знают источник, пункт назначения и содержание сообщения.

монетчиков, убеждаемся, что начало было положено в результате удачно спланированной и проведенной оперативниками комбинации. Но вместе с тем вынуждены отметить, что имеется острая необходимость выработки ограничительных мер в отношении VPN-сервисов встроенных браузеров шифрования интернет-соединений.

В заключение отметим, что в настоящий момент времени арсенал сил, средств и методов оперативно-розыскной деятельности, имеющийся в распоряжении сотрудников оперативных подразделений органов внутренних дел, ведущих борьбу с фальшивомонетничеством не достаточен. Несомненно, что значительно повысит эффективность противодействия обозначенным в настоящей статье бесконтактным способам сбыта фальсификатов использование всех достижений научно-технического прогресса. Неслучайно ч. 1 ст. 11 Федерального закона от 7 февраля 2011 г. № 3-ФЗ «О полиции» к числу принципов деятельности данного федерального органа исполнительной власти, среди прочих, относит обязанность применять современные достижения науки и техники [14]. Но при этом мы должны помнить и использовать положительный исторический опыт борьбы с фальшивонетничеством, чтобы всегда быть минимум на шаг впереди преступников.

## Использованная литература

1. Болотский, Б.С. [и др.] Фальшивые деньги (фальшивомонетничество) / Под ред. профессора В.Д. Ларичева. – М.: Экзамен, 2002. – 384 с.
2. Электронный ресурс – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/ Баранов Виктор Иванович. (дата обращения: 20.11.2021).
3. Электронный ресурс – Режим доступа: https://мвд.рф/history/Centralnij_muzej_MVD_Rossii. (дата обращения: 20.11.2021).
4. Маэстро фальшивых купюр // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.privatelife.ru/2003/os03/n7/5.html. (дата обращения: 20.11.2021).
5. Старый фальшивомонетчик отстал от жизни // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kommersant.ru/doc/283755. (дата обращения 20.11.2021).
6. В Нижнем Новгороде судят фальшивомонетчика, жившего на заброшенном заводе // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kommersant.ru/doc/4804341. (дата обращения 20.11.2021).
7. Дело № 1-44/2018 (1-510/2017) // Архив Ленинского районного суда г. Чебоксары Чувашской Республики.
8. Лугинец, Е.А. О некоторых тенденциях организованной преступности в сфере фальшивомонетничества и мерах, направленных на противодействие ее развитию (оперативно-разыскной аспект) / Лугинец Е.А., Чичерин Ю.С. // Вестник Волгоградской академии МВД России. 2020. - № 2 (53). - С. 117-124.
9. Рогатых, Л.Ф. Злоупотребления в сфере обращения денег, ценных бумаг и платежных документов: Учебное пособие / Л.Ф. Рогатых. - СПб., 2003. - 56 с.
10. Лугинец Е.А. Фальшивомонетчики осваивают новые технологии при совершении преступлений / Лугинец Е.А. // Актуальные вопросы совершенствования деятельности правоохранительных органов внутренних дел Российской Федерации: сборник тезисов и статей Международной научно-практической конференции. Тюмень, 2019.
11. Официальный сайт Банка России: Раздел «Новости» // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://cbr.ru/news/ (дата обращения: 20.11.2021).
12. Сомик, К.В., Хабибулин, А.Г. Совершенствование противодействия экономической преступности, использующей возможности сети Интернет и криптографических средств / К.В. Сомик, А.Г.Хабибулин // Теория государства и права. - 2020. - № 4 (20). С. 220-231.
13. Вся эта дурь. Исследование о том, на чем сидит Россия // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.proekt.media/research/narkotiki-v-darknete/?utm_source=tlgrm &utm_ medium =chnl&utm_campaign=dur. (дата обращения 20.11.2021).

14.Федеральный закон «О полиции» от 07.02.2011 № 3-ФЗ (последняя редакция) // СПС «КонсультантПлюс».

**References**

1. Bolotsky, B.S. [and others] Counterfeit money (counterfeiting) / Ed. Professor V.D. Laricheva. - M .: Examination, 2002 . - 384 p.
2. Electronic resource - Access mode: https://ru.wikipedia.org/ Baranov Viktor Ivanovich. (date of access: 20.11.2021).
3. Electronic resource - Access mode: https: //mv.d.rf/history/Centralnij_muzej_MVD_Rossii. (date of access: 20.11.2021).
4. Maestro of counterfeit banknotes // [Electronic resource]. - Access mode: http://www.privatelife.ru/2003/os03/n7/5.html. (date of access: 20.11.2021).
5. The old counterfeiter lagged behind life // [Electronic resource]. - Access mode: https://www.kommersant.ru/doc/283755. (date of treatment 11/20/2021).
6. In Nizhny Novgorod, a counterfeiter who lived in an abandoned factory is being tried // [Electronic resource]. - Access mode: https://www.kommersant.ru/doc/4804341. (date of treatment 11/20/2021).
7. Case No. 1-44 / 2018 (1-510 / 2017) // Archive of the Leninsky District Court of the city of Cheboksary, Chuvash Republic.
8. Luginets, E.A. On some tendencies of organized crime in the field of counterfeiting and measures aimed at countering its development (operational-search aspect) / Luginets E.A., Chicherin Yu.S. // Bulletin of the Volgograd Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. 2020. - No. 2 (53). - P. 117-124.
9. Horned, L.F. Abuse in the sphere of circulation of money, securities and payment documents: Textbook / L.F. Horned. - SPb., 2003 . - 56 p.
10. Luginets E.A. Counterfeiters master new technologies when committing crimes / Luginets E.A. // Topical issues of improving the activities of law enforcement agencies of the internal affairs of the Russian Federation: a collection of abstracts and articles of the International Scientific and Practical Conference. Tyumen, 2019.
11. Official website of the Bank of Russia: "News" section // [Electronic resource]. - Access mode: URL: https://cbr.ru/news/ (date of access: 20.11.2021).
12. Somik, K.V., Khabibulin, A.G. Improvement of counteraction to economic crime, using the capabilities of the Internet and cryptographic means / K.V. Somik, A.G. Khabibulin // Theory of State and Law. - 2020. - No. 4 (20). P. 220-231.
13. All this nonsense. Research on what Russia is sitting on // [Electronic resource]. - Access mode: https://www.proekt.media/research/narkotiki-v-darknete/?utm_source=tlgrm & utm_ medium = chnl & utm_campaign = dur. (date of treatment 11/20/2021).
14. Federal Law "On Police" dated 07.02.2011 No. 3-FZ (last edition) // ATP "ConsultantPlus".

ТДК 343.163

# МАСЪАЛАИ ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР ДАВРАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

# ПРОБЛЕМЫ УЧАСТИЯ ПРОКУРОРА НА СТАДИИ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО СЛЕДСТВИЯ

# PROBLEMS OF PARTICIPATION OF THE PROSECUTOR AT THE STAGE OF PRELIMINARY INVESTIGATION

МАҲМУДОВ И.Т.
MAKHMUDOV I.T.
*Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридеческого факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент*
*Head of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the Faculty of Law of the Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor*



E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.09 - мурофиаи ҷиноятӣ.
*Научная специальность:* 12.00.09 – уголовный процесс.
*Scientific specialty:* 12.00.09 - criminal process.

*Тақриздиҳанда:* ИСКАНДАРОВ З.Ҳ. – профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

*Рецензент:* ИСКАНДАРОВ З.Х. – профессор кафедры организации управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор.

*Reviewer:* ISKANDAROV Z.H. - professor of the Department of law enforcement management of the faculty № 1 Of the Academy of the Ministry of internal Affairs, Professor of the Department judicial law and prosecutorial supervision of the faculty of law of the Tajik national University, doctor of law.

*Аннотатсия:* Мақола ба баррасии масъалаи иштироки прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ бахшида шудааст. Муаллиф зикр менамояд, кияке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки фаъолияти прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ин иштироки ӯ дар давраи тафтишоти пешакӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ, инчунин такя ба дастовардҳои муосири илмӣ мавқеи прокурор дар тафтишоти пешакӣ таҳқиқ шуда, оид ба дурнамои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ин самт таклифҳо пешниҳод шудаанд.

*Вожаҳои калидӣ:* мурофиаи ҷиноятӣ, прокурор, назорати прокурорӣ,давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ, функсияҳои прокурор, ваколатҳои прокурор, таъқиботи ҷиноятӣ.

*Аннотация:* В статье рассматриваются вопросы участия прокурора на стадии предварительного следствия. Автор отмечает, что одним из основных и приоритетных

направлений деятельности прокурора в уголовном процессе является участие в предварительном следствии. На основе анализа законодательства, правоприменительной практики органов предварительного следствия, а также опираясь на современные научные достижения в этой области, в статье исследуются вопросы процессуального положения прокурора на стадии предварительного следствия, сформулированы предложения по дальнейшему развитию уголовного процессуального законодательства в части рассматриваемого вопроса.

*Ключевые слова:* уголовный процесс, прокурор, прокурорский надзор, стадии уголовного процесса, предварительное следствие, дознание, функции прокурора, полномочия прокурора, уголовное преследование.

*Annotation:* The article deals with the participation of the prosecutor at the stage of preliminary investigation. The author notes that one of the main and priority activities of the prosecutor in the criminal process is participation in the preliminary investigation. Based on the analysis of legislation, law enforcement practice of the preliminary investigation bodies, as well as relying on modern scientific achievements in this area, the article examines the issues of the procedural position of the prosecutor at the stage of preliminary investigation, formulates proposals for the further development of criminal procedural legislation in terms of the issue under consideration.

*Key words:* criminal process, prosecutor, prosecutor's supervision, stages of the criminal process, preliminary investigation, inquiry, prosecutor's functions, prosecutor's powers, criminal prosecution.

**Я**ке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки, пеш аз ҳама, зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад.

Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба субъектони дахлдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ваколат додааст, ки дар ҳолатҳои бо кодекс пешбинишуда нисбати доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро татбиқ намоянд. Гузашта аз ин, дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ боз ҳам эҳтимолияти дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусоифрат ҷой доранд. Бинобар ҳамин, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, баррасии холисона ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд мусоидат намоянд. Яке аз кафолатҳои муҳимми таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ин падидаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [5, с. 334].

Дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда, барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд.

Ба назари мо, омилҳои асосие, ки дар шароити кунунӣ ногузир иштироки прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯйи кор меоранд, инҳо хусусияти оммавӣ доштани мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати таъмини қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиа ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ мебошанд. Бинобар ҳамин, иштироки

прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура боқӣ мемонад.

Яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки фаъолияти прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ин иштирок дар давраи тафтишоти пешакӣ ба ҳисоб меравад. Иштироки прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ яке аз фишангҳои муҳими таъмини қонуният ва кафолатҳои воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Заминаҳои ҳуқуқии иштироки прокурорро дар ин самт Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] (минбаъд - ҶТ), Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2], Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (минбаъд – КМҶ ҶТ) [3], фармонҳои Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15-уми феврали соли 2016, № 25, «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамал баровардани адолати судӣ» аз 15-уми феврали соли 2016, № 30,«Дар бораи вазифаҳои мақомоти прокуратура оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ» аз 15-уми феврали соли 2016, № 5[4] ва ғ. ташкил медиҳанд.

Тафтишоти пешакӣ аз давраҳои асосии тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта дар фароҳам овардани заминаҳои муносиби ҳуқуқии баррасии парванда дар суд нақши муассир дорад. Давраи тафтишоти пешакӣ танҳо пас аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ фаро расида бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарор дар бораи ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ё баровардани қарори қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ анҷом меёбад. Давраи мазкур дорои нишона, мақсад ва вазифаҳои муайян мебошад.

Чун дигар давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ давраи тафтишоти пешакӣ дорои нишонаҳои зерин мебошад:

1) вазифа ва мақсади муайян;
2) қарори ниҳоии мурофиавӣ;
3) доираи муайяни иштирокчиён;
4) шакли мурофиавӣ.

Тафтишоти пешакӣ ҳамзамон мақсади зеринро пайгирӣ менамояд:

- ошкор кардани ҷиноят; муайян ва фош кардани шахси гунаҳкор ё ин ки, сафед кардани шахси бегуноҳ; ташаккули заминаи боэътимоду кофии далелҳо барои муҳокимаи судӣ;
- таъмин кардани иштироки шахсии айбдоршаванда дар суд;
- ҳалли масъалаи рӯёнидани зарари аз ҷиноят расонидашуда.

Барои ба даст овардани мақсадҳои ишорашуда дар назди давраи мазкур ҳалли вазифаҳои зерин меистанд: ҷустуҷӯ, дарёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ; таъмини ҳуқуқи шахс ба ҳимоя; татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ; ба суд ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ ё ин ки қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиботи ҷиноятӣ.

Маврид ба зикр аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ аз ҷониби як зумра олимону донишмандони маъруфи тоҷик, аз қабили Н.А. Абдуллоев, М.А. Маҳмудзода, З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, Х.М. Мирзамонзода, А.А. Муҳиддинов, П.С. Абдуллоев, Н.А. Нозиров, Ю.А. Раҳмон, Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.Л. Арипов, Ш.О. Салимзода, М. Шаҳидуллозода, Н.Н. Фозилов, Н.Б. Хоҷаева, А.Х. Авзалов, М.С. Раҳимзода, Х.Ғ. Ҷалолов, Б.С. Негматов ва дигарон оид ба паҳлуҳои гуногуни рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин такмили падидаи иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ осори арзишманди илмӣ таълиф шудаанд.

Тафтишоти пешакӣ мувофиқи назари донишмандони тоҷик фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровардашудаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор оид ба ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани

асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Назар ба андешаи онҳо, дар ин давра мақомоти тафтишот ҷиноятро ошкор; ҳолатҳои содир кардани ҷиноят, шахси гунаҳкор, ангезаи ҷиноят; ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хислати ҷавобгарӣ таъсир мерасонанд; андозаи зарари расонидашуда, сабаб ва шароите, ки ба содир кардани ҷиноят мусоидат намудаанд ва ҳолатҳои дигарро муайян мекунанд [6, с. 300].

Ба андешаи А.А. Мухитдинов, мақсади асосии тафтишоти пешакиро муқаррар кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятии тафтишшаванда ва мазмуни онро бошад ҳолатҳои воқеие, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, ташкил медиҳад [7, с. 116].

Дар хусуси мавқеи мурофиавии прокурор, функсия ва таъйиноти асосии ӯ дар давраи тафтишоти пешакӣ дар адабиёти илмӣ андешаву назарҳои гуногуни олимони ватаниву хориҷи кишварҷой доранд.

Ба андешаи профессор З.Ҳ.Искандаров, прокуратура дар шароити муосир дар мурофиаи ҷиноятӣ он мавқеъро соҳибаст, ки, пеш аз ҳама, он бо дарназардошти функсияи конститутсионии прокуратура асос меёбад. Мавсуф ишора менамояд, ки мақомоти прокуратура аз замони таъсис то кунун функсияи назорати иҷрои қонунҳоро амалӣ менамояд. Прокуратура ягона мақомоти давлатиест, ки назорати иҷрои қонунҳо, мазмун, моҳият ва асоси фаъолияти онро ташкил медиҳад. Ба назари ӯ, дигар функсияҳои прокуратура функсияҳои мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад [8, с. 71-72].

Ба андешаи Р.Р. Юлдошев (Р.Р. Раҳмадҷонзода), муҳиммтарин функсияҳои прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ин таъқиботи ҷиноятӣ, назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро анҷом медиҳанд ва назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар даврaҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Ӯ чунин мешуморад, ки функсияи таъқиботи ҷиноятии оммавӣ дар ду қисматҳои мустақил: давраҳои то судӣ ва судӣ амалӣ мешавад. Дар давраҳои то судӣ бо роҳи оғози парванда ва тафтиши он ва дар марҳилаҳои судии мурофиаи ҷиноятӣ бошад, бо роҳи дастгирии айби давлатӣ дар суди марҳилаи якум ва овардани эътироз нисбат ба санадҳои судӣ ба судҳо марҳилаҳои болоӣ [9, с. 216].

Ба андешаи А.А. Ҷонаков ҷиҳати таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, манфиати давлату ҷомеа набояд роҳи аз иҷрои функсияҳои ба мақомоти прокуратура хос озод кардани прокурорро интихоб намуд. Прокуратура - ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи назорати иҷрои қонунҳо, бо дарназардошти таъйиноти хеш бояд функсияи назорати иҷрои қонунҳо ва таъқиботи ҷиноятиро (айбдориро) доро бошад [10, с. 144].

Бояд зикр кард, ки дар умум, тамоми андешаҳои дар боло овардаи олимон ва мутахассисони соҳа асоси воқеӣ дошта, қобили дастгирӣ ва эҳтиром аст.

Аз нуктаи назари профессор А.Г. Халиулин, дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ аслан прокурор-айбдоркунанда ва ё прокурор- ҳимоятгар мавҷуд нест. Прокурор шахси холис ва беғаразест, ки назорати иҷрои қонунҳоро ба амал мебарорад [11, с. 49].

Ба андешаи Н.В. Буланова, дар давраи тафтишоти пешакӣ прокурор на бояд, ки ҳамчун тарафи айбдоркунанда шинохта шавад, зеро ки вазифаи асосии ӯ, бо истифода аз имкониятҳои мурофиавӣ, ин таъмин кардани қонуният дар давраи тафтишоти пешакӣ мебошад [12, с. 71].

Дар ҳамин ҳол андешаҳои дигар низ ҷой доранд, ки маҳдуд кардани нақши прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ танҳо ба иҷрои функсияҳои айбдорӣ ба анъанаҳои ҳуқуқӣ мувофиқат намекунад. Зеро дар кишварҳое, ки аз низоми ҳуқуқии континенталӣ пайравӣ мекунанд, фаъолияти прокурор аслан хусусияти оммавӣ дошта, пеш аз ҳама, ба ҳимояи манфиатҳои оммавӣ нигаронида шудааст,

на ба ҳимояи манфиати тарафҳо дар мурофиа [13, с. 8].

Аз дидгоҳи дигар, дар мурофиаи ҷиноятии муосир фаъолияти прокурор, ки назорати доимии мустақил, ғайриидоравӣ ва холисонаро амалӣ месозад, аз унсурҳои муҳимми низоми кафолатҳои мурофиавии таъмини қонуният дар давраҳои тосудӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини тавозуни манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ нақши бориз дорад [12, с. 72].

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда мавқеъгириҳои алоҳида дар мавриди ҳамчун унсури низоми куҳнаи давлатдорӣ маънидод кардани назорати прокурорӣ, ба таври ҷиддӣ маҳдуд кардани ваколатҳои прокурор, аз байн бурдани он ва ё ба манфиати роҳбари воҳиди тафтишот таҷдиди назар кардани ваколатҳои прокурор беасос ва бармаҳал мебошанд [14, с. 333; 15, с. 47].

Зимнан бояд қайд намуд, ки вазифаҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ бо дарназардошти мақсади прокуратура ва таъйиноти мурофиаи суди ҷиноятӣ муайян карда мешаванд. Зимни иштирок дар тафтишоти пешакӣ, аз ҷониби прокурорҳо бояд чораҳои дахлдорро бо мақсади иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд; ҳимояи ҳолатҳои аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд андешида шаванд.

Натиҷаи таҳлил ва омӯзиши қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки таъйинот, самтҳои фаъолият ва функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ дар моддаҳои 30, 31 Қонуни конститутсионии ҶТ«Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаҳои 26, 36, 150, 168, 247 ва 248 КМҶ ҶТ ба таври возеҳу равшан баён шудаанд.

Аз ҷумла, дар моддаи 36 КМҶ ҶТ самтҳои асосии фаъолият ва функсияҳои прокурор дар дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба таври зайл муқаррар шудаанд: «Прокурор шахси мансабдори давлатӣ буда, … дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби онро таъмин менамояд. Прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ менамояд…».

Аз таҳлили КМҶ ҶТ чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вобаста ба давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои прокурор тағйир мейбанд. Масалан, дар давраҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтишоти пешакӣ прокурор функсияҳои назорати прокурорӣ ва таъқиботи ҷиноятиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, новобаста аз мавқеи мурофиавии иштирокчиёни мурофиа дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ, прокурор ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя намуда, барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда чораҳои дахлдор меандешад.

Назорати прокурорӣ ин фаъолияти мустақил ва беғаразонаи прокурор оид ба санҷиши иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҳисоб рафта, дар асосҳои доимӣ амалӣ карда мешавад. Прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ иштироки лаҳзавии судро, ки танҳо бо асосҳои маҳдуди пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ асос мёбад ва инчунин имконияҳои маҳдуди тарафи ҳимояро оид ба ҳимояи манфиатҳои мурофиавии худ дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ пурра месозад, барои таъмини ҳамаҷонибаи тафтишот ва равшан сохтани ҳолатҳои кор, инчунин муайян кардани ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда ва сабуккунанда мусоидат менамояд [16, с. 217-218].

Мазмуну моҳияти функсияи назорати прокурориро оид ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ин дар асосҳои доимӣ ва воқеъбинона ба амал баровардани фаъолият ҷиҳати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофаи судии ҷиноятӣ, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ баррасӣ ва ҳалли аризаву маълумот оид ба ҷиноят ва рафти

тафтишот, қонунӣ будани қарорҳои мурофиавии қабулнамудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани қонуншиканиҳои рухдода, барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда, инчунин, бартараф намудани шарту ҳолатҳое, ки ба он мусоидат намудаанд, ва андешидани чораҳо бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкори масъул тибқи талаботи қонун пешбинишударо ташкил медиҳад.

Дар баробари функсияи назорати прокурорӣ, ҳамзамон, функсияи таъқиботи ҷиноятӣ низ аз функсияҳои муҳимми прокурор дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нишонаҳои асосии таъқиботи ҷиноятӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: таъқиботи ҷиноятии фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтиши пешакӣ, таҳқиқ, прокурор мебошад; таъқиботи ҷиноятӣ дар маҷмуъ, хусусияти айбдоркуниро дорад; таъқиботи ҷиноятӣ, ба таври истисно, танҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор ва шахсоне, ки ба тарафи айбдорӣ хоссанд, ба амал бароварда мешавад; таъқиботи ҷиноятӣ ин фаъолияти ҳадафнок ба мақсади ошкор намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда дар содир кардани ҷинояти бо Кодекси ҷиноятӣ манъшуда мебошад. Таъқиботи ҷиноятӣ - ҳамчун функсияи мақомоти српокуратура, амалҳои зеринро дар бар мегирад: оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси мушаххас, аз ҷониби прокурор ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, тасдиқи хулосаи айбдорӣ аз ҷониби прокурор ва ба суд барои баррасӣ фиристодани он, дастгирии айби давлатӣ дар суд.

Дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон чунин функсияҳои прокурорро дар давраи тафтишоти пешакӣ ҷудо намуд: функсияи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ; функсияи таъқиботи ҷиноятӣ; функсияи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа [5, с. 338].

Дар фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид бариояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15-уми феврали соли 2016, № 25 [4] тамоми прокурорҳои дахлдор ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ба амал баровардани таҳқиқ ва тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи парвандаҳои ҷиноятӣ, вазифадор карда шудаанд. Гузаша аз он, онҳо бояд рафти қабул, бақайдгирӣ, баррасии ариза ва иттилоот дар хусуси ҷиноятро таҳти назорати қатъӣ гирифта, мунтазам, на кам аз як маротиба дар як моҳ, масъалаи мазкурро дар мақомоти зери назоратиашон мавриди санҷиш қарор диҳанд. Ҳолати иҷрои қонуни мурофиавии ҷиноятиро вобаста ба қабул, бақайдгирӣ ва баррасии аризаю иттилоот дар бораи ҷиноят на камтар аз ду маротиба дар як сол дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ҳамзамон, дар фаъолияти прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳо мавриди таҳлил ва ҷамъбаст қарор додашуда, вобаста ба натиҷаҳои таҳлилҳо чораандешӣ намоянд.

Ҳамзамон, дар фармони Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамал баровардани адолати судӣ” аз 15-уми феврали соли 2016, № 30 [4], таъкид мешавад, ки новобаста аз чораҳои андешидашуда, ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамалбарории адолати судӣ аз байн нарафтааст, ки чунин зуҳуроти номатлуб нобовариро дар ҷомеа нисбат ба волоияти қонун ва кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла ба он ишора мешавад, ки мувофиқи натиҷаи таҳлилҳо ҳолатҳои дар асоси маводҳои нопурраи

санҷишӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, риоя нагардидани дахлнопазирии шахсият ва манзил, эҳтироми шаъну шарафи шахс, маҳрамияти мукотибот, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот, забони мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, бе ҷамъ овардани далелҳои кофии тасдиққунандаи гуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон, дастгир ва розигӣ додан барои ба ҳабс гирифтани онҳо, то ҳол дар фаъолияти сохторҳои таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷой дошта, бахри пешгирии ин қонунвайронкуниҳо аз ҷониби прокурорҳои дахлдор на ҳама вақт чораҳои лозима андешида мешавад.

Мавриди зикри хос аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура 13-уми марти соли 2018 оид ба мавҷудияти камбудиҳои муайян зимни ба амал баровардани назорати прокурорӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ таваҷҷуҳи кормандони прокурориро ҷалб сохта, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд. Аз ҷумла, иброз намуданд, ки вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои мақомоти таҳқиқу тафтиш ба талабот ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд. Масалан, мақомоти прокуратура 1215 ҳолати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятиро ошкор намуда, қарорҳои ғайриқонунии муфаттишонро бекор намуданд. Илова бар ин, 228 қарори дигар мақомоти тафтиш дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби беасос оғоз карда шуданашон қатъ карда шудаанд [17].

Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки мақомоти прокуратураро зарур аст, ки назорати риояи қонунро дар марҳилаҳои тосудӣ, алалхусус, ғайриқонунӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва беасос ба ҷавобгарӣ кашидани одамон, сифати пасти тафтиши парвандаҳо ва риоя нагардидани мӯҳлати тафтиш боз ҳам пурзӯр карда, ҳолатҳои беасос кашол додани тафтиш ва аз ҷониби таҳқиқбарандагону муфаттишон бидуни зарурат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даъват кардани шаҳрвандонро пешгирӣ намояд [17].

Дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба ва пурраву холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд ва ҳамзамон, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, сабуккунанда, вазнинкунанда ва асосҳои ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Мутаассифона, ин талаботи қонун аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ на ҳама вақт риоя мегардад. Дар баъзе мавридҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон халалдор гашта, онҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва дар натиҷа дар мурофиаҳои судӣ айби эълонгардида исботи худро наёфта, аз ҷониби судҳо ҳукми сафедкунанда баровада мешавад. Чунончи, дар ин давра аз ҷониби судҳо нисбат ба 121 нафар ҳукмҳои сафедкунанда баровада шудаанд, ки аз ин шумора 62 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ба итмом расонидашуда ва 59 нафар ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вобаста мебошанд. Ҳамчунин, нисбат ба 151 нафар ҳукмҳои қисман сафедкунанда баровада шудаанд, ки аз ин шумора 13 нафар бо парвандаҳои айбдоркунии

хусусии оғознамудаи судҳо ва 138 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба итмом расонидашуда мебошанд» [18].

Зимнан бояд таъкид намуд, ки масъалаи таъмини қонуният, баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои исон ва шаҳрванд, пешигирӣ аз таъқиботи беасос дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти мақомоти прокуратура қарор дорад.

Аз ин рӯ, тавре ки аз ҳисоботи солонаи Прокурори генералии мамлакат ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти прокуратураро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти таъқиби ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дар натиҷаи саривақт андешидани чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ доираи муайяни қонуншиканиҳо ошкор ва бартараф карда шудаанд.

Чунончи, соли 2019 - 73 (85) ҳолати ғайриқонунӣ ва бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 5 (13) ҳолати ғарйриқонунӣ дастгир намудан, 3(8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ва 5 (8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон ошкор карда шуда, дар маҷлисҳои васеи ҳайати мушовара мавриди муҳокима ва чораҷуйи қарор дода шуданд [19].

Соли 2020 бошад ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, алалхусус, дар рафти таъқиби ҷиноятӣ таҳти назорати қатъии прокуророн қарор дошта, 48 ҳолати ғайриқонунию бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 10 ҳолати ғайриқонунӣ дастгир кардан, 6 ҳолати ғариқонунӣ ба ҳабс гирифтан, 12 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон ошкор карда, ҳуқуқҳои поймолгардидаи онҳо барқарор ва нисбат ба шахсони гунаҳкор чораҳои қатъии прокурорӣ андешида шуд [20].

Бо вуҷуди анҷом додани тадбирҳои зиёд ҳолатҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакии кишвар то ҳол ҳолатҳои ғайриқонунӣ оғоз ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, қабули қарорҳои ғайриқонунӣ ва беасос, дастгиркунӣ ва маҳкумкунии беасос аз байн нарафтаанд.

Аз ин рӯ, ҳолати кунунӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади тақвият бахшидан ба самаранокии фаъолияти прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ бояд тадбирҳои дахлдор андешида шаванд. Аз ҷумла, дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа зарур мешуморем, ки самтҳои афзалиятноки иштироки прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ инҳо ҳисобида шуда, кор дар ин самт ҷоннок карда шавад:

- иҷрои талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба қабул, бақайдгирӣ ва баррасии аризаю иттилоот дар бораи ҷиноят;
- қонунӣ оғоз ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ;
- санҷиши қонунӣ ва асоснокии дастгиркунӣ;
- муайян кардани тобеияти тафтишотӣ;
- таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ва бартараф кардани оқибатҳои онҳо;
- расонидани ёрии амалӣ ҷиҳати дуруст тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ва гирифтани далелҳои шайъӣ бо истифодаи техникаи криминалистӣ ва усулҳои наву муосири дарёфти далелҳои шайъӣ (аз ҷумла, заррачаҳо) ҳангоми азназаргузарони ҷойи ҳодиса оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин;
- мусоидат намудан ба баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии муфаттишон ва таҳқиқбарандагон, аз ҷумла, баланд бардоштани савияи дониш ва тахассуснокии прокурорҳо, муфаттишон, таҳқиқбарандагон;
- риояи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми дарёфт намудан, мустаҳкам кардан, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо;
- ғайри қобили қабул донистани далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯроварӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, муносибати

бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ, фиреб ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд;

- таъмини ҳуқуқи гумонбаршуда ва айбдоршаванда ба ҳимоятгар;

- қонунӣ ва асоснок гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ;

- риояи мӯҳлати тафтишот ва дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандагон;

- қонунӣ ва асоснокии интихоби чораи пешгирӣ;

- мусоидат кардан ба барқарор кардани зарари аз ҷиноятҳо расонидашуда;

- қонунӣ ва асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва эълони айб;

- расонидани ёрии амалӣ ба прокурорҳо, муфаттишон ва таҳқиқбарандагон ҳангоми истифодаи воситаҳои техникаи криминалистӣ, ҷомадони тафтишотӣ дар рафти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ;

- риояи мӯҳлатҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ;

- пешгирии ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан,

-пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ боздоштани тафтиши пешакӣ ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ,

- тасдиқи хулосаи айбдорӣ ва ба суд ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ.

Ҳамзамон, яке аз омилҳои асосии беҳдошти кор дар ин самт ин баланд бардоштани савияи касбии кормандони соҳа дар оянда ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ҳолатҳои ҷойдошта, пешниҳод менамоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки мутахассисони соҳаи ҳукуқшиносиро омода менамояд, ихтисосҳои алоҳида оид ба тайёр кардани мутахассисони болаёқати соҳаи тафтишот, суд ва прокуратура таъсис дода шавад. Зарур аст, ки нақшаҳои таълимии ин ихтисосҳо бо назардошти тамоюлҳои муосири омода кардани кадрҳои ҳуқуқшиносӣ ва ба назари эътибор гирифтани талаботи бозори меҳнат ва талаботи корфармоён таҳия карда шаванд.

Бо мақсад мувофиқ шуморем, ки бо назардошти махсусиятҳои қонунгузории миллӣ, таҳлили воқеияти ҳуқуқии кишвар ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо падидаҳои нави қонунгузории кишварҳои ҷаҳон ва минтақа оид ба масъалаи иштироки прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ, такмил дода шавад.

Ҳамин тариқ, лозим ба таъкид аст, ки дар шароити кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ он модели мурофиаи ҷиноятие, ки дар Тоҷикистон аслан бо назардошти мавҷудияти баъзе аз унсурҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва имкониятҳои васеи амали асосҳои мубоҳисавӣ дар давраҳои судӣ асос ёфтааст, имкон фароҳам меоварад, ки иштироки прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ ҳамчун кафолати муҳим ва боэътимоди риояи қонунҳо ҳангоми баррасии ариза ва иттилоот оид ба ҷиноят, пешбурди муназзами истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати зуҳур ва бартараф кардани қонуншиканиҳои ошкоршуда, бартараф кардани шароит ва ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат намудаанд, барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи иштирокчиёни мурофиа баромад намояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.10.2021).

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с, № 107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 398; с. 2006, № 3, мод. 141; …с. 2020, № 12, мод. 897;с. 2021, № 1- 2, мод.2.

3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 с,№ 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, № 7, мод. 551; …с. 2020, № 7-9, мод. 602, мод. 608; с. 2021. №1-2, мод.5; № 4, мод.197.

4. Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 320 с.

5. Маҳмудов, И.Т. Функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшии лмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 9. - С. 334-335.

6. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 556 с.

7. Мухитдинов, А.А. Институт приостановления предварительного следствия в уголовном процессе Республики Таджикистан // Труды Академии управления МВД России. - 2017. - № 2 (42). - С. 116-118.

8. Искандаров, З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь. - Душанбе, - 2017. - № 4 (20). - С. 71-72.

9. Юлдошев, Р.Р. Прокурорский надзор и уголовное преследование в Таджикистане // Прокуратура: вчера, сегодня, завтра (Сухаревские чтения): сб. материалов IIМеждународной научно-практической конференции (г. Москва, 7 октября 2016 г.) / под общ. ред. О.С. Капинуса. – М.: Академия Генеральнойпрокуратуры Российской Федерации, 2017. - С. 216-222.

10.Джонаков, А.А. За сохранение функций органов прокуратуры Таджикистана // Законность. Теоретический и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры РТ. Юбилейный номер. - № 1. 2009. - С.144-145.

11.Халиулин, А.Г. Прокурорский надзор за обеспечением прав подозреваемого и обвиняемого: дис. … канд. юрид. наук [12.00.09] / Александр Германович Халиулин. - М.,1988. – 194 с.

12.Буланова, Н.В. Состязательность в судебном производстве: миф и реальность // Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. - № 3 (71). - 2019. - С.71-74.

13.Чиканов, А.Б. Функции прокурора и принцип состязательности в российском уголовном судопроизводстве: автореф. дис. … канд.юрид.наук [12.00.09] / Алексей Борисович Чиканов. - СПб., 2003. – 195 с.

14.Деришев, Ю.В. Уголовное досудебное производство: концепция процессуального и функционально-правового построения: дис. … д-ра юрид.наук [12.00.09] / Юрий Владимирович Деришев.- Омск, 2005. – 436 с.

15.Супрун, С.В. Прокурорский надзор и ведомственный контроль: соотношение и перспективы развития // Российская юстиция. - М.: Юрист, 2011, - № 1. - С. 46-48.

16.Буланова, Н.В. Обеспечение законности досудебного производства средствами прокурорского надзора / Законность в Российской Федерации (Сухаревские чтения): сб. материалов 1-ой Международной Научно-практическойконференции (г. Москва, 16 октября 2015 г.) / под общ. ред.О.С. Капинус. – М.: Академия Генеральнойпрокуратуры Российской Федерации. - С.217-218.

17.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13-уми марти соли 2018 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 05.10. 2021).

18.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21-уми ноябри соли 2019 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 22.10.2021).

19.Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳури Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» // Рӯзномаи “Садои мардум” аз 21-уми марти соли 2020, № 36-37 (4142-4143).

20.Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» // Рӯзномаи “Садои мардум” аз 29-уми январи соли 2021. № 12 (4274).

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan from November 6, 1994 (as amended by September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016) // [Electronic source] - Access schedule: http: //mmk.tj/content (application date: 05.10.2021).
2. Constitutional law of the Republic of Tajikistan "About bodies of prosecutor's office of the Republic of Tajikistan" from July 25, 2005, № 107 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2005, №7, art. 398; 2006, № 3, art. 141; … 2020, № 12, art. 897; 2021, № 1- 2, art.2.
3. Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan from 3.12.2009, № 564 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2009, № 12, art. 815, art. 816; s. 2010, № 7, art. 551; … 2020, № 7-9, art. 602, art. 608;2021. №1-2, art.5; № 4, art.197.
4. Orders of the Prosecutor General of the Republic of Tajikistan and other normative legal acts on the activity of the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan. Volume 1. - Dushanbe: «Irfon», 2016. - 320 p.
5. Mahmudov, I.T. Functions of the prosecutor during the preliminary investigation of criminal cases // Message of the Tajik National University. Socio-economic and social sciences. - 2020. - № 9. - P. 334-335.
6. Criminal Proceedings: Textbook / Editor-in-Chief R.R. Yuldoshev. - Dushanbe: «Er-graf», 2018. - 556 p.
7. Mukhitdinov, A.A. Institute of suspension of preliminary investigation in the criminal process of the Republic of Tajikistan // Proceedings of the Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2017. - No. 2 (42). - P. 116-118.
8. Iskandarov, Z.Kh. The role of the prosecutor's office in ensuring human rights and freedoms in the pre-trial stage of the criminal process of the Republic of Tajikistan: history and modernity // Legal life. - Dushanbe, - 2017. - No. 4 (20). - P. 71-72.
9. Yuldoshev, R.R. Prosecutorial supervision and criminal prosecution in Tajikistan // Prosecutor's office: yesterday, today, tomorrow (Sukharev Readings): Sat. materials of the II International Scientific and Practical Conference (Moscow, October 7, 2016) / under the general. ed. O.S. Kapinus.- M .: Academy of the Prosecutor General's Office of the Russian Federation, 2017. - P. 216-222.
10. Dzhonakov, A.A. For the preservation of the functions of the prosecutor's office of Tajikistan // Legality. Theoretical and scientific-practical journal of the General Prosecutor's Office of the Republic of Tatarstan. Anniversary number. - No. 1. 2009. - P.144-145.
11. Khaliulin, A.G. Prosecutor's supervision over ensuring the rights of the suspect and the accused: dis. … cand. legal Sciences 12.00.09 / Alexander Germanovich Khaliulin. - M., 1988. – 194 p.
12. Bulanova, N.V. Competitiveness in judicial proceedings: myth and reality // Bulletin of the University of the Prosecutor's Office of the Russian Federation. - No. 3 (71). - 2019. - P.71-74.
13. Chikanov, A.B. The functions of the prosecutor and the principle of competition in Russian criminal proceedings: author. dis. … cand. legal Sciences: 12.00.09 / Aleksey Borisovich Chikanov. - St. Petersburg, 2003. - 195 p.
2) объекти амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро манфиатҳои на шахсӣ, балки давлатӣ ва ҷамъиятӣ ташкил медиҳад;

3) тарафи субъективии онро иродаи на шахсӣ, балки давлатӣ, ҳадафҳои умумидавлатӣ ташкил медиҳад;

4) тарафи объективии амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро амали фаъолона баҳри иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнати софдилона, садоқатмандӣ ташкил медиҳад.

Амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар робита бо амали иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Ба андешаи бештари олимон, амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ намуди мустақил ва махсуси амали иҷтимоӣ мебошад [10, с. 6-10; 11, с. 3-4; 14].

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ моҳияти ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ҳуқуқӣ дорад.

Ақидаҳои муҳаққиқон оид ба табиати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии амали ҳуқуқӣ гуногун аст. Чунончи, ба ақидаи як қатор олимон, нишонаҳои иҷтимоии амали ҳуқуқиро ташкил медиҳанд: амали ихтиёрона, бошуурона, ба ҷомеа муфид, амали ҷавобгӯйи манфиатҳои одамон ва халқ [26, с. 8-9; 27, с. 5-6; 34, с.45].

Ақидаҳои олимони зикршударо ба асос гирифта, айни замон мебояд қайд намуд, ки табиати иҷтимоии он бо меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ низ муайян карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, моҳияти иҷтимоии амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар робита бо нишонаҳои зерини он муайян карда мешавад:

– амалӣ ба ҷомеа муфид;

– амали иродавӣ ва бошуурона, ки бо дарки масъулияти иҷтимоӣ анҷом дода мешавад;

– амале, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои давлат ва ҷомеа буда, бо назардошти ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, манфиатҳои халқ ба сомон мерасад;

– амале, ки бо назардошти арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, осори фарҳанги маънавӣ, анъанаҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад.

Моҳияти ҳуқуқии амали ҳуқуқӣ дар заминаи нишонаҳои он, ки бо ҳуқуқ, қонун, риоя ва иҷрои қонун, иҷрои салоҳият, вазифаҳо ва уҳдадориҳо муайян карда мешавад. Ба андешаи олимон, моҳияти ҳуқуқии амали ҳуқуқиро нишонаҳои зерини ҳуқуқии он ташкил медиҳанд:

– амали мутобиқи талаботи қонун;

– амале, ки баҳри амалисозии ҳуқуқ ба сомон мерасад;

– амале, ки ба ҳуқуқ мухолиф нест;

– амали иҷозатдодаи қонун;

– амале, ки бо меъёрҳои вазифадоркунанда, ваколатдоркунанда, манъкунанда пешбинӣ мешавад;

– амали мутобиқ ба арзишҳои ҳуқуқӣ [12; 18, с. 20; 22, с. 8-15].

Бо назардошти ақидаҳои олимон, нишонаҳои амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ инҳо мебошанд:

– амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ танҳо дар доираи қонун, бо назардошти волоияти қонун, чун принсипи давлати ҳуқуқбунёд ба иҷро мерасад;

– бо мақсади риоя ва иҷрои қонун анҷом дода шуда, кафолати принсипи қонуният мебошад;

– дар раванди амалӣ гардидани меъёрҳои вазифадоркунанда ва манъкунанда ба иҷро мерасад, чунки дар танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки дар соҳаи фаъолияти хизматии мақомоти корҳои дохилӣ пайдо мешаванд, бештар усули императивӣ, тарзи танзими мартаботӣ истифода мешавад;

– дар фаъолияти хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ иҷрои меъёрҳои вазифадоркунанда муҳим аст, чунки дар онҳо салоҳияти хизматӣ, вазифаҳои мушаххаси хизматӣ аниқ муайян карда мешаванд;

– риояи меъёрҳои манъкунанда дар мақомоти корҳои дохилӣ аҳаммияти муҳим дорад, чунки кормандони ин мақомот, бо назардошти салоҳияти хизматӣ, танҳо доираи муайяни амали ҳуқуқиро, ки қонун манъ накардааст, ба иҷро мерасонанд, вагарна худсарӣ ва баромадан аз салоҳияти хизматӣ сар мезанад;

– меъёрҳои ваколатсоз танҳо дар ҳолатҳои муайян, аз ҷумла, зимни амалӣ намудани ҳуқуқҳои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешаванд.

Амали ҳуқуқӣ нишонаҳои дигар низ дорад. Ба ақидаи муҳаққиқон, амали ҳуқуқӣ шаклҳои ифодаи беруна низ дорад, ки зери назорат қарор дода шуда, тибқи талаботи ҳуқуқ ба сомон мерасад [13; 25].

Бо назардошти ин ақидаҳои олимон, амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятҳои зерин дорад:

– зери назорати мунтазам ва доимии роҳбарияти ин мақомот қарор дорад, чунки кормандони мақомоти номбурда салоҳияти васеи ҳокимиятӣ доранд;

– бо назардошти муносибатҳои мартаботӣ, аз ҷумла, муносибатҳои байни роҳбарият ва кормандони мақомот, ҳокимият ва тобеъият анҷом дода мешавад;

– бо риояи на танҳо қонун, балки меъёрҳои оинномавӣ (хизмати дохилӣ) ба роҳ монда мешавад;

– ба иҷрои амру супоришҳо, фармонҳои дохилӣ (фармоишҳои вазири корҳои дохилӣ, фармонҳо ва супоришҳои сардорони раёсат, шуъбаҳои вазорати корҳои дохилӣ) равона мешавад.

Бо ин хусусиятҳояш амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз амали ҳуқуқии шаҳрвандон фарқ мекунад.

Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ кафолати сифат ва самаранокии амали ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Ин ақидаро аксарияти олимон дастгирӣ мекунанд. Ба андешаи муҳаққиқон, таъмини амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои

дохилӣ аз ду гурӯҳи омилҳо вобастагӣ дорад.

1. Сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ, маълумоти комил оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳолатҳои ҳаётии татбиқи онҳо.

2. Ҳолати психологӣ, сифатҳои шахсӣ, шуури ҳуқуқии касбӣ, таҷрибаи корӣ [8, с. 203; 20, с. 42; 31, с. 24].

Амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз сатҳи самаранокии он вобастагӣ дорад. Ин намуди фаъолияти ҳуқуқӣ бо тафсир ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, омӯзиши фактҳои ҳуқуқӣ, қабули қарорҳои дахлдор, анҷом додани намудҳои дар қонун пешбинишудаи амали ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Самаранокии амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо натиҷаҳои он муайян карда мешавад. Тавре В.В. Лазарев қайд мекунад, ҳамон амале самаранок мебошад, ки «натиҷаҳои санади он талаботи субъектонро дар ҳамаи сатҳи зарурӣ қонеъ мегардонад» [15, с. 55].

Ин ақида қобили дастгирист. Амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ намуди татбиқи ҳуқуқ буда, бо қабули санади татбиқи ҳуқуқ анҷом меёбад. Санадҳои татбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои муайяни ҳаётӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд, қабул мегарданд. Санади татбиқи ҳуқуқ, сифати он аз натиҷаи амали ҳуқуқӣ дарак медиҳад. Маҳз санади татбиқи ҳуқуқ муайян мекунад, ки кадом натиҷаҳо дар чараён ва натиҷаи ниҳоӣ ба даст омаданд. Натиҷаҳо бошанд, самаранокии амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро муайян мекунанд.

Амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо ҳуқуқ, дарки ҳуқуқ, дарки моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, баҳои ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, вазъи ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ алоқаманд аст. Ба андешаи олимон, маҳз дарки ҳуқуқ ба амали бо ҳуқуқ робитадошта замина мегузорад [19, с. 153].

Ҳамзамон, мебояд зикр намуд, ки дар ҳаёти имрӯза дарки ҳуқуқ бо назардошти навъҳои гуногунии дарки ҳуқуқ, аз ҷумла, назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ, неопозитивӣ сурат мегирад. Дарки талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои фитрии инсон, арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили адолат, поквиҷдонӣ, озодӣ ва ғайра барои амали ҳуқуқӣ аҳаммияти калон дорад. Арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудаанд. Онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», кодексҳои одоби мақомоти гуногуни давлатӣ ифодаи худро ёфтаанд. Арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ ва талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд. Дарки дурусти онҳо заминаи амали ҳуқуқии ин кормандон мебошад.

Тавре маълум аст, амали ҳуқуқӣ сатҳи гуногун дорад. Он дар сатҳи фаъол ё фаъолона, дар сатҳи паст мумкин аст ба роҳ монда шавад. Профессор Р.Ш. Сотиволдиев (Шарофзода Р.Ш.) намудҳои зерини амали ҳуқуқиро ҷудо мекунад:

1. Амали ҳуқуқии фаъол, ки бошуурона, мақсаднок, зимни ташаббус ва амали фаъолонаи шахс баҳри ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҷомеа, мубориза бо ҷинояткорӣ ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва ғайра ба сомон мерасад. Амали ҳуқуқии фаъол, аз қабили ширкат дар интихобот ба ҳайси номзад ба вакили халқ, саҳмгузорӣ дар ташкили ҳизби сиёсӣ, ташкили корхона ва ғайраҳо бо харҷи иловагии вақт, қувва, маблағҳо ва ғайра ба сомон мерасад.

2. Амали ҳуқуқии маъмулӣ, ки бе сарфи иловагии вақт, маблағҳо ва ғайра анҷом дода мешавад. Амалҳои ҳамарӯзаи муқаррарии бештари одамон амалҳои маъмулӣ мебошанд. Амали маъмулӣ чунин амалест, ки ба ҳукми одат медароянд. Чунончи, риояи қоидаҳои ҳаракати роҳ аз тарафи ронандаи таҷрибадор маъмулист.

3. Амали ҳуқуқии ғайрифаъол ё беғайратона, ки дарҳолатҳои амалӣ нагаштани ҳуқуқҳои ҷудогона аз ҷониби шаҳрванд мушоҳида мешавад. Чунончи, иштирок накардан дар интихобот, ташкил

накардани оила ва ғайра амалҳои беғайратона мебошанд. Чунин амалҳо зиддиҳуқуқӣ набошанд ҳам, вале ба ҷомеа муфид нестанд [29, с. 673].

Ба ақидаи олимон, амали ҳуқуқии фаъолона намуди амали иҷтимоӣ буда, дар заминаи сифатҳои шахсӣ, дарки воқеият, иштироки шахсӣ дар ҳаёти ҷомеа анҷом дода мешавад [1, с. 32; 3, с. 9; 24,с. 19; 30, с. 25-30].

Амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ табиист, ки фаъолона мебошад, бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти хизматӣ, иҷрои вазифаҳои хизматӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Амали ҳуқуқӣ дар заминаи шуури ҳуқуқӣ, дарки мафҳумҳо, ақидаҳо, арзишҳои ҳуқуқӣ, эҳсосоти ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Шуури ҳуқуқӣ зинаи ибтидоӣ ва заминаи амали ҳуқуқӣ мебошад. Амали ҳуқуқии фаъолонаро одамоне ба харҷ медиҳанд, ки дониши баланди ҳуқуқӣ доранд, оид ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, алалхусус хатари ҷинояткорӣ, зарари коррупсия ба давлат, аҳаммияти қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ тасаввуроти мукаммал доранд. Барои ҳамин, олимон бар ақидаанд, ки амали ҳуқуқии фаъолона шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро инъикос мекунад [23, с. 21].

Амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии касбии онҳо ба роҳ монда мешавад. Ба ақидаи олимон, дониши ҳуқуқӣ, тасаввурот ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ, ҳиссиёти ҳуқуқӣ унсури таркибии амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд [21, с. 155].

Амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ сохти таркибии худро дорад. В.И. Гойман дар таркиби амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятҳои зеринро ҷудо мекунад: иттилоотӣ (сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ); арзишӣ (сифатҳои ахлоқӣ, ҳисси масъулият, эҳтироми қонун); амалӣ (қобилият, истеъдод, маҳорат) [4, с. 85].

Фаъолияти касбӣ ва салоҳияти хизматӣ аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ чунин амали фаъоли ҳуқуқиро талаб мекунад: пешгирии ҷинояткорӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, ошкор намудани ҷиноятҳо, тафтиши онҳо, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт танҳо дар заминаи амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ имконпазир мегардад.

Бар замми ин, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар маъракаи интихобот ва раъйпурсӣ, баргузории сафарҳои Сарвари давлат, чорабиниҳои оммавии сиёсӣ ва фароғатӣ бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаракати нақлиёт ва гаштугузори шаҳрвандон иштирок мекунанд. Онҳо кори васеи тарғиботӣ, ташвиқотӣ ва тарбиявиро дар байни аҳолӣ ба роҳ мемонанд. Ҳамаи ин аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ амали фаъоли ҳуқуқиро талаб мекунад.

Чунин амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро тақозо мекунад. Сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, масъулияти баланди шаҳрвандӣ, эҳтироми қонун ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон, садоқат ба Ватан, меҳнати поквиҷдонона заминаи амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маҳсуб мешавад.

Тарбияи ҳуқуқӣ заминаи баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Кори тарбиявӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятҳои зерин дорад:

1. Кори тарбиявӣ дар ин мақомот бо мақсади тарбияи кормандон, омодагии касбии онҳо дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар рафти фаъолияти касбӣ вазифаҳои хизматӣ, таблиғотӣ, ташвиқотиро дар байни аҳолӣ мегузаронанд.

3. Тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мунтазам, дар

раванди такмили ихтисоси онҳо сурат мегирад.

4. Дар робита бо хусусияти касбии фаъолияташон кормандони мазкур кори тарбиявиро нисбат шахсоне, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ содир намудаанд, ба роҳ мемонанд.

5. Тарбияи ҳуқуқӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ дар иртибот бо категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон, аз ҷумла, ноболиғон ба роҳ монда мешавад.

6. Кори тарбиявӣ дар ҷараёни баргузории маъракаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар байни аҳолӣ мунтазам (идҳои давлатӣ, чорабиниҳои оммавии варзишӣ, фароғатӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад;

7. Кори тарбиявӣ бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ, тарзу воситаҳои гуногуни тарбиявӣ анҷом дода мешавад;

8. Кори тарбиявӣ бо истифодаи донишҳои махсуси касбӣ, захираҳои иттилоотии мақомоти корҳои дохилӣ, имкониятҳои бештари кори ташвиқотӣ ва тарғиботӣ ба роҳ монда мешавад;

9. Кори тарбиявӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ дар робита бо супоришҳои Сарвари давлат, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру супоришҳои Вазорати корҳои дохилӣ мунтазам такмил дода мешавад;

10. Кори тарбиявӣ ҷузъи ҳамаи самтҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ (фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтишоти пешакӣ, пешгирии ҷиноятkорӣ, ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра) маҳсуб мешавад.

Амали ҳуқуқии фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ қисми ҷудонашавандаи фаъолияти татбиқи ҳуқуқ мебошад. Дар адабиёти илмӣ ба ин паҳлуи амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла, шаклҳои зуҳуроти донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорати касбӣ дар рафти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳлили ҳолатҳои ҳуқуқӣ ва воқеии кор, сатҳи омодагии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад [2, с. 16; 5, с. 26; 17, с. 103; 32, с. 16].

Маҳз дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бештар аён мегардад.

Ҳамин тариқ, амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо фарҳанги ҳуқуқии онҳо робитаи устувор дорад. Ин робита дар шаклҳои зерин зоҳир мешавад:

– амали ҳуқуқӣ, ки тибқи талаботи ҳуқуқ ва муқаррароти қонун ба роҳ монда мешавад, танҳо дар заминаи сатҳи кофии шуури ҳуқуқии касбӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, маҷмуи сифатҳои шахсӣ, унсурҳои иттилоотӣ, арзишӣ, амалӣ имконпазир мегардад;

– ҳамаи унсурҳои фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (дониши ҳуқуқӣ, фаъолияти касбӣ, маҳорати касбӣ, татбиқи ҳуқуқ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва ғайра) заминаи амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад;

– ҳамагуна амали зиддиҳуқуқӣ, алалхусус, ҷиноят, амали коррупсионӣ, ҳуқуқвайронкунӣ нишондиҳандаи сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад ва ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон зарари ҷиддӣ мерасонад;

– амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шакли амали фаъолона, тибқи ирода ва шуури кормандони мазкур, бо дарки масъулият, дар заминаи дарки афзалиятҳо ва ҳадафҳои сиёсати давлат, манфиатҳои миллӣ, амнияти давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон ба роҳ монда мешавад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Арефьева, Г.С. Социальная активность (Проблема субъекта и объекта в социальной практике и познании) / Г.С. Арефьева. – М.: Политиздат, 1974. - 230 с.

2. Баев, О.Я. Тактика следственных действий. Учебное пособие / О.Я. Баев - Воронеж: НПО "Модэк", 1995. - 224 с.

3. Воробьев, Н.Е. К вопросу о критериях социальной активности // Социальная активность личности. – Волгоград, 1976. – С. 8-29.

4. Гойман, В.И. Правовая активность работника органов внутренних дел и проблемы ее развития (на материалах конкретно-социологического исследования) // Правовые вопросы деятельности органов внутренних дел в современных условиях. - Ташкент: НИиРИО Ташк. ВШ МВД СССР, 1985. - С. 83-89.
5. Головченко, В.В. Эффективность правового воспитания: понятие, критерии, методика измерения / В.В. Головченко. - Киев: Наук. думка, 1985. - 128 с.
6. Жеругов, Р.Т. Вопросы правомерного поведения личности // Правовое регулирование общественных отношений. Материалы научной конференции аспирантов-юристов. - М.: Изд-во ИГиП АН СССР, 1977. - С. 18-25.
7. Иванов, В.И. Правосознание и правовая культура сотрудников органов внутренних дел: учебное пособие / Иванов В.И., Иванов О.Е., Кузнецов Э.В., Назаренко А.Ф., и др. - Л.: Изд-во ВПУ им. 60-летия ВЛКСМ МВД СССР, 1981. - 80 с.
8. Иванова, З.Д. О соотношении правосознания и законности в работе советской милиции // Труды Высшей школы МВД СССР. - М.: НИиРИО МВД СССР, 1969, Вып. 23. - С. 192-209.
9. Казаков, В.Н. Правомерное поведение в механизме формирования правового порядка (теоретико-правовые проблемы): монография / В.Н. Казаков. – М.: Проспект, 2000. – 430 с.
10.Карташов, В.Н. Правоприменительная практика в социалитическом обществе / В.Н. Карташов. - Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, 1986. - 87 с.
11.Карташов, В.Н. Обобщение юридической практики: учебное пособие / В.Н. Карташов; - 2-е изд., перераб. и доп. - Ярославль: ЯрГУ, 1991. - 64 с.
12.Кудрявцев, В.Н. Правовое поведение: норма и патология: монография / В.Н. Кудрявцев. - М.: Наука, 1982. - 287 с.
13.Кудрявцев, В.Н. Закон, поступок, ответственность: монография / В.Н. Кудрявцев. - М.: Наука, 1986. - 448 с.
14.Лазарев, В.В. Применение советского права: монография / В.В. Лазарев; Науч. ред.: Волков Б.С. - Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1972. - 200 с.
15.Лазарев, В.В. Эффективность правоприменительных актов. Вопросы теории / Лазарев В.В.; Науч. ред.: Безина А.К. - Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1975. - 207 с.
16.Лазарев, В.В. Правомерное поведение как объект юридического исследования // Советское государство и право. - М.: Наука, 1976, - № 10. - С. 29-37.
17.Лазарев, В.В. Социально-психологические аспекты применения права / Лазарев В.В.; Науч. ред.: Волков Б.С. - Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1982. - 144 с.
18.Лазарев, В.В. Выявление закономерностей правомерного поведения // Советское государство и право. - М.: Наука, 1983, - № 11. - С. 19-25.
19.Лейст, О.Э. Методология исследования правомерных и неправомерных действий в развитом социалистическом обществе // Методологические и теоретические проблемы развитого социализма. – М., 1983. – С. 152-158.
20.Лупинская, П.А. Решения в уголовном судопроизводстве. Их виды, содержание и формы / П.А. Лупинская. - М.: Юрид. лит., 1976. - 168 с.
21.Лясковская, И.Д. Активная жизненная позиция личности: Понятие, содержание, некоторые факторы формирования / И.Д. Лясковская // Творческая природа социалистического общественного сознания. – М., 1980. – С. 149-186.
22.Малько, А.В. Стимулы и ограничения в праве. Теоретико-информационный аспект: монография / Малько А.В.; Под ред.: Матузов Н.И. - Саратов: Изд-во СГУ, 1994. - 184 с.
23.Матузов, Н.И. Активная жизненная позиция и право // Советское государство и право. - М.: Наука, 1984, - № 3. - С. 20-26.
24.Мордкович, В.Г. Социальная активность: Споры и сут) // Социальная активность. – Челябинск, 1976. – Вып. 3. – С. 3-25.
25.Оксамытный, В.В. Правомерное поведение личности / В.В. Оксамытный; Отв. ред.: Козюбра Н.И. - Киев: Наук. думка, 1985. - 175 с.
26.Алейникова О.П. Понятие правомерного поведения // Проблемы совершенствования советского законодательства. Труды. - М.: Изд-во ВНИИСЗ, 1977, Вып. 10. - С. 3-25.
27.Сабикенов, С. Сочетание общих и личных интересов в правомерном поведении советских граждан // Проблемы государства и права на современном этапе / Труды аспирантов и молодых ученых / Отв. ред. В.Ф. Коток. Вып. IV. М., 1971. С. 5-6.
28.Сапун, В.А., Федоров, В.П., Янгол, Н.Г. Методологические проблемы правосознания сотрудников органов внутренних дел: пособие / Кузнецов Э.В., Сальников В.П., Сапун В.А., Федоров В.П., и др. - Л.: Изд-во ВПУ МВД СССР, 1986. - 96 с.

29.Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Империал-Групп, 2018. – 484 с.
30.Станкевич, Л.П. Активность как мера деятельности личности // Вестник МГУ. – 1970. – № 6. – С. 25-32.
31.Столовский, В.М. Профессиональное правосознание следователей органов внутренних дел. – М., 1978. – 78 с.
32.Суворов, Л.К. Правовая культура работников органов внутренних дел. – М., 1991. – 36 с.
33.Теория государства и права: учебник / Денисов А.И., Зорькин В.Д., Кененов А.А., Кудрявцев Ю.В., и др.; Под ред.: Денисов А.И. - М.: Юрид. лит., 1980. - 432 с.
34.Чернышов, В.Д. Понятие и виды правомерного поведения в сфере трудовых отношений // Вопросы совершенствования социального и правового регулирования: сб. науч. тр. – Свердловск, 1981. – С. 44-48.
35. Явич, Л.С. Социалистический правопорядок / Л.С. Явич - Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1972. - 78 с.

## References

1. Arefieva, G.S. Social activity (The problem of subject and object in social practice and cognition) / G.S. Arefieva. - M.: Politizdat, 1974. - 230 p.
2. Baev, O.Ya. Investigative tactics. Textbook / O.Ya. Baev - Voronezh: NPO "Modek", 1995. - 224 p.
3. Vorobyov, N.E. To the question of the criteria for social activity // Social activity of the individual. - Volgograd, 1976. - P. 8-29.
4. Goiman, V.I. Legal activity of an employee of the internal affairs bodies and the problems of its development (on the materials of a concrete sociological study) // Legal issues of the activities of the internal affairs bodies in modern conditions. - Tashkent: NIIRIO Tashkent. Higher School of the Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1985. - P. 83-89.
5. Golovchenko, V.V. Effectiveness of legal education: concept, criteria, measurement methodology / V.V. Golovchenko. - Kiev: Nauk. dumka, 1985. - 128 p.
6. Zherugov, R.T. Issues of lawful behavior of the individual // Legal regulation of public relations. Materials of the scientific conference of graduate students-lawyers. - M.: Izd-vo IGiP AN SSSR, 1977. - P. 18-25.
7. Ivanov, V.I. Legal awareness and legal culture of employees of internal affairs bodies: a textbook / Ivanov V.I., Ivanov O.E., Kuznetsov E.V., Nazarenko A.F., etc. - L .: Publishing house of VPU im. 60th anniversary of the VLKSM of the Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1981. - 80 p.
8. Ivanova, Z.D. On the relationship between legal awareness and legality in the work of the Soviet police // Proceedings of the Higher School of the Ministry of Internal Affairs of the USSR. - M.: NIIRIO MVD USSR, 1969, Issue. 23. - P. 192-209.
9. Kazakov, V.N. Lawful behavior in the mechanism of formation of the legal order (theoretical and legal problems): monograph / V.N. Kazakov. – M.: Prospekt, 2000. – 430 p.
10. Kartashov, V.N. Law enforcement practice in a socialist society / V.N. Kartashov. - Yaroslavl: Publishing House Yaroslavl. un-ta, 1986. - 87 p.
11. Kartashov, V.N. Generalization of legal practice: textbook / V.N. Kartashov; - 2nd ed., revised. and additional - Yaroslavl: YarSU, 1991. - 64 p.
12. Kudryavtsev, V.N. Legal behavior: norm and pathology: monograph / V.N. Kudryavtsev. - M.: Nauka, 1982. - 287 p.
13. Kudryavtsev, V.N. Law, act, responsibility: monograph / V.N. Kudryavtsev. - M.: Nauka, 1986. - 448 p.
14. Lazarev, V.V. Application of Soviet law: monograph / V.V. Lazarev; Scientific Ed.: Volkov B.S. - Kazan: Kazan Publishing House. un-ta, 1972. - 200 p.
15. Lazarev, V.V. The effectiveness of law enforcement acts. Questions of theory / Lazarev V.V.; Scientific Ed.: Bezina A.K. - Kazan: Kazan Publishing House. un-t, 1975. - 207 p.
16. Lazarev, V.V. Lawful behavior as an object of legal research // Soviet state and law. - M.: Nauka, 1976, - No. 10. - P. 29-37.
17. Lazarev, V.V. Socio-psychological aspects of the application of law / Lazarev V.V.; Scientific Ed.: Volkov B.S. - Kazan: Kazan Publishing House. un-t, 1982. - 144 p.
18. Lazarev, V.V. Identification of patterns of lawful behavior // Soviet state and law. - M.: Nauka, 1983, - No. 11. - P. 19-25.

19. Leist, O.E. Methodology for the study of lawful and unlawful actions in a developed socialist society // Methodological and theoretical problems of developed socialism. - M., 1983. - P. 152-158.

20. Lupinskaya, P.A. Decisions in criminal proceedings. Their types, content and forms / P.A. Lupinskaya. - M.: Yurid. lit., 1976. - 168 p.

21. Lyaskovskaya, I.D. Active life position of the individual: Concept, content, some factors of formation / I.D. Lyaskovskaya // Creative nature of socialist public consciousness. - M., 1980. - P. 149-186.

22. Malko, A.V. Incentives and restrictions in law. Information-theoretical aspect: monograph / Malko A.V.; Edited by: Matuzov N.I. - Saratov: SSU Publishing House, 1994. - 184 p.

23. Matuzov, N.I. Active life position and law // Soviet state and law. - M.: Nauka, 1984, - No. 3. - P. 20-26.

24. Mordkovich, V.G. Social activity: Disputes and days) // Social activity. - Chelyabinsk, 1976. - Issue. 3. - P. 3-25.

25. Oksamytny, V.V. Lawful behavior of the individual / V.V. Oksamytny; Rep. Ed.: Kozyubra N.I. - Kiev: Nauk. Dumka, 1985. - 175 p.

26. Aleinikova O.P. The concept of lawful behavior // Problems of improving the Soviet legislation. Proceedings. - M.: VNIISZ Publishing House, 1977, Issue. 10. - P. 3-25.

27. Sabikenov, S. The combination of common and personal interests in the lawful behavior of Soviet citizens // Problems of state and law at the present stage / Proceedings of graduate students and young scientists / Ed. ed. V.F. Kotok. Issue. IV. M., 1971. P. 5-6.

28. Sapun, V.A., Fedorov, V.P., Yangol, N.G. Methodological problems of legal awareness of employees of internal affairs bodies: a manual / Kuznetsov E.V., Salnikov V.P., Sapun V.A., Fedorov V.P., and others - L.: Publishing House of the Higher Educational Institution of the Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1986. - 96 c.

29. Sotivoldiev, R.Sh. Theory of Government and Rights. - Dushanbe: Imperial Group, 2018. - 484 p.

30. Stankevich, L.P. Activity as a measure of personality's activity. Vestnik MGU. - 1970. - No. 6. - P. 25-32.

31. Stolovsky, V.M. Professional legal awareness of investigators of internal affairs bodies. - M., 1978. - 78 p.

32. Suvorov, L.K. Legal culture of employees of internal affairs bodies. - M., 1991. - 36 p.

33. Theory of state and law: textbook / Denisov A.I., Zorkin V.D., Kenenov A.A., Kudryavtsev Yu.V., and others; Ed.: Denisov A.I. - M.: Yurid. lit., 1980. - 432 p.

34. Chernyshov, V.D. The concept and types of lawful behavior in the sphere of labor relations // Issues of improving social and legal regulation: Sat. scientific tr. - Sverdlovsk, 1981. - P. 44-48.

35. Yavich, L.S. Socialist law and order / L.S. Yavich - L.: Leningrad Publishing House. un-ta, 1972. - 78 p.

**ТДУ 343.337 + 32.01.51**

# ТАЪРИХ ВА МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ-ҲУҚУҚИИ ҶАНГИ ИТТИЛООТӢ

# ИСТОРИЯ И СОЦИАЛЬНО-ПРАВОВАЯСУЩНОСТЬ ИНФОРМАЦИОННОЙ ВОЙНЫ

# HISTORY AND SOCIAL AND LEGAL ESSENCE OF THE INFORMATION WAR

САИДЗОДА З.А.
SAIDZODA Z.A.
*Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, кандидат юридических наук, доцент, полковникмилиции*
*Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Colonel of the militia*



E-mail: sza-68@mail.ru

АЗИМЗОДА Н.Б.
AZIMZODA N.B.
*Муовини сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, подполковники милитсия*
*Заместитель начальника факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан по учебной части, доктор юридических наук, профессор, подполковник милиции*
*Deputy Head of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for academic affairs, Doctor of Law, Professor, lieutenant colonel of the militia*



E-mail: nazir.azimov.79@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ*: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

*Научная специальность*: 12.00.01 - теория и история права и государства; история учений о праве и государстве.

*Scientific specialty:* 12.00.01–Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state.

*Такриздиҳанда:* САФАРЗОДА Ҳ.С. – сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия.

*Рецензент:* САФАРЗОДА Х.С. – начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции.

*Reviewer*: SAFARZODA KH.S. - Head of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Colonel of the militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола мафҳум ва таърихи «ҷанги иттилоотӣ» мушаххас оварда шуда, таснифоти он низ вобаста ба характери ба ҷамъият хавфнокиаш дода шудааст. Ғайр аз ин, дар мақола паҳлуҳои таърихӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷанги иттилоотӣ оварда шуда, аз

нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст. Дар мақола диққати ҷиддӣ ба содир намудани ҷиноятҳо муқобили иттилоот ҳамчун ҷинояти нав дода шудааст. Муаллифон аз фикру ақидаҳои олимони хориҷиву ватанӣ истифода бурда, як қатор таклифҳои худро баҳри мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии амалкунанда пешниҳод кардаанд.

*Вожаҳои калидӣ*: ҷанги иттилоотӣ, ҷинояткорӣ, хакер, ба ҷамъият хавфнок, идеология.

*Аннотация*: В статье представлены понятие и история информационной войны, приводится характеристика ее общественной опасности. Кроме того, наравне с историческими особенностямиинформационной войны рассмотрены иее правовые аспекты, обоснованные с научной точки зрения. Наряду с этим, в статье рассматриваются преступления против информации как новое явление. Используя мнения зарубежных и отечественных ученых, авторы внесли ряд предложений по совершенствованию действующего уголовного законодательства в этой области.

*Ключевые слова:* информационная война, преступность, хакер, общественная опасность, идеология.

*Annotation*: The article presents the concept and history of the concept of information warfare, provides a description of its public danger. In addition, along with the historical features of the information war, its legal aspects, justified from a scientific point of view, are also considered. Along with this, the article considers crimes against information as a new phenomenon. Using the opinions of foreign and domestic scientists, the authors made a number of proposals for improving the current criminal legislation in this area.

*Key words*: information war, crime, hacker, public danger, ideology.

*Бо сухан куштан, ба сухан наҷот додан, ба сухан аз паси худ урдуҳоро бурдан, ба сухан фурӯхтану хиёнат кардан ва харидан метавон кард*

Вадим Шефнер

Инсоният дар таърихи мавҷудияти худ ҳамеша ҷангидаасту дар ҳар як замон аслиҳаи гуногуни ҷангӣ истифода бурдааст. Аслиҳаи гуногуни ҷангӣ вобаста аз замони марҳилаи таърихӣ аз ханҷару табару найза то аслиҳаи оташфишону танкҳо ва силоҳи химиявию биологӣ ва бактериологӣ истифода шудааст. Аммо дар замони муосир, дар баробари пешрафти инсоният - асри нанотехнология, силоҳе пайдо гардид, ки аз ҳама хавфноку тез паҳнкунанда буда, метавонад бе талаф ба мақсад ноил гардонад.

Чунин силоҳи хавфнок ин силоҳи иттилоотӣ мебошад, ки ба воситаи сухан тез паҳн гардида, нишони худро метавонад дар як лаҳза пора намояд.

Чунин намуди силоҳи хавфноки иттилоотиро ягон кас ё ягон олиме ихтироъ накардааст, аммо дар як лаҳзаи гумроҳшудан чунин силоҳ ба саҳифаҳои таърихӣ паҳн гардида, метавонад тақдири инсоният ё тақдири ин ё он давлатро дар кӯтоҳтарин муҳлат ҳал намояд.

Ҳамагуна мухолифат (ҳамагуна мубориза) байни одамон дар мадди аввал иттилоотӣ мебошад. Маълумот ба одамон барои ҳал кардани ин ё он масъала, барои қабул намудани хулосаи ниҳоӣ ва ҳимоя намудани худ аз ҳаргуна омилҳои манфӣ муҳим мебошад.

Маълумот барои инсоният, инчунин, баҳри мақсаднок идора намудани фаъолияти худ зарур буда, инсон ба воситаи маълумоти аниқу дақиқ метавонад дар пайроҳаи ҳаёт боваринок қадам занад.

Иттилоот - манбаи зарурӣ дар фаъолияти инсон буда, ӯро аз паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ бохабар менамояд. Иттилоотро ҳамчун манбаи хосси ҳамла ва ҳимоя донистан мувофиқи мақсад буда, тибқи назарияи илми муосир, ҳамзамон, иттилоот ба

методологияи ҷанги иттилоотӣ низ мубаддал мегардад.

Муборизаи иттилоотӣ - ин стратегияи пурра ва ҳамаҷониба буда, бахри таълим ва ҳимоя намудани маълумоти дорои характери сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фармондиҳӣ, ҳаёти ҷомеа, ҳарбӣ ва ғайра бо роҳи таъсиррасонӣ ба маълумот ва системаҳои иттилоотии душман дар як вақт бо мақсади ҳифз ва махфӣ нигоҳ доштани системаҳои иттилоотии худ амалҳо иҷро карда мешавад.

Дар ҷанги иттилоотӣ амалҳои фаъоли рӯҳӣ ба монанди иръоб (ин амалҳо ба терроризм хоссанд), ҷалб кардан, таъсиррасонии ҷисмонӣ иҷро карда намешаванд, чунки чунин амалҳо аломати асосии ҷанги иттилоотиро ташкил намекунанд.

Объекти асосии ҷанги иттилоотиро дарки оммавӣ ва дарки фардии инсоният ташкил медиҳад. Таъсиррасонии фардӣ дар худ маълумотҳои диққатҷалбкунандаро дарбар мегирад. Таъсиррасонии оммавӣ бошад, тарзи вориднамоӣ ва қабули дарки маълумот ба шуури одамонро ташкил дода, аз ҷиҳати равоншиносӣ бояд ба майнаи сари одамон маълумотро ҷой созад.

Таъсиррасонии иттилоотӣ метавонад, дар шаклҳои ғавғо-мағали иттилоотӣ ва дар шакли шароитҳои вакууми иттилоотӣ ҷорӣ карда шавад. Ба тарзи умумӣ ҷорӣ кардани мақсадҳое, ки боиси аз байн рафтан ё нобудшавии объекти таъсиррасонӣ мегардад, моҳияти ҷанги иттилоотиро ташкил карда, хусусияти мустаҳкамии ҷангро нишон медиҳад, ки аз реклама ба куллӣ фарқ мекунад.

Воситаҳои бурдани ҷанги иттилоотӣ ҳамагуна воситаҳои доду гирифти нуқтаҳои иттилоотӣ аз ВАО сар карда, то ғайбату суханчинӣ ба ҳисоб меравад.

Таъсиррасонии иттилоотӣ дар худ аломатҳои фош шудани маълумот, лағжиши маълумот, таъсиррасонии руҳӣ, қабулу даркнамоӣ, ба эҳсосот дода шудан ва иҷрои амал баъди гирифтани маълумотро доро мебошад [1, с. 4].

Ҷанги иттилоотӣ бо мурури замон дар баробари пешрафти илму техника воситаҳои таъсиррасонии худро васеъ намуда, инсоният дар натиҷаи пешрафти аср ва тамаддун имкониятҳои васеи истифодабарӣ, таъсиррасонӣ ва паҳнкунии иттилоотро ба даст оварда истидааст, ки бо ин падидаи номатлуби хавфноки иттилоотӣ мубориза бурдан мушкилиҳоро ба миён меоварад.Ҷанги мазкур воситаи сахттаъсир буда, ҳангоми амалишавии он ба ҷомеаи муосир ва сулҳу суботи ҷаҳони муосир хавфи зиёде дорад, ки ҳадҳои он канор надорад ва ҳамчун воситаи асосии сиёсати ҷаҳонӣ буда, тарзи ноил гардидани бартариятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷаҳон мебошад [1, с. 5].

Ҷанги иттилоотии асри XXI ин тарзи ташкили фазои таъсиррасонӣ ва фазои иттилоотии ҷаҳонӣ барои манфиатҳои худ ва амалишавии мақсадҳои гузошташуда мебошад. Он падидаи замони муосир ва имрӯзаи ҷомеа нест, балки қисми зиёди тарзҳои таъсиррасонии иттилоотӣ таърихи ҳазорсола дошта, дар таърихи инсоният нақши муҳимро бозидааст. Дар замонҳои гузашта ба сифати ҳуҷумҳои иттилоотӣ-қиссаву ривоятҳо истифода бурда мешуданд. Мисоли гуфтаҳои боло шуда метавонад, артиши аз паси ин гуна қиссаву ривоятҳое қадам мезаданд, ки бераҳмии онҳо ҳолати руҳии душманро аллакай карда буд [1, с. 16].

Насб намудани ҳолати руҳӣ ба муқобилият, ҳуҷум, ҳимоя ва ғолибият бо тарбия ва тарғиботу ташвиқот алоқамандии зич дорад. Мардуми грекиҳои қадим чунин гуфта буданд: ки "Барои Ватан ҷон додан ширинтарин амал мебошад" [2]. Ягона фарқияти чунин таъсиррасонӣ аз имрӯза падида, дар он буд, ки ҳамон вақтҳо чунин таъсиррасониҳо ҷанги иттилоотӣ номида намешуд. Чунин маънидодкунӣ бо тараққӣ надоштани ВАО дар ҳамон замин асоснок карда мешавад. Дар ҷанги иттилоотӣ нақши асосиро иҳота ва ғоиб карда тавонистани шуури инсон мебозад, ки дар ин ҷараён бояд ба шуури одамон маълумоти бардурӯғ ҷой карда шуда, дар натиҷа аҳолӣ руҳафтода мегардад [3].

Аввалин маротиба истилоҳи "ҷанги иттилоотӣ" аз ҷониби таърихшиноси амрикоӣ Томас Рона соли 1976 дар

ҳисоботи худ оид ба “Системаҳои силоҳ ва ҷанги иттилоотӣ” тадқиқот карда шуд. Томас Рона қайд карда буд, ки инфрасохтори иттилоотӣ метавонад ҳамчун ҷузъи таркибии асосии иқтисодиёти кишвар нақш бозад. Ҳамзамон, иттилоот метавонад барои замони ҷангӣ ва осоиштагӣ мақсаднок истифода бурда шавад [4].

Нашр гардидани ҳисоботи Томас Рона ба муассисаи “Boing”, ки дар ин ҷо ӯ кору фаъолият мекард, фоидаи зиёдеро овард. Худи мазмуни масъалаи гузошташудаи Томас Рона ҳарбиёни амрикоиро ҷазб намуда, ба маводҳои махфибуда аҳаммияти ҷиддӣ доданд. Қувваҳои ҳавоии ҳарбии ШМА аз соли 1980 сар карда, ба предмети махфият диққати лозима доданд.

Ҳамон замон ақидаи умумии якдилона бароварда шуд, ки маълумот метавонад ҳам мақсаду маром бошаду ҳам силоҳ.

Дар баробари пайдо гардидани вазифаҳои нав баъди анҷоми “Ҷанги сард” истилоҳи “Ҷанги иттилоотӣ” ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ба ҳуҷҷатҳои Вазорати мудофиаи ШМА ворид карда шуд. Истилоҳи “Ҷанги иттилоотӣ” дар гузаронидани корҳои фаврии «Тӯфон дар биёбон» (Буря в пустыне) соли 1991 бештар истифода бурда шуд, ки дар он аввалин бор технологияҳои нави иттилоотӣ ҳамчун воситаи бурдани ҳаракатҳои ҷангӣ истифода карда шуд.

Расман санаи 21-уми декабри соли 1992 дар директиваи Вазорати мудофиаи ШМА истилоҳи “Ҷанги иттилоотӣ” аввалин маротиба ворид карда шуд. Баъди моҳи феврали соли 1996 аз ҷониби Вазорати мудофиаи ШМА барномаи “Мубориза алайҳи системаҳои назоратӣ ва идоракунӣ”-ро дар амал ҷорӣ намуд. Ин барнома принсипҳои муборизаро бо системаҳои назоратӣ ва идоракунӣ ҳамчун татбиқи ҷанги иттилоотӣ дар амалҳои ҳарбӣ дарбар гирифта буд. Барнома муборизаро бо системаҳои назоратӣ ва идоракунӣ ҳамчун истифодаи якҷояи тарзҳо ва методҳои бехатарӣ, фиреби ҳарбӣ, корҳои фаврии руҳӣ, шакли бехатарии разведка, аз даст надодани маълумот, таъсиррасонӣ ё ин ки нобудсозии истеъдодҳои душман оид ба назорат ва идоракунӣ дар майдони ҷанг ва ғайра ҳолатҳо муайян менамояд. Дар ин ҳуҷҷат ҳама гуна роҳҳои амалишавии ташкили сохтор, тартиби нақшагирӣ, таълим ва идоракунии равиши корҳои фаврӣ” муйаян карда шуда буд. Муҳиммияти чунин барнома аз он иборат буд, ки ин барнома мафҳуми ҷангро бо системаҳои назоратӣ ва идоракунӣ муаяйн карда буд. Охири соли 1996, Роберт Бенкор, ташхисшиноси Пентогам, дар яке аз мизҳои мудаввар бахшида ба доктринаи ҳарбии қӯшунҳои ҳарбии ШМА дар асри XXI баромад намуд. Дар баромади худ Роберт Бенкер қайд намуд, ки ҳамаи ҳаракатҳои ҳарбӣ дорои ду равия мебошад.

Ташхисшинос Роберт Бенкер баҳри мустаҳкам намудани консепсияҳои анъанавии ҳарбӣ, ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ва тира намудани нишону ҳадафи душман пешниҳод намуд, ки бояд “маънии ки-берӣ” истифода бурда шавад.

Ҳамин тариқ, дар шумораи фазои бурдани амалиёти ҳарбӣ, ғайр аз замин, баҳр, ҳаво ва кайҳон боз фазо низ ворид карда шуд.

Чи тавре ки ташхисшиносони ҳарбӣ қайд менамоянд, объектҳои асосии мағлубнамоӣ дар ҷангҳои нав, пеш аз ҳама, инфрасохтори иттилоотӣ, руҳи душман ва фазои иттилоотии душман ба ҳисоб меравад.

Моҳи октябри соли 1998 аз ҷониби Вазорати мудофиаи ШМА барномаи дигар дар мавзӯи “Доктринаи ягонаи амалиётҳои иттилоотӣ” ҷорӣ мегардад, ки бо чунин тарз муайян карда шуда буд:

1. Амалиёти иттилоотӣ: ҳаракат-ҳое, ки бо мақсади душвор гардонидани ҷамъ, таҳлил ва ҳифзи системаҳои иттилоотӣ.

2. Ҷанги иттилоотӣ: таъсир-расонии комплексӣ (маҷмуи амалиёти иттилоотӣ) ба системаҳои давлатӣ ва идоракунии ҳарбӣ.

3. Афзалияти иттилоотӣ – ҳамчун истеъдоди ҷамъкунӣ, таҳлилкунӣ ва тақсимнамоии маълумот муайян карда шудааст.

4. Муборизаи иттилоотӣ – бо роҳҳои гузаронидани ҷамъомадҳое, ки зидди системаҳои идоракунӣ ва ҳалли масъалаҳо, инчунин, зидди шабакаҳои компютерӣ ва иттилоотӣ амалӣ карда мешавад [5].

Чи тавре ки ташхисшиносони амрикоӣ қайд намуданд, ҳамаи татбиқи барномаҳои ҷоринамуда аз ҷониби Вазорати мудофиаи ШМА танҳо бо мақсади таъмини бехатарии мамлакат ва худмуҳофизаткунӣ аз душманҳо равона карда шудааст [5].

Дар шароити ташаккулёбии ҷамъияти иттилоотӣ, инкишофи технологияҳои иттилоотӣ истилоҳи "Ҷанги иттилоотӣ" на танҳо мавзӯи мубрами рӯз гардид, балки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавиии ҷамъияту давлат мустақилона истифода шуда истодааст.

Оид ба мафҳуми "Ҷанги иттилоотӣ" аз ҷониби олимони соҳавӣ фикру ақидаҳои гуногун ҷой дошта, муҳаққиқон то ҳол ба ягон хулосаи умумӣ ноил нагардидаанд. Чунин ақидаҳои гуногуни олимон, пеш аз ҳама, аз худи объекти тадқиқшаванда ва аз ақидаҳои назариявию методологии муаллифон, ки ба мактабҳои илмии гуногун ва соҳаҳои гуногуни тадқиқот дахл дорад, иборат мебошад.

Аз нигоҳи равоншиносон ҷанги иттилоотӣ ин таъсиррасонии ниҳоӣ ба ҷудогона, ба шуурҷокунии гурӯҳӣ ва оммавӣ бо ёрии ташвиқот, ҷалбкунӣ бо мақсади татбиқнамоии нигоҳҳои нав ба ташкилоти ҷамъиятии сиёсӣ-иҷтимоӣ ба воситаи таъсиркунонии шахсият фаҳмида мешавад.

Олимони соҳаи равоншиносӣ В.А. Лисичкин ва Л.А. Шелепин ҷанги иттилоотиро тадқиқот номида истода, қайд намуданд, ки объекти он фазои шахсони ҷудогона ва мақсади он бошад, идоракунии ҷараёни руҳӣ, ба шуур ворид гаштани маълумот ва идора намудани рафтори одам, баъдан таъсиррасонӣ ба ҳасоб меравад [6, с. 153].

Олимони дигари равоншинос М.Ю. Повлютенко ва Д.А. Швед чунин ақида намуданд, ки ҷанги иттилоотӣ дар худ технологияи робитавиро, ки мақсади амалишавии нақшаро баҳри манфиатҳои стратегияи миллӣ ба анҷом мерасонад, дарбар мегирад [7, с. 20].

Олимон В.С. Пирумов ва М.А. Радионов дар ҷанги иттилоотӣ сохти муборизаи тарафҳоро мебинанд, ки баҳри истифодаи воситаҳои махсуси иттилоотӣ ва бо мақсади ҳимояи сармояи иттилоотии шахсӣ амал менамоянд. Мазмуни ҷанги иттилоотиро ба ақидаи олимон, ҳаракатҳои сиёсӣ-руҳии як тараф нисбати душмани худ ташкил медиҳад [8, с. 45].

Олим Р. Шафранский ҷанги иттилоотиро ҳамчун амалҳои зидди ҳама гуна қисмҳои системаҳои ҷорӣ ва муътақид шудани душман дониста, мақсади махфии таъсиррасонии онро қабули қарорҳои сиёсӣ муайян менамояд, ки дар вайроншавии ҷараёни таъсиррасонӣ оварда мерасонад. Муаллиф қайд менамояд, ки чиқадаре ки имкониятҳои техникии давлат баланд ва инкишоф ёфта бошад, ҳамон қадар имконияти рафтани маълумот дар ҷанги иттилоотӣ мебошад [9].

Олимон Д. Аркил, Д. Ронфелд ва Д. Дарин чунин ақида доштанд, ки ҷанги иттилоотӣ ин баҳси ҳарбӣ мебошад, ки дар шакли реалии сохти мустақили ҷанг мубаддал гардиданаш мумкин аст [9].

Д. Балуев чунин қайд карда буд, ки ҷанги иттилоотӣ метавонад ба диққати ҷамъиятӣ равона гардида, аз худ метавонад муносибатҳои дипломатӣ, тарғиботӣ, руҳӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро бо мақсадҳои гуногун изҳор намояд. Аз рӯи гуфтаҳои сиёсатшинос, ҷанги иттилоотӣ метавонад аз ҷониби Ҳукумат зидди гуруҳҳои террористӣ, гурӯҳҳое, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор сарукордошта равона карда шавад. Аз дигар тараф, ҷанги иттилоотӣ метавонад зидди сиёсати ягон давлати дигар низ равона карда шавад [10, с. 21].

Ба самти дуюми истифодаи ҷанги иттилоотӣ ин муборизаи сиёсӣ дохил мешавад, ки аз ҷониби олимони соҳа фикру ақидаҳои гуногуни илмӣ низ баён карда шудаанд.

Назарияи якҷоя кардани ҷанги иттилоотӣ ба олим Г.Г. Почепсов дахл дошта, муаллиф падидаи мазкурро аз нуқтаи назари Public relations фаҳмонида,

онро ҳамчун фаъолият иҷозатдоданашуда дар фазои иттилоотии шахси дигар маънидод кардааст. Субъекти ҷанги иттилоотӣ ба ақидаи олим гурӯҳи одамон, миллат, давлат, аъзоёни ташкилотҳо баромад намуда, объекти ҷанги иттилоотиро бошад, дарки оммавӣ номидааст [11, с. 147].

Дигар гурӯҳи олимон И.Н. Панарин, С.И. Свиридов ақида намуданд, ки ҷанги иттилоотӣ хусусияти сиёсӣ дошта, бо мақсади муътадил нигоҳ доштани фазои ҳокимият ва ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, инчунин, барои манфиатҳои давлатӣ ба фазои иттилоотӣ-маълумоти хусусияти тағйирдиҳандаи руҳияи инсониятро ҷорӣ менамоянд [12, с. 204].

Шабоҳат доштани муқаррарнамоии ҷанги иттилоотиро бо табиати хосси он олимон А.Б. Губарев, А.М. Соколова ва Д.Б. Фролов ақидаҳои ҷонибдори худро баён намуда, изҳор доштанд, ки ҷараёнҳои ҳамаҷониба муносибатҳои хосси сиёсиро бавуҷуд меорад. Чунин муносибатҳо дар он тавсиф меёбанд, ки як омилҳои ҷараёнҳои байналмилалӣ ба воситаи таъсиррасонии фаъол ба муҳити дигар ҳаракат менамоянд, ки дар соҳаҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ, сиёсат ва дигар соҳаҳо бартариятро ба даст оранд. Ба муносибатҳои рақобатпазир мубаддал гардидани ҳаракатҳо ба як тараф имконият медиҳад, ки ҳолати ҳарбӣ ва сиёсии дигар тарафҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад [13, с. 17].

Олим А.В. Манойло дар асари худ мафҳуми ҷанги иттилоотиро чунин таъриф додааст. “Ҷанги иттилоотӣ ин мубориза сиёсие мебошад, ки дар шакли амалиёти иттилоотӣ-руҳӣ ва бо татбиқи силоҳи иттилоотӣ баромад намуда, ба воситаи роҳбарони сиёсатмадор амалӣ карда мешавад.

Амалишавии ҷанги иттилоотӣ дар таъсиррасонии мунтазами пайдарпай асос ёфта, амали ин ё он давлати ҷабрдида ҳамчун натиҷаи ҷанги иттилоотӣ фаҳмида мешавад [14, с. 104].

Олим Ю. Королёв нуқтаи назари А.В. Манойлоро дастгирӣ намуда, ҷанги иттилоотиро ҳамчун ҷараёни таъсиррасонии мурофиаи сиёсӣ донистааст. Роҳҳои татбиқшавии ҷанги иттилоотӣ васоити омма буда, ба ҳайси субъектони сиёсӣ гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ба монанди зиёиёни минтақа, аҳолии ин ё он минтақа ва давлат баромад карда метавонад [15, с. 125].

Олими дигар Р.П. Ростаргуев ҷанги иттилоотиро ба воситаи “системаи иттилоотӣ” таҳлил намуда, мафҳуму моҳияти онро дар таъсиррасонии ошкоро ва пинҳонӣ ба давлату ҷамъияти ин ё он мамлакат дониста мақсади иҷрои чунин амалҳоро дар несту нобудсозӣ медонад [16, с. 198].

Оид ба табиати ҷанги иттилоотӣ олимон С.Н. Бухарин, В.В. Цыганов ақидаҳои худро чунин баён намуданд, ки ҷанги иттилоотиро ба ҷараёни динамикие, ки дар системаи мушкили худташкилкунӣ ба вуҷуд меоянд баробар намуда, аломатҳои бавуҷудомадаи система дар татбиқшавии он байни давлату ҷомеа мебинанд. Натиҷаи ҷанги иттилоотӣ ба ташкилшавии ташкилоти нав ё ин, ки нобудшавии ташкилоти пешина оварда мерасонад [17, с. 230].

Баъди таҳлили нуқтаи назар ва фикру ақидаҳои олимони гуногуни соҳа чунин хулосабаровардан мумкин аст, ки ҷанги иттилоотӣ ин ҷанге мебошад, ки дар он метод, тарз восита ва маълумоти сиёсӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ барои таъсиррасонӣ ба ҷомеа ва давлат бо мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташуда истифода бурда мешавад.

Лозим ба зикр аст, ки новобаста аз давру замон, ҷанги иттилоотӣ ҳамчун падидаи актуалӣ ҳамеша тағйир ёфта, вобаста ба технологияи иттилоотӣ тарзи таъсиррасонӣ ва мақсади ғаразнокаш барои ҷамъият хавфнок мебошад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Рахимова, Ш.К. Информационная война: история и социально-политическая сущность: научно-методическое пособие / Ш.К. Рахимова. - Душанбе, 2015. – 36 с.

2. Мехтиева, Н.Р. Информационные войны как «цифровой» аспект глобализации // Век глобализации. – Вып. 3 (23), - 2017 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.socionauki.ru/journal/articles/1157774/?sphrase_id=553631 (санаи муроҷиат: 23 ноябри с.2021).

3. Информационная война: краткое описание // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ:https://student.zoomru.ru/soc/informacionnaya-vojna/265103.2833031.s2.html (санаи муроҷиат: 23 ноябри с. 2021).

4. Rona Thomas P. Weapon Systems and Information War. Boeing Aerospace Co., Seattle, WA, 1976.

5. Гриняев, С.Н. Информационная война: история, день сегодняшний и перспектива // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http.\\ www.agentura.ru (санаи муроҷиат: 23 октябри с.2021).

6. Лисичкин, В.А., Шелепин, Л.А. Третья мировая война / В.А. Лисичкин, Л.А. Шелепин. – М.: Эксмо: Алгоритм, 2003. – 444 с.

7. Соловьев, А.В. Информационная война: теоретико-методологические и практические аспекты / А.В. Соловьев // Информационные войны. 2011. - № 2 (18). - С.15-22.

8. Пирумов, В.С. Радионов, М.А. Некоторые аспекты информационный войны / В.С. Пирумов, М.А. Радионов // Военная мысль.1997. - .№ 5. - С.44-47.

9. Шафрански, Р. Теория информационного оружия /пер. В. Казеннова. - М., 2002 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ:https://www.psyoffice.ru/3894-shafranski-r.-teorija-informacionnogo-oruzhija.html (санаи муроҷиат: 23 октябри с. 2021).

10. Балуев, Д.Г. Новые информационные технологии и современные международные отношения / Д.Г. Балуев; - Н. Новгород: ННГУ. Кафедра политологии, 1998. – 44 с.

11. Почепцов, Г.Г. Информационные войны. Серия: Образовательная библиотека / Г.Г. Почепцов. – М.: Рефл-бук, 2001. - 576 с.

12. Панарин, И.Н. Информационная война и власть / И.Н. Понарин. М.: Мир безопасности, 2001. – 223 с.

13. Губарев, А.Б. Информационные войны как объект политологического исследования: автореф. дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Алексей Борисович Губарев. – Уссурийск: Дальневосточный государственный ун-т., 2005. - 29 с.

14. Манойло, А.В. Информационно-психологическая война как средство достижения политических целей: монография / А.В. Манойло. – М.: МИФИ, 2003. - 388 с.

15. Королев, Ю.А. Информационное противоборство в региональной политике / А.А. Королев // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Социология, Политология. – 2009. - № 3. – С. 124-127.

16. Расторгуев, С.П. Информационная война. Проблемы и модели: учебное пособие / С.П. Расторгуев. – М.: Гелиос АРВ, 2006. – 237 с.

17. Бухарин, С.Н., Цыганов, В.В. Методы и технологии информационных войн: монография / С.Н. Бухарин, В.В. Цыганов. – М.: Академический Проект, 2007. - 382 с.

**References**

1. Rakhimova, Sh.K. Information war: history and socio-political essence: scientific and methodological manual / Sh.K. Rakhimov. - Dushanbe, 2015. - 36 p.

2. Mehdieva, N.R. Information wars as a "digital" aspect of globalization // Century of globalization. - Issue. 3 (23), - 2017 // [Electronic resource]. – Access mode: https://www.socionauki.ru/journal/articles/1157774/?sphrase_id=553631 (accessed: November 23, 2021).

3. Information war: a brief description // [Electronic resource]. – Access mode: https://student.zoomru.ru/soc/informacionnaya-vojna/265103.2833031.s2.html (accessed: November 23, 2021).

4. Rona Thomas P. Weapon Systems and Information War. Boeing Aerospace Co., Seattle, WA, 1976.

5. Grinyaev, S.N. Information Warfare: History, Today and Perspective // [Electronic resource]. – Access mode: http.\\ www.agentura.ru (accessed: 23 October2021).

6. Lisichkin, V.A., Shelepin, L.A. World War III / V.A. Lisichkin, L.A. Shelepin. - M.: Eksmo: Algorithm, 2003. - 444 p.

7. Soloviev, A.V. Information war: theoretical, methodological and practical aspects / A.V. Solovyov // Information wars. 2011. - No. 2 (18). - P.15-22.

8. Pirumov, V.S. Radionov, M.A. Some aspects of the information war / V.S. Pirumov, M.A. Radionov // Military Thought. 1997. -.№ 5. - P. 44-47.
9. Shafransky, R. Theory of information weapons / transl. V. Kazennova. - M., 2002 // [Electronic resource]. – Access mode: https://www.psyoffice.ru/3894-shafranski-r.-teorija-informacionnogo-oruzhija.html (accessed: 23 October p. 2021).
10.Baluev, D.G. New information technologies and modern international relations / D.G. Baluev; - N. Novgorod: UNN. Department of Political Science, 1998. - 44 p.
11.Pocheptsov, G.G. information wars. Series: Educational Library / G.G. Pocheptsov. – M.: Refl-book, 2001. - 576 p.
12.Panarin, I.N. Information war and power / I.N. Ponarin. M.: World of Security, 2001. - 223 p.
13.Gubarev, A.B. Information wars as an object of political science research: author. dis. ... cand. polit. Sciences: 23.00.02 / Aleкsey Borisovich Gubarev. - Ussuriysk: Far Eastern State University, 2005. - 29 p.
14.Manoilo, A.V. Information-psychological warfare as a means of achieving political goals: monograph / A.V. Manoilo. - M.: MEPhI, 2003. - 388 p.
15.Korolev Yu.A. Information confrontation in regional politics / A.A. Korolev // Bulletin of the Saratov University. New episode. Series: Sociology, Political Science. - 2009. - No. 3. - P. 124-127.
16.Rastorguev, S.P. Information war. Problems and models: textbook / S.P. Rastorguev. - M.: Helios ARV, 2006. - 237 p.
17.Bukharin, S.N., Tsyganov, V.V. Methods and technologies of information wars: monograph / S.N. Bukharin, V.V. Tsyganov. - M.: Academic Project, 2007. - 382 p.

ТДУ 343.342.3

# ВИЖАГИҲОИ ХОССИ ҶИНОЯТҲОИ ХАРАКТЕРИ ЭКСТРЕМИСТИДОШТА, КИ БО ИСТИФОДАИ ВАО, ШАБАКАҲОИ АЛОҚАИ БАРҚӢ, АЗ ҶУМЛА ИНТЕРНЕТ, СОДИР КАРДА МЕШАВАНД

# ОСОБЕННОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ЭКСТРЕМИСТКОГО ХАРАКТЕРА, СОВЕРШАЕМЫЕ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СМИ, ТЕЛЕКОМУНИКАЦИНОННЫХ СЕТЕЙ, В ТОМ ЧИСЛЕ ИНТЕРНЕТ

# PECULIARITIES OF EXTREMIST CRIMES COMMITTED WITH THE USE OF MASS MEDIA, TELECOMMUNICATION NETWORKS, INCLUDING THE INTERNET

САФАРЗОДА Ҳ.С.
SAFARZODA H.S.
*Сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Head of the Faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of Law, Colonel of the Militia*



e-mail: h.safarov@mail.ru

АҲЁЗОДА Ш.Т.
AKHYZODA SH.T.
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
*Доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции*
*Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology of Faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, Major of the militia*



e-mail: Aheev89@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

*Научная специальность:* 12.00.08 - уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.

*Scientific specialty:* 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Тақриздиҳанда:* АЗИМЗОДА Н.Б. – муовини сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, подполковники милитсия.

*Рецензент:* АЗИМЗОДА Н.Б. – заместитель начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор, подполковник милиции.

Reviewer: AZIMZODA N.B - Deputy Head of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for academic affairs, Doctor of Law, Professor, lieutenant colonel of the militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, содир карда мешаванд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, фикру андешаҳо вобаста ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ пешниҳод гардидааст.
*Вожаҳои калидӣ:* экстремизм, эктремизми иттилоотӣ, ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, Интернет, мубориза, қонунгузории ҷиноятӣ.

*Аннотация:* В статье рассматривается и подвергается анализу общественная опасность преступлений экстремистского характера, совершаемых с использованием СМИ, телекоммуникационных сетей, в том числе, с помощью Интернета, представляется мнение авторов относительно совершенствования уголовного законодательства Республики Таджикистан в борьбе с информационным экстремизмом.
*Ключевые слова:* экстремизм, информационный экстремизм, СМИ, телекоммуникационные сети, Интернет, борьба, уголовное законодательство.

*Annotation*: The article discusses and analyzes the social danger of extremist crimes committed using the media, telecommunications networks, including the Internet, presents the opinion of the authors regarding the improvement of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan in the fight against information extremism.
*Key words:* extremism, information extremism, mass media, telecommunication networks, Internet, struggle, criminal law.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои замони муосир, аз қабили терроризм ва экстремизм, изҳори нигаронӣ намуда, қайд намуданд, ки «вазъи» тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд» [1].

Вобаста ба масъалаи мазкур бояд қайднамуд, ки дар даҳсолаҳои охир ғояҳои таблиғоти экстремизм ва терроризм дар олами маҷозӣ (интернет) рӯз то рӯз тамоюли зиёдшавиро ба худ касб намуда истодааст. Рӯ ба рушд намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба зеҳну тафаккури мардум, хусусан ҷавонон таъсири бештар мерасонанд. Зеро ифротгароён дар раванди фаъолиятҳои таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода менамоянд.

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифодаи воситаҳои ахбори омма (минбаъд - ВАО), шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, содир карда мешаванд, дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) дар фаслҳо, бобҳо ва моддаҳои гуногун муқаррар гардидаанд.

Ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) дар моддаи 189 КҶ ҶТ, боби 21 "Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ" мустақар гардидааст [2].

Ҷинояти даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 307 КҶҶТ ва даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) дар моддаи 307[1] КҶҶТ, боби 29 "Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат» ҷойгузин мебошанд.

Бо назардошти предмети омӯзиши мавзӯи таҳқиқоти мазкурдар он маҳз ҷиноятҳои дар боло зикршуда мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарордода мешаванд, зеро дар ин таркибҳои ҷиноятӣ хусусиятҳои хосси эктремизми иттилотӣ барьало таҷассум ёфтаанд. Пеш аз ҳама, хавфи калони ҷамъиятии кирдорҳои ҷиноятии дар моддаҳои 189 КҶҶТ, 307 КҶҶТ ва 307[1] КҶҶТ пешбинигардида дар он инъикос меёбад, ки онҳо ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат ва амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷовуз менамоянд.

Ба ҷамъият хавфнокии кирдор яке аз категорияҳои универсалии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки он барои шинохта гирифтан ва ҷиноят эътироф кардани кирдор аз доираи дигар падидаҳои зиддиҷамъиятӣ имконият дода ва барои муайян намудани дараҷаи хавфнокии кирдор аз рӯйи талаботи категорияҳои ҷиноят шароит фароҳам меорад.

Аз ин ҷост, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ хавфи калони ҷамъиятии кирдор ба сифати талаботи асосии (принсипи) ҷиноят эътироф кардани кирдор баромад менамояд. Аз ҷумла, Ю.И. Ляпунов дар бораи зарурати муқаррар кардани хавфи ҷамъиятии кирдорро барои ҳал кардани масъалаи ҷиноят эътироф намудани он ҷонибдорӣ намудааст [3, с. 4]. Оид ба ҳамин маҳаки асосии эътироф намудани кирдори ҷиноятӣ мавқеи олимони соҳа дар адабиёти ҳуқуқӣ хеле равшан аст [4, с. 13-19].

Тағйирот дар хусусият ва (ё) дараҷаи хавфи ҷамъиятии зуҳуроти мусоири экстремизм бо истифода аз ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, ҳамчун асос барои ҷудо кардани аломатҳои фарққунанадаи экстремизми иттилоотӣ хизмат мекунанд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд карда мешавад, ки ҳамчун аломатҳои таркиби ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ он унсурҳое дарҷ карда мешаванд, ки барои кирдори ғайриқонунӣ хос ва муҳим буда, хавфи ҷамъиятии онро инъикос мекунанд [5, с. 34].

Аз ин хотир, ҳангоми илова кардани моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ бо ягон аломати нав, ки ин ё он элементи таркиби муайяни ҷиноятро тасниф мекунад, бояд аниқ кард, ки аломати мазкури ҷиноят такроркунанда ва моҳияти ӯро инъикоскунанда мебошад ё не, инчунин бояд муайян кард, ки ӯ ба афзоиш ё пастшавии хавфи ҷамъиятии ин ё он кирдорро нишон медиҳад ё не? Дар мақолаи мазкур мо тағйироту иловаҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро дар бораи ҷавобгарӣ барои баъзе ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет содир карда мешаванд, баррасии хавфи ҷамъиятӣ менамоем.

Бояд қайд кард, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва зарурияти иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои зерин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то андозае эътимоднок, асоснок ва муфассал тадқиқ карда шудаанд. Аз ин лиҳоз, мо танҳо он моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро, ки дар диспозитсия ва ё бандҳои дахлдори таркибҳои квалификатсионии онҳо содир намудани экстремизм бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамоем.

Генезиси муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, пайдоиш ва инкишофи босуръати шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ (шабакаҳои алоқаи барқӣ), пеш аз ҳама, шабакаи Интернет, на фақат бо

мақсадҳои нек, балки барои содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун истифода мешаванд. Ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аз ин истисно намебошанд, ки дар асоси нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адовати шахсони гунаҳкор ангеза ва мақсадҳои ғаразнок дар ҷомеа ифода ва паҳн карда мешаванд.

Бинобар зарурати иҷтимоӣ доштан ва зиёд гардидани хавфи ҷамъиятии экстремизми дар моддаи 307 **КҶҶТ** - Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 307 [1] **КҶҶТ** - Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда – “истифодаи ВАО ва шабакаи Интернет ворид карда шуд. Дар моддаи 189 КҶ ҶТ бошад, истифодаи чунин воситаҳо (шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет) танҳо дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст.

Ба фикри мо, тағйироти мазкур барои ба шакли ягона даровардани истилоҳоти ҳуқуқии ҳаммазмун дар қонуни ҷиноятӣ вобаста ба як хел баён кардани нишонаҳои монанд дар таркиби ҷиноятҳои гуногун мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки ворид кардани аломатҳои тавсифдиҳандаи тарзи нави содир кардани ҷиноятҳои мазкур танҳо хосси таркиби моддаҳои 189, 307 ва 307[1] КҶ ҶТ мебошад. Лекин нисбат ба баҳогузории дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ ва инъикоси ин гуна усул дар қонуни ҷиноятӣ моро барои пешниҳод намудани хулосаҳои дахлдор водор мекунад.

Якум, ба фикри мо, истифодаи шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳои зикршударо баланд мекунад ва дар қатори истифодаи воситаҳои ахбори омма, бояд ба аломатҳои квалификатсионии охирон, мансуб карда шавад. Инро бо он асоснок кардан мумкин аст, ки маҳз воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, ки дар сомонаҳои гуногун ва захираҳои дигари он маводҳо бо барангехтани кинаю адоват ё низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ ва ғайра ба чашм мерасанд, аудиторияи калонро дар бар мегиранд.

Ҳамзамон, ба афзоиши хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ҳангоми содир кардани онҳо бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ва шабакаи интернет нигоҳ накарда, қонунгузор усули мазкурро ба қатори аломатҳои вазнинкунанда (квалификатсионӣ) танҳо дар моддаҳои 307 ва 307[1] ворид намудааст, аммо дар моддаи 189 КҶ ҶТ бошад, онро ба таркиби тарафи объективии таркиби асосии ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ворид кардааст. Ин гуна ҳолат дар бораи риоя накардани қонунгузор ба принсипи системавии ҳуқуқ ва набудани рафтори ягона ба баҳогузории хавфи ҷамъиятии як усули содиршавии ҷиноят дар моддаҳои гуногуни Қисми махсуси КҶ ҶТ шаҳодат медиҳад.

Аз нуқтаи назари амалия, мавҷуд будан ё набудан дар қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ нишондодҳо ба ин гуна усулҳои алтернативӣ, ҳамчун истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, Интернет, квалификатсияи амали содиршударо ҳамчун бо таври оммавӣ содиршуда тағйир намедиҳад. Яъне, илова ба қ. 1 моддаи 189 КҶ ҶТ бо аломати мазкур мафҳуми оммавӣ будани содиршавии амалҳои манъшударо аниқтар кард ва баҳогузории дараҷаи хавфи ҷамъиятии содиршавии онҳоро бо истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, тағйир надод.

Дуюм, як шаклӣ дар таърифи қонунугузории нишонаи тадқиқшаванда мавҷуд нест, барои он ки дар моддаи 189 КҶҶТ, дар фарқият аз моддаҳои ва 307 ва 307[1] КҶ ҶТ, на фақат истифодаи ВАО ва шабакаи интернет, боз шабакаҳои электронии барқӣ нишон дода шудаст. Фикр мекунем, ки ин боз як бори дигар аз риоя накардани принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ шаҳодат медиҳад.

Сеюм, дар диспозитсияи моддаҳои зикршудаи Қисми махсуси КҶ ҶТ истифодаи истилоҳоти сершумор, ки бо ёрии онҳо нишонаҳои объективии

кирдорҳои пешбинишуда муайян карда мешаванд, ҳангоми тафсири онҳо душвориҳоро ба миён намеоранд. Чуноне ки Н.Ф. Кузнетсова дуруст қайд кардаст, дар ҳама моддаҳои КҶ ФР (мутаносибан КҶҶТ) бояд шакли танҳои исмҳо истифода бурда шавад, барои он ки рафтори дигар барои квалификатсияи кирдори содиршуда душвориҳоро ба миён меорад. Дар матни масъалаи тадқиқшаванда масъалаи зикршуда ба истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет дахл дорад, яъне ҳуқуқтатбиқкунанда бояд масъаларо дар бораи шумораи ин гуна воситаҳо ва шабакаҳоро ҳал кунанд, барои он ки тафсири айнан ба хулоса дар бораи зарурияти истифодаи ду ва зиёда воситаҳои ахбори омма ё шабакаи Интернет оварда мерасонад.

Ба ақидаи мо, истифодаи ҳатто як васоити ахбори омма ё як шабакаи иттилоотӣ дараҷаи зарурии хавфи ҷамъиятиро доро мебошад, ки, бешубҳа, қонунгузор ҳангоми ворид кардани тағйироти зарурӣ ба КҶ ҶТ инро дар назар дошт, барои ҳамин истилоҳои зикршударо дар шакли танҳо, яъне “воситаи ахбори омма” истифода бурдан мақсаднок мебошад.

Ҳангоми баровардани хулосаи фосилавӣ, бояд қайд кард, ки содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта бо истифодаи шабакаҳои ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, Интернет нишонаи назарраси як қатор кирдорҳои хусусияти экстремидошта мебошад, ки дараҷаи хавфи ҷамъиятии онҳоро меафзояд ва инро ҳангоми инъикоси қонунгузории таркиби ҷиноятҳои мувофиқ ба назар гирифтан зарур аст. Яъне, истифодаи шабакаҳои зикршуда дар қатори истифодаи васоити ахбори омма ба нишонаҳои квалификатсионии ҳамаи таркиби ҷиноятҳои ҷудошуда тааллуқ кардан ва онро якхела, бо истифодаи истиллоҳҳои ягона дар шакли танҳо барои нишон додан дар матни қонуни ҷиноятӣ истифода бурдан мақсаднок мебошад.

Инчунин, бояд қайд кард, ки ҳангоми ҷудо кардани хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои баррасишаванда бояд дар назар дошт, ки онҳо ба таркиби мафҳуми васеъи «Ҷиноятҳои хусусиятҳои экстремистидошта» ворид мешаванд. Мафҳуми мазкур дар эзоҳи қ. 2 моддаи $307^2$ КҶ ҶТ муқаррар шудааст: «Ташкили иттиҳоди экстремистӣ, яъне гурӯҳи муташаккили шахсон барои тайёр ё содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, $237^1$, 242, 243 (ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта) пешбинамудаи КҶ ҶТ аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ, инчунин роҳбарӣ ба чунин иттиҳоди экстремистӣ, ба ҷузъ ё томҳои ба чунин иттиҳод дохилшаванда, ҳамчунин ташкили иттиҳоди ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигар намояндагони ҷузъ ё томҳои чунин иттиҳод бо мақсади таҳияи нақшаҳо ва (ё) шароит барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта».

Ҳамзамон, мо зарур мешуморем, ки ба рӯйхати ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта нафақат моддаҳои зикргардида, балки дигар моддаҳои КҶ ҶТ, ки дар асоси ангезаҳои экстремистӣ содир карда мешаванд ва тамоюлҳои зиддиинсонӣ ва зиддиконститутсионӣ доранд, ворид намудан мувофиқи мақсад мебошад. Ҷунин мавқеъгирии мо аз Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” маншаъ мегирад, зеро дар моддаи 1 қонуни мазкур бо таври возеҳу равшан дар зери мафҳуми “фаъолияти экстремистӣ” аломатҳои объективӣ ва субъективии моддаҳои 307, $307^1$, $307^2$, $307^3$ ва $307^4$ дарҷ ёфтаанд [6].

Муқаррароти зикршударо ба назар гирифта, қайд кардан ҷоиз аст, ки кирдорҳои ҷиноятии баррасишавандаро дар намуди даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) (моддаи $307^1$ КҶ ҶТ) ва барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (моддаи 189

КҶ ҶТ) дар муқоиса ба дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта (масалан, моддаҳои 157, 158, 160, 188, 237, 237[1], 242, 243) дар ҳама ҳолат ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта эътироф карда мешаванд. Аммо моддаҳои 157, 158, 160, 188, 237, 237[1], 242, 243 танҳо дар ҳолаи аз рӯи ангезаҳои экстремистӣ содир шуданашон, ҳамчун ҷинояти хусусияти экстремистидошта эътироф карда мешаванд. Инчунин, дигар моддаҳои КҶ ҶТ агар дар асоси ангезаҳои экстремистӣ содир карда шаванд, чунин тамоюлро касб менамояд. Масалан, қ.2 б "м" моддаи 104 КҶ ҶТ, қ.2. б "м" моддаи 110 КҶ ҶТ, қ.2. б "е" моддаи 111 КҶ ҶТ.

Бешубҳа, ҳар як кирдорҳои мазкур ба дохили мафҳуми муайяни фаъолияти экстремистӣ дохил мешаванд, лекин ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта танҳо дар он вақт мансуб карда мешаванд, ки агар онҳо аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адовати сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ ва маҳалгароӣ содир шуда бошанд.

Ҳамзамон, азбаски даъвати оммавӣ метавонад дигар одамонро барои содир кардани, ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват водор кунад ва ин имконият медиҳад, ки дар бораи ҳаракатҳои хусусияти экстремистидоштаи эҳтимолӣ, ки бо моддаи 307 КҶ ҶТ манъ карда шудаст, сухан кунем.

Ҷиноятe, ки бо моддаи 189 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳаракатҳоро ки ба барангехтани кинаю адовати сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ ва маҳалгароӣ, инчунин паст задани шаъну эътибори миллӣ равона шудааст, дар бар мегирад, лекин, ҳамзамон, дар қонуни ҷиноятӣ дар бораи ангезаҳои шахси гунаҳкор, ки на ҳама вақт бо мақсадҳои кирдорҳои содиршаванда мутобиқат мекунад, гуфта намешавад. Яъне, агар ин ҷиноят аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват содир шуда бошад, хусусияти экстремистиро дар бар мегирад. Бешубҳа, гунаҳкорони ин ҷинояти хусусияти экстремистидошта, одатан он ангезаҳоро доро мебошанд, ки онҳоро дар дигар одамон мехоҳанд барангезанд. Мо бояд он вазъиятҳоро инкор накунем, ки шахсони муайян барои гирифтани мукофоти моддӣ бо ин фаъолият машғул мебошанд, лекин дарк мекунанд, ки бо ин кинаю адоват, инчунин паст задани шаъну эътибори миллиро ба миён меоранд. Масалан, блоггер метавонад барои интихоб ва ҷой кардани маълумоте, ки кинаю адоват, инчунин паст задани шаъну эътибори миллӣ доро мебошад ва дигар одамонро барои амалҳои хусуматомез нисбат ба гурӯҳҳои иҷтимоии мувофиқ ташвиқ мекунад, дар Интернет захираи худ маблағи пулӣ гирад.

Фикрҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст карда, қайд мекунем, ки ҷиноятҳое, ки бо моддаҳои 189, 307 ва 307[1] КҶ ҶТ пешбинӣ шуданд, танҳо дар мавриди содиршавии онҳо аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мансуб карда метавонем.

Таркиби ҷиноятҳое, ки бо моддаҳои 307, 307[1] ва 189 КҶ ҶТ пешбинӣ шуданд, аз рӯи таркиби тарафи объективии онҳо расмӣ мебошад, яъне вақти ба охиррасии онҳо бо содиршавии кирдорҳо, ки дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, вобаста мебошад. Ҳамзамон ҳар як ҷиноят бо воситаи рафтори фаъоли шахсони гунаҳкор амалӣ мешавад, ки он ҳаракатҳои хавфноки ҷамъиятиро дар бар мегирад, ба монанди даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) (моддаи 307[1] КҶҶТ) ва барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (моддаи 189 КҶ ҶТ).

Ҷиноятҳои баррасишаванда ба шумораи кирдорҳои оммавӣ содиршаванда мансуб дониста мешаванд, ки дар он истифодаи воситаи ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла, шабакаи «Интернет» дараҷаи олии оммавӣ буданашро нишон

медиҳад ва маълумоти мувофиқ барои доираи номаҳдуди шахсон дастрас мебошад. Оммавӣ буданаш дар як вақт ҳам усули кирдор ва ҳам муҳити амалишавии онро тавсиф мекунад. Лекин ҳангоми истифода бурдани воситаи ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ аломати мазкур маҳз ба тарзи содир кардани кирдор таааллуқ дорад, чунки шахси гунаҳкор амалҳоро одатан пинҳонӣ аз дигарон содир мекунад, масалан, компютери шахсиро дар ҷои зист истифода мебарад. Воситаи ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ бошад, ҳамчун воситаи содиршавии ҷиноятҳои мазкур баромад мекунанд.

Ҳама ҷиноятҳои гурӯҳи ҷудошуда қасдан мебошанд, ғайр аз ин, ин ҷиноятҳо бо қасди бевосита содир шуданд. Қайд кардан лозим аст, ки ангезаҳо дар ҷиноятҳои мазкур ба ҳайси аломати асосии тарафи субъективии ҷиноят баромад карда, шахси гунаҳгорро барои ба амалӣ сохтани мақсадҳои ҷиноятқорона водор месосанд.

Субъекти ҷиноятҳои мазкур умумӣ буда, дар қисмҳои 2 ва 3 моддаҳои мазкур субъекти махсус - шахсе, ки бо истифода аз мақоми хизматии худ чунин ҷиноятро содир менамояд (Масалан, б. «в» қ 2 м. 189 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Тавсифи умумии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро, ки бо истифодаи воситаи ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ содир мешаванд, ҷамъбаст карда, қайд мекунем, ки дар даҳсолаи охир содир гардидани ҷиноятҳои бо моддаи ($307^1$ КҶ ҶТ) даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ), моддаи (189 КҶ ҶТ) барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) пешбинигардида, рӯ ба афзоиш ниҳода, зарурати ҳарчӣ бештар ва пурсамартари таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятиро пеш овардааст.

Оид ба кирдорҳои экстремистии баррасишуда гуфтан мумкин аст, ки ҷараёни инкишофи устувори онҳо табиӣ буда, бинобар ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодиии абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ шумораи шахсони тамоюли радикалӣ дошта бо истифода аз ВАО, шабакаҳоиалоқаибарқӣ, азҷумлаинтернет меафзоянд.

Дар ҳаёти ҳаррӯза мо зуд-зуд мафҳуми «Интернет-иттиҳод» мешунавем, ки ин дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки шабакаҳо, сомонаҳо ва дигар захираҳои иҷтимоии Шабака барои муттаҳид шудани шахсони тамоюли экстремистидошта мусоидат мекунад ва ба фаъолияти онҳо хусусияти ташкилшударо медиҳад. Инро баромадҳои зиддидавлатӣ дар давлатҳои гуногун бо истифодаи фаъолонаи имкониятҳои шабакаи «Интернет» тасдиқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, ба ҷиноятҳои баррасишаванда мо даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) (моддаи $307^1$ КҶ ҶТ) ва барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (моддаи 189 КҶҶТ) мансуб медонем, барои он ки истифодаи воситаи ахбори омма ё ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, Интернет, нишонаи асосӣ ё квалификатсионии таркиби онҳо мебошад. Кирдори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашавандаро танҳо дар мавриди содиршавии онҳо аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ мансуб карда метавонем.

Воситаи ахбори омма ё ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, Интернет, инчунин барои омода шудан ба дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, барои ташкили онҳо, таҳриккунӣ ё фаъолияти шарикӣ, инчунин, барои бевосита содирнамоии кирдорҳои мувофиқ воқеан истифода мешаванд. Дар замони муосир барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, воситаҳои зикршуда шароити хеле мусоидро фароҳам овардаанд. Зеро ташкилкунандагон ва роҳбарони ташкилотҳои экстремистӣ дар

хориҷи кишвар маскан гирифта, ҷавонони тоҷикро дар дохил ва хориҷи кишвар ба гурӯҳҳои ифротӣ моил месозанд ва фаъолияти экстремистии хешро ташкилу тарғиб менамоянд.

Амалигардонии ин ҷиноятҳо бо истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, Интернет хатари ин гуна ҷиноятҳоро рӯз аз рӯз калонтар менамояд, барои он ки маълумоти экстремистӣ бо ин роҳ ба доираи бемаҳдуди шахсон дастрас мешавад. Зеро шабакаҳои «Интернетӣ»-и экстремистӣ устуворона афзоиш ёфта, дастрасии умумии чунин Интернет-захираҳо барои ҷавонон хеле содда ва осон буда, аксарияти онҳо бо номҳои мустаъор (анонимӣ) аз дохил ва хориҷи кишвар фаъол мебошанд. Назорат ва ошкоркунии онҳо вақти зиёд, мутахассисони касбӣ ва қувваву воситаҳои зиёд ва маблағгузории муайянро тақозо менамояд. Инчунин, нишонаи ҳуқуқии шабакаҳои иҷтимоии дахлдор, ки экстремистон бо номҳо ва расмҳои мустаъор аз онҳо хеле васеъ истифода менамоянд, дар хориҷи кишвар воқеъ буда, барои ошкор кардани чунин ҷинояткорон ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо мушкилоти муайяни кадрӣ, забонӣ, ташкилӣ, хуқуқӣ, иттилоотӣ, техникӣ, тактикӣ ва ғ. мавҷуд мебошанд.

Дар асоси маводи баррасишуда, чунин хулосаву пешниҳодотро дар мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешгирии эксремизми иттилоотӣ манфиатпазир мешуморем:

1. Ҳолати муосири технологияҳои навтарин ва дараҷаи бемайлони ҷалбкунии ҷомеа ба гурӯҳҳои ифротӣ бо истифодаи воситаи ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ боиси зиёд гардидани содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар намуди даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) гардидааст.

2. Истифодаи васеи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет барои экстремистон ҷиҳати паҳн намудани ғояҳои экстремистӣ (адабиёти экстремистӣ, маводи публистӣ, филмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, фонограмаҳо, видеоклипҳо ва ғ.) ва моил сохтани ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ даҳҳо маротиба шароити фарохтар фароҳам оварда, хавфи чунин кирдорҳо садҳо маротиба зиёд карда истодаанд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми деференсиатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет содир мешаванд, бояд хавфи баланди ҷамъияии ин аломатро дар назар дошта, онро танҳо ба сифати аломати квалификатсионии таркиби чунин ҷиноятҳо эътироф карда шавад.

3. Диспозитсияи қ.1 м.189 КҶ ҶТ бо таври зерин баён карда шавад: «Ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ содир шудааст,…»;

4. Дар қисми 2 м. 189 КҶ ҶТ банди «г» дар намуди зайл илова карда шавад: “ г) бо истифодаи воситаи ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, инчунин, асари экстремистие, ки бо таври оммавӣ пешниҳод мешавад”.

5. Бо назардошти хусусияти системавӣ доштани қонуни ҷиноятӣ ва мутобиқсозии истилоҳоти ҳуқуқии таҷассумкунандаи мазмуни якхела пешниҳод карда мешаванд, ки қ. 2 м. 307 КҶ ҶТ, қ.2 м. 307[1] КҶ ҶТ ва қ. 2 м. 189 КҶ ҶТ чунин баён ёбаданд: “Он кирдорҳо, ки бо истифодаи истифодаи воситаи ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз чумла, интернет, инчунин асаре ки оммавӣ, содир шуданд, - …».

## Адабиёти истифодашуда

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 26-уми октябри с. 2021).

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, № 4, мод. 149, мод. 167;…Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2020, № 1662; аз 04.07.2020, № 1701; аз 07.08.2020, № 1717; аз 17.12.2020, № 1730; аз 20.04.2021, №1776.

3. Ляпунов, Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: учебное пособие / Ю.И. Ляпунов. - М.: Изд-во ВЮЗШ МВД СССР, 1989. - 119 с.

4. Атагимова, Э.И., Потемкина, А.Т., Цопанова, И.Г. Социальная обусловленность уголовно-правового запрета и ее реализация в законодательстве // Правовая информатика. - 2016. - № 3. - С. 13-19.

5. Гаухман, Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика: монография / Л.Д. Гаухман. - М.: АО "Центр ЮрИнфоР", 2010. - 559 с.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2-юми январи с. 2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2020, № 1, мод. 2.

## References

1. Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan "On the main directions of domestic and foreign policy of the republic", 26.01.2021 // [Electronic source] - Schedule: http://president.tj/ node / 25005 (application date: October 26, 2021).

2. Criminal Code of the Republic of Tajikistan from May 21, 2006 1998, № 574 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 1998, № 9, mod. 68, mod. 69, № 22, mod. 306; s. 1999, № 12, mod. 316; s. 2001, № 4, mod. 149, Art. 167; Laws of the Republic of Tajikistan from 02.01.2020, № 1662; from 04.07.2020, № 1701; from 07.08.2020, № 1717; from 17.12.2020, № 1730; from 20.04.2021, №1776.

3. Lyapunov, Yu.I. Public danger of an act as a universal category of Soviet criminal law: a study guide / Yu.I. Lyapunov. - M.: Publishing house of VYuZSH of the Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1989. - 119 p.

4. Atagimova, E.I., Potemkina, A.T., Tsopanova, I.G. Social conditionality of the criminal law prohibition and its implementation in legislation // Legal informatics. - 2016. - No. 3. - P. 13-19.

5. Gaukhman, L.D. Qualification of crimes: law, theory, practice: monograph / L.D. Gauhman. - M.: JSC "Center YurInfoR", 2010. - 559 p.

6. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Extremism” of January 2, 2006. 2020, № 1655 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan p. 2020, № 1, mod. 2.

ТДУ 343.34 : 34.047

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ МАФҲУМИ «ЭКСТРЕМИЗМ» ДАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ МИНТАҚАВӢ

# ПРОИСХОЖДЕНИЕ И СТАНОВЛЕНИЕ ПОНЯТИЯ «ЭКСТРЕМИЗМ» В РЕГИОНАЛЬНЫХ НОРМАТИВНЫХ ПРАВОВЫХ АКТАХ

# ORIGIN AND FORMATION OF THE CONCEPT «EXTREMISM» IN REGIONAL NORMATIVE LEGAL ACTS

ҲАЙДАРЗОДА М.П.
HAYDARZODA M.P.

*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия*

*Доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции*

*Associate professor of the department of administrative law and administrative activities of the faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tatarstan,Candidate of Legal Sciences, the major of militia*



e-mail: murod.23.09.1990@mail.ru

ИСКАНДАРИ СУЛАЙМОН
ISKANDARI SULAYMON

*Прокурори калони Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовари Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

*Старший прокурор Управления по надзору за исполнением законов в органах внутренних дел и по контролю за наркотиками Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, советник юстиции 1-го класса, кандидат юридических наук*

*Senior Prosecutor of the Department for Supervision of Law Enforcement in Internal Affairs Bodies and Drug Control of the General Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Business and Commercial Law of the Faculty of Law of the Tajik National University, Counselor of Justice of the 1st Class,Candidate of Legal Sciences*



e-mail: Sulaymon.iskandari@gmail.com

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.

*Scientific specialty:* 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Тақриздиҳанда:* АЗИМЗОДА Н.Б. – муовини сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, подполковники милитсия.

*Рецензент:* АЗИМЗОДА Н.Б. – заместитель начальника факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор, подполковник милиции.

*Reviewer:* AZIMZODA N.B. - Deputy Head of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Professor, Lieutenant Colonel of the militia.

*Аннотатсия*: Дар мақола бо пайдарҳамии хосса пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба қавли муаллифон, мафҳуми «экстремизм» дар санадҳои байналмилалӣ мавҷуд набуда, он бори аввал дар Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм», ки хусусияти минтақавӣ дорад, пешниҳод шудааст, вале он ба эътирофи умум ноил шуда наметавонад, зеро дар он танҳо яке аз шаклҳои экстремизми дорои аломатҳои зӯроварона таҷассум гардида, дигар паҳлуҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ифода наёфтааст. Ҳамзамон, дар мақола иброз шудааст, ки иқдоми муҳимро дар ҷодаи якранг намудани қонунгузории кишварҳои ИДМ - Қонуни моделӣ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», гузошт. Аммо дар қонуни мазкур мавқеи аниқ оид ба фарққунонии мафҳумҳои «фаъолияти экстремистӣ» ва «экстремизм» инъикос наёфта, иштибоҳан, мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» фарогири номгӯи ҷиноятҳои хусусияти террористидошта шудааст, ки ин мафҳуми аз ҳад васеи «фаъолияти экстремистӣ»-ро бо мафҳуми «фаъолияти террористӣ» омехта карда, боиси ихтилофот дар қонунгузориҳои зиддиэкстремистии мамлакатҳои ширкаткунандаи ИДМ шудааст. Вобаста ба ин, муаллифон таҳлили илмӣ гузаронида, ба хулосае омаданд, ки қабул намудани мафҳуми комплексии «экстремизм» ва муайян кардани стратегияи умумиэътирофшудаи муқовимат ба кирдорҳои хусусияти экстремистидошта тақозои замон мебошад.

*Вожаҳои калидӣ:* Кодеки ҷиноятӣ, Кодекси моделӣ, қонун, қонуни моделӣ, конвенсия, Созмони Ҳамкории Шанхай, санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ, мафҳум, экстремизм, фаъолияти экстремистӣ.

*Аннотация*: В статье в определенной последовательности исследуется вопрос возникновения и становления понятия «экстремизм» в региональных правовых актах. По мнению авторов, понятия «экстремизм» в международных документах не существует и впервые оно было предложено в Шанхайской конвенции “О борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом”, которая носит региональный характер, и не может быть общепризнанной, поскольку, в документе представлена только одна форма насильтсвенного экстремизма, никаких других уголовно-правовых аспектов экстремизма представлено не было. В то же время в статье отмечается, что важным шагом в деле унификации законодательства стран СНГ стало принятие Модельного закона «О противодействии экстремизму». Однако закон не содержит четкой позиции в отношении разграничения понятий «экстремистская деятельность» и «экстремизм», напротив, ошибочновключаяв понятие «экстремистская деятельность» перечень преступлений террористического характера, что привело к смешению понятий «экстремистская деятельность» и «террористическая деятельность» и вызывло противоречия в антиэкстремистском законодательстве государств-участников СНГ. Проведя тщательный научный анализ, авторы пришли к выводу о необходимости принятия комплексного определения «экстремизма» и разработке общепризнанной стратегии противодействия экстремистской деятельности на региональном уровне.

*Ключевые слова*: Уголовный кодекс, Модельный кодекс, закон, модельный закон, конвенция, Шанхайская организация сотрудничества, региональные нормативные правовые акты, понятие, экстремизм, экстремистская деятельность.

*Annotation*: The article examines in a certain sequence the issue of the emergence and formation of the concept of "extremism" in regional legal acts. According to the author, the concept of "extremism" does not exist in international documents, and for the first time it was proposed in the Shanghai Convention "On Combating Terrorism, Separatism and Extremism", which is of a regional nature and cannot be universally recognized, since the document presents only one form of violent extremism, no other criminal law aspects of extremism were presented.At the same time, the article notes that an important step in the unification of the legislation of the CIS countries was the adoption of the Model Law "On Counteracting Extremism". However, the law does not contain a clear position regarding the distinction between the concepts of "extremist activity" and "extremism", on the contrary, it mistakenly includes a list of crimes of a terrorist nature in the concept of "extremist activity", which led to the confusion of the concepts of "extremist activity" and "terrorist activity" and caused contradictions in the anti-extremist legislation of the CIS member states. After a thorough scientific analysis, the author came to the conclusion that it is necessary to adopt a comprehensive definition of "extremism" and develop a generally recognized strategy for countering extremist activity at the regional level.

*Keywords:* Criminal Code, Model Code, law, model law, convention, Shanghai Cooperation Organization, regional regulations, concept, extremism, extremist activity.

Ёдовар мешавем, ки чанде пеш дар шумораи қаблии маҷаллаи илмии “Осори Академия” мо оид ба пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» дар ҳуқуқи байналмилалӣ ибрози назар карда, дар он ба хулосае омадем, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми барои ҳама мақбули «экстремизм» мавҷуд нест ва ҳатто ҳангоми таҳқиқот маълум намудем, ки то соли 1990 дар ягон санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ истилоҳи «экстремизм» истифода нашуда, ба ҷои он як қатор вожаҳои дигар аз қабили табъиз, бегонаҳаросӣ, таҳаммулнопазирӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки на ҳамеша муродифи он ҳастанд [11, с. 77-88].

Акнун дар таҳқиқоти навбатӣ мо пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм»-ро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ баррасӣ карда, мушкилоту норасогии онро ҳамаҷониба таҳқиқ менамоем, зеро мафҳуми «экстремизм» бори аввал на дар санадҳои байналмилалӣ, балки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бояд қайд намоем, ки аввалин кӯшиши таҳияи таърифи мафҳуми «экстремизм» ҳангоми қабули Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» аз 15-уми июни соли 2001 қайд карда шудааст, ки Тоҷикистон, Хитой, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ширкаткунандагони он мебошанд [2, с. 37].

Мутобиқи б. 3 қ. 1 м. 1 ин Конвенсия, зери мафҳуми «экстремизм» «ҳар кирдоре фаҳмида мешавад, ки ба зӯроварона ғасб намудани ҳокимият ё зӯроварона нигоҳ доштани он, инчунин ба зӯроварона тағйир додани сохти конститутсионии давлат, ҳамчунин таҷовузи зӯроварона ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, бо мақсадҳои зикршуда ташкил додани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ё иштирок дар онҳо, ки мутобиқи қонунгузории миллии тарафҳо мавриди пайгарди ҷиноятӣ қарор мегиранд, равона шудааст» [14].

Аз таҳлили ин таъриф чунин хулоса метавон баровард, ки дар он диққати асосӣ ба унсури зиддидавлатии зӯроварона [2, с. 37; 3, с. 449-450] дода шуда, қисматҳои идеологии экстремизм, ба монанди барангехтани кинаю адоват аз рӯйи ангезаҳои миллатгароӣ, маҳалгароӣ ва динӣ аз соҳаи назари таҳиягарон берун афтодааст.

Гузашта аз ин, муқаррароти Конвенсияи мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, қарореро дар бораи якхеласозии ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ пешбинӣ намекунад. Ин аз

мазмуни қ. 2 м. 1 Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» бармеояд, ки дар он чунин омадааст: «ҳамин модда ба ягон аҳдномаи байналмилалӣ ё ягон қонунгузории миллии Тарафҳо, ки муқаррароти оид ба татбиқи васеътари истилоҳоти дар ҳамин модда истифодашавандаро дар бар мегиранд ё метавонанд дар бар гиранд, зиён намерасонад».

Бо мақсади мукаммалгардонии муқаррароти ин Конвенсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (минбаъд – СҲШ) аз ҷумла, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Хитой, Россия ва Ӯзбекистон дар шаҳри Остонаи Қазоқистон 9-уми июни соли 2017 Конвенсияи СҲШ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ)»-ро қабул намуданд, ки он бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми феврали соли 2018, таҳти № 1002 тасдиқ карда шудааст.

Мутобиқи б. 2 қ. 1 м. 1 ин Конвенсия, зери мафҳуми «экстремизм мафкура ва амалия, ки барои ҳалли мунокишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зӯроварӣ ва дигар амалҳои зиддиконститутсионӣ равона карда шудааст»[6], фаҳмида мешавад.

Чи хеле мушоҳида мешавад, агар дар мафҳуми «экстремизм»-е, ки дар б. 3 қ. 1 м. 1 Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» пешбинӣ шудааст, диққати асосӣ ба унсури зиддидавлатии он матраҳ шуда бошад, пас, дар мафҳуми «экстремизм»-е, ки дар б. 2 қ. 1 м. 1 Конвенсияи СҲШ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ)» манзур шудааст, на танҳо амалҳое, ки барои ҳалли мунокишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зӯроварӣ содир мешаванд, дар бар гирифтааст, балки дигар кирдорҳои зиддиконститутсиониро низ фарогир мебошад, ки, дар маҷмуъ, шаклҳои экстремизми зӯроварона ва ғайризӯроваронаро дар худ таҷассум менамояд.

Мутаассифона, муқаррароти Конвенсияи СҲШ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ)» низ ба мисли Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» хусусияти тавсиявӣ дошта, қарореро дар бораи яххеласозии ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ пешбинӣ намекунад, зеро дар қ. 2 м. 1-уми он омадааст: «Ҳамин модда ба ин ё он қарордоди байналмилалӣ ё қонунгузории миллии ягон Тараф зиён намерасонад, ки онҳо дорои муқаррарот дар бораи истифодаи васеътари истилоҳу мафҳумҳои дар моддаи мазкур истифодашаванда мебошанд ё метавонанд бошанд».

Бо мақсади боз ҳам мукаммал сохтани санадҳои дар боло матраҳшуда давлатҳои аъзои СҲШ аз ҷумла, Ҳиндустон, Қазоқистон, Хитой, Қирғизистон, Покистон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар шаҳри Душанбе «Эъломияи Душанбегии бистсолагии Созмони Ҳамкории Шанхай»-ро 17-уми сентябри соли 2021 ба тасвиб расонданд, ки дар он масъалаҳои зиёд дар самтҳои гуногун, аз қабили сиёсат, амният, мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм, экстремизм, амнияти итилоотии байналмилалӣ ва ғайра ба танзим дароварда шудаанд.

Хусусан, дар банди 3.2. масъалаи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм, ки дар асоси Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» аз 15-уми июни соли 2001 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст, омадааст.

Давлатҳои аъзо нақши калидии мақомоти салоҳиятдори худро дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм таъкид намуда, зарурати тақвияти талошҳои умумиро барои пешгирии паҳншавии идеологияи мазкур муҳим мешуморанд ва дар ин замина роҳ надодани дахолат ба корҳои дохилии давлатҳо бо баҳонаи муқовимат бо терроризм ва экстремизм, инчунин ба мақсадҳои ғаразнок истифода бурдани

гурӯҳҳои террористӣ, экстремистӣ ва радикалиро қайд менамоянд. Онҳо нақши махсуси Сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхайро дар мубориза муштарак бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм бо мақсади таъмини амнияти минтақавӣ тасдиқ менамоянд ва иқтидори ҳамкории мақомоти салоҳиятдорро дар ин соҳаҳо афзун мекунанд.

Ҳамзамон, онҳо самти муҳимми мубориза алайҳи экстремизм ва терроризмро дар барҳам додани камбизоатӣ, бекорӣ ва бесаводӣ мансуб дониста, ҳамкориҳои мутақобиларо оид ба ошкоркунӣ, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти созмонҳо ва шахсоне, ки ба терроризм, сепаратизм ва экстремизм мансубият доранд амиқтар месозанд ва талошҳоро барои муқобила бо густариши ақидаҳои экстремистӣ ва сепаратистӣ, пеш аз ҳама, дар байни ҷавонон тақвият дода, барои пешгирии таҳаммулнопазирии мазҳабӣ, миллатгароии гузаро, табъизи этникӣ ва нажодӣ, бегонаҳаросӣ, ғояҳои фашизм ва шовинизм, афзоиш медиҳанд [4].

Бо назардошти ин ва дигар омилҳои дар боло матраҳшуда, мо ба андешае омадем, ки дар қонунгузории мамлакатҳои ширкаткунандаи СҲШ мафҳуми «экстремизм» (фаъолияти экстремистӣ) аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм васеътар тафсир карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки икдоми муҳиммро дар ҷодаи якранг намудани қонунгузории кишварҳои ИДМ ин Қонуни моделӣ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 14-уми майи соли 2009, ки дар иҷлосияи сию дуюми пленарии Маҷмааи байнипарлумонии давлатҳои ширкаткунандаи ИДМ қабул карда шудааст, гузошт. Дар ин Қонуни моделӣ (намунавӣ) «мафҳум, принсип ва асосҳои ташкилии ҳуқуқии мубориза ба фаъолияти экстремистӣ, инчунин ҷавобгарӣ барои амалигардонии он муайян карда шудаанд»[9].

Дар м. 1 Қонуни моделӣ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (минбаъд - Қонуни моделӣ) мафҳумҳои «фаъолияти экстремистӣ» ва «экстремизм» чун ду мафҳуми мустақил истифода шудаанд.

Зери мафҳуми «экстремизм» таҷовуз ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин, вайронкунии ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи инкори меъёрҳои ҳуқуқӣ ва (ё) дигар меъёру қоидаҳои умумиқабулшудаи рафтори иҷтимоӣ ба амал бароварда мешаванд. Фаъолияти экстремистӣ бошад, аз ҳисоби ҳаҷми ин мафҳум, мушаххасан чун «фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаи ахбори омма ё ташкилоти дигар, шахси воқеӣ оид ба тарҳрезӣ, омодасозӣ ё содиркунии кирдорҳое фаҳмида мешавад», ки дар м. 1 Қонуни моделӣ номбар карда шудаанд.

Қонуни моделӣ амалҳои дорои тамоюлоти зеринро ба фаъолияти экстремистӣ мансуб медонад:

– ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, вайрон кардани тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлат;

– сафедкунии оммавии терроризм ё даъвати оммавӣ барои ба амал баровардани фаъолияти террористӣ;

– барангехтани кинаю адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ;

– таблиғи мустасноӣ, бартарӣ ё ноқисии инсон (гурӯҳи иҷтимоӣ) аз рӯйи мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, қавмӣ, динӣ ё забонии он ё муносибаташ ба дин;

– вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, қавмӣ, динӣ ё забонии он ё муносибаташ ба дин;

– монеъ шудан ба шаҳрвандон ҷиҳати татбиқи ҳуқуқи интихоботиаш ё ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсиҳо ё вайрон кардани махфияти овоздиҳӣ, агар он бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он алоқаманд бошад;

– монеъ шудан ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ва ташкилотҳои дигар, шахсони мансабдори мақомот, комиссия, иттиҳодия ва ташкилотҳои мазкур, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи

он, ҳамчунин истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он дар ҳаққи наздикони шахсони мансабдори мазкур бо мақсади монеъ шудан ба фаъолияти қонунии ин шахсони мансабдор ё маҷбуркунӣ ба тағйири хусусияти ин фаъолият ё чун қасос барои амалисозии он содир карда мешаванд;

– содир намудани ҷиноятҳо аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё кинаю адовати динӣ ё ин ки кинаю адоват нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, инчунин аз рӯйи қасос барои амалҳои қонунии шахсони дигар, бо мақсади пинҳон кардани ҷинояти дигар ё осон кардани содирнамоии он;

– таблиғ ё намоиши оммавии нишон ё аломатҳои натсистӣ ё нишону аломатҳое, ки ба нишонҳои натсистӣ то ба дараҷаи омехтагӣ шабоҳат доранд;

– даъвати оммавӣ барои ба амал баровардани кирдорҳои мазкур ё интишори оммавии маводу маълумоти баръало экстремистӣ, ҳамчунин тайёркунӣ ё нигоҳдории онҳо бо мақсади интишори оммавӣ;

– маблағгузории кирдорҳои мазкур ё ҳамкории дигар дар ташкил, омодасозӣ ва амалигардонии онҳо, аз ҷумла, бо роҳи додани воситаҳои молиявӣ, амволи ғайриманқул, заминаи таълимӣ, полиграфӣ ва моддию техникӣ, алоқаи телефонӣ, факсимилӣ ва навъи дигари алоқа, инчунин расонидани хизматҳои иттилоотӣ.

Вобаста ба ин С.В. Борисов таҳқиқот бурда, комилан дуруст қайд мекунад, ки омӯхтани ин Қонуни моделӣ дар маҷмуъ, моро ба хулосае овард, ки он дар заминаи Қонуни федералии Федератсияи Россия аз 25-уми июли соли 2002, таҳти № 114-ҚФ «Дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ» таҳия карда шудааст. Зимнан, ба фикри мо, ҳангоми таҳияи Қонуни моделӣ муаммоҳои зиёди қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, ки он замон дар Россия ва кишварҳои дигари ширкаткунандаи ИДМ дар соҳаи мубориза бо экстремизм вуҷуд доштанд, ба назар гирифта нашудаанд. Ба чунин муаммоҳо, хусусан, то имрӯз инҳо мансубанд:

1) набудани тақсимот ё таносуби дигари мафҳумҳои ҳуқуқии «фаъолияти экстремистӣ» (экстремизм) ва «терроризм»;

2) набудани аломатҳои меъёран муайяншуда барои ба фаъолияти экстремистӣ (эксремизм) мансуб донистани ин ё он кирдор, ба ғайр аз номгӯи дахлдори кирдорҳо;

3) ба номгӯи мазкур шомил намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳам қонуншиканиҳои маъмурӣ [1, с. 119].

Албата чунин мушкилиҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти № 69 ки қаблан амал мекард мавҷуд буд [7] ва ҳамаи ин ноқисиҳо бо ташабуси мо ҳангоми қабулӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми ноябри соли 2020 таҳти № 1655 ба пуррагӣ бартараф карда шуд [8]. Аз ҷумла, дар қонуни амалкунандаи мазкур мо мафҳумҳои «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ», «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта», ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта» ва ғайраро, ки натиҷаи таҳқиқоти диссертатсиониямон маҳсуб меёфт, ба мақомоти қонунгузор манзур намудем, ки ҳамаи онҳоба пуррагӣ вориди ин қонун гардиданд [13, с. 11-14]. Ба ғайр аз ин, қонунгузор дар баробари мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» боз дар моддаи 3-юми қонуни амалкунандаи экстремизм ибораи фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ дониста мешавадро ворид карда, дар он аломатҳои фаъолияти экстремистиро, ки ба ҷиноятҳои гуногуни хусусияти экстремистидошта рост меоянд, дар бандҳои алоҳида пешбинӣ намуд, ки ин то андозае боиси ҳаммонанд шудани қонуни амалкунандаи зиддиэкстремистии мо бо қонуни моделии зиддиэкстремистӣ шуд. Новобаста ба ин, ҳамоно ноқисиҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мавҷуд мебошанд, ки мо вобаста ба онҳо дар таҳқиқоти пешинаамон ибрози назар карда будем [12, с. 36].

Ёдовар мешавем, ки дар мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва кирдорҳои дигари мансуб ба экстремизм дар сатҳи ИДМ санади қонунии тавсиявӣ - Кодекси ҷиноятии моделӣ низ амал мекунад [10].

Дар Кодекси мазкур фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва дар он боби 31 «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» ҳаст, аммо м. 187 «Барангехтани адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ» дар боби 23 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ» ва дар фасли VIII «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ» ҷойгир шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин меъёр, дар таркиби Кодекси моделӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки объекти хелии ҷинояти дар он пешбинишуда амнияти ҷамъиятӣ ва саломатӣ, объекти намудиаш – амнияти ҷамъиятист [1, с. 123-124].

Аён аст, ки дар шакли классикӣ аломатҳои асосии экстремизм, ки аз муқаррароти меъёрҳои универсалии ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, маҳз дар м. 187 Кодекси моделӣ, ки муродифаш м. 189 КҶ ҶТ (Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ) мебошад, ба назар мерасанд.

Чунончӣ, м. 187 Кодекси моделӣ дар чунин шакл таҳия шудааст:

«Моддаи 187. Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ

Ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ, паст задани шаъну эътибори миллӣ равона шудаанд, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубияти онҳо ба миллат ё нажод, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма анҷом дода шуда бошанд, - ҷонияти дараҷаи миёна маҳсуб мешавад.

Ҳаракатҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, агар:

а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо истифодаи мақоми хизматӣ;

в) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил анҷом дода шуда бошад, - ҷинояти дараҷаи вазнинро ташкил медиҳад».

Таҳлили муқоисавии м. 189 КҶ ҶТ ва м. 187 Кодекси моделӣ барои дарёфтани фарқиятҳои зерин имкон медиҳад:

– номи м. 189 КҶ ҶТ ҳамчунин ба барангехтани кинаю адовати маҳалгароӣ таъкид менамояд*;

– муқоисаи диспозитсияҳои қ. 1 м. 189 КҶ ҶТ ва қ. 1 м. 187 Кодекси моделӣ инчунин аломати иловагиеро нишон медиҳад, ки танҳо хосси КҶ ҶТ аст;

– аломатҳои бандубасткунандаи қ. 2 м. 189 КҶ ҶТ ва қ. 2 м. 187 Кодекси моделӣқариб якхелаанд, танҳо ҷузъиёти б. «а» қ. 2 м. 189 КҶ ҶТ оид ба такроран содир шудани кирдор ва б. «г» оид ба гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ фарқ доранд;

Қисми 3 м. 189 КҶ ҶТ илова ба ин, аломатҳои бандубасткунандаи зеринро пешбинӣ мекунад:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад;

в) ба зӯран пеш кардани шаҳрванд аз маҳалли сукунати доимӣ оварда расонад;

г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содир шуда бошад [5].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ дар соҳаи мубориза бар зидди экстремизм ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таърифи умумиқабулшудаи мафҳуми «экстремизм» то ҳанӯз вуҷуд надорад.

Мафҳуми «экстремизм», ки дар Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» пешниҳод шудааст, ба эътирофи умум ноил шуда наметавонад ва сабабаш, пеш аз ҳама, ин аст, ки дар он таъкиди асосӣ ба унсури зиддидавлатии экстремизм карда шудааст. Мафҳуми «экстремизм», ки дар

* Ба вуқуъ пайвастани экстремизм дар асоси кинаю адовати маҳалгароӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта аз тарафи баъзе аз гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ роҳандозӣ шуда буд.

Конвенсияи СҲШ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ)» пешбини шудааст, мушкилоти мазкурро қисман бартараф карда, аммо мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ»-ро ба даври дақиқ пешниҳод насохтааст.

Дар Қонуни моделии мамлакатҳои ширкаткунандаи ИДМ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ҳам мавқеи аниқ оид ба фарққунонии мафҳумҳои «экстремизм» ва «фаъолияти экстремистӣ» вуҷуд надорад. Мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ», ки ин қонун пешниҳод мекунад, моҳиятан фарогири номгӯи ҷиноятҳои тамоюли экстремистӣ ва хусусияти террористидошта мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии моделӣ бошад, ҳам мафҳуми «экстремизм» ва ҳам «фаъолияти эктремистӣ» вуҷуд надоранд. Моддаи 187-уми ин қонун (Барангехтани адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ) ягона меъёри ҳуқуқи ҷиноятиест, ки аломатҳои умумии шаклҳои маъмултарини экстремизмро дар бар мегирад.

Бо назардошти андешаҳои дар боло матраҳшуда мо ҷонибдори коркард ва қабул намудани мафҳуми комплексии «экстремизм» ва муайян намудани стратегияи умумиэътирофшудаи муқовимат ба кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мебошем. Зеро таҳияи нуқтаи назари ягона оид ба таърифи мафҳуми «экстремизм» дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва минбаъд мустақар сохтани он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ, барои ҷоннок намудани мубориза бо ин зуҳурот имкон дода, заминаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар кишварҳои алоҳида фароҳам ва амалияи ягонаи татбиқи ҳуқуқро таъмин менамояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Борисов, С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства и правоприменения: дис. … д-ра юрид. наук: [12.00.08] / Сергей Викторович Борисов. – М., 2012. – 484 с.
2. Взаимодействие международного и сравнительного уголовного права: учебное пособие / отв. ред.: В.С. Комиссаров, науч. ред. Н.Ф. Кузнецова. – М.: «Городец», 2009. – 288 с.
3. Гречухин, М.А. Уголовно-правовые проблемы борьбы с организованной экстремистской преступностью // Организованная преступность в XXI веке: проблемы теории и практики: сб. материалов междунар. науч.-практ. конф. – М., – 2011. – С. 446-450.
4. Душанбинская декларация двадцатилетия ШОС, принятая 17 сентября 2021 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://rus. sectsco.org/news/20210917/779142.html (дата обращения: 05.10.2021 г.).
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306 (Қонуни ҶТ аз 20.04.2021 с., № 1776).
6. Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай «Дар бораи муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ) аз 9-уми июни соли 2017 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «ADLIA»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Версия 7.0.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, № 69 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, № 12, м. 697; соли 2007, № 3, мод. 158, соли 2014, № 11, мод. 655 (аз эътибор соқит дониста шуд).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, № 1655 // Ҷумҳурият: нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. / – Реҷаи воридшавӣ: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=39276 (санаи муроҷиат: 05.10.2021).
9. Модельный закон «О противодействии экстремизму», принят Межпарламентской Ассамблеей государств-участников СНГ 14 мая 2009 года // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://docs. pravo.ru /document/view/16872152/14355262/ (дата обращения: 11.10.2021 г.).
10. Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ (принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств участников СНГ 17 февраля 1996 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://base.garant.ru/2566472/ (дата обращения: 12.10.2017 г.).

11. Ҳайдарзода, М.П. Пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» дар ҳуқуқи байналмилалӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2021. - № 3 (51). – С. 77-88.
12. Ҳайдарзода, М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 221 с.
13. Ҳайдарзода, М.П. Проблемаҳои муқаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … н.и.ҳ. [12.00.08] / Мурод Пирмаҳмад Ҳайдарзода. – Душанбе, 2020. – 221 с.
14. Шанхайская Конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом (Шанхай, 15 июня 2001 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.referent.ru/1/10927 (дата обращения: 12.10.2017 г.).

**References**

1. Borisov, S.V. Crimes of an extremist orientation: problems of legislation and law enforcement: dis. … Dr. jurid. Sciences: [12.00.08] / Sergey Viktorovich Borisov. - M., 2012. - 484 p.
2. Interaction of international and comparative criminal law: textbook / otv. editor: V.S. Komissarov, scientific ed. N.F. Kuznetsova. - M.: "Gorodets", 2009. - 288 p.
3. Grechukhin, M.A. Criminal-legal problems of combating organized extremist crime // Organized crime in the XXI century: problems of theory and practice: Sat. materials of the international scientific-practical. conf. - M., - 2011. - P. 446-450.
4. Dushanbe declaration of the twentieth anniversary of the SCO, adopted on September 17, 2021 // [Electronic resource] - Access mode: http://rus. sectsco.org/news/20210917/779142.html (accessed 05/10/2021).
5. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998, № 574 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan p. 1998, № 9, m. 68, m. 69, № 22, m. 306 (Law of the Republic of Tajikistan from 20.04.2021, № 1776).
6. Convention of the Shanghai Cooperation Organization on Countering Extremism from June 9, 2017 // Centralized Information and Legal Database "ADLIA" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Version 7.0.
7. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Extremism” of December 8, 2003, № 69 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 2003, № 12, m. 697; 2007, № 3, Art. 158, 2014, № 11, Art. 655 (was annulled).
8. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Extremism” of January 2, 2020, № 1655 // Republic: Official publication of the Republic of Tajikistan [Electronic source]. / - Entry schedule: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=39276 (application date: 05.10.2021).
9. Model law "On countering extremism", adopted by the Antiparliamentary Assembly of the CIS member states on May 14, 2009 // [Electronic resource]. – Access mode: http://docs. pravo.ru /document/view/16872152/14355262/ (date of access: 10/11/2021).
10. Model Criminal Code for the CIS Member States (adopted by a resolution of the Antiparliamentary Assembly of the CIS Member States on February 17, 1996) // [Electronic resource] - Access mode: http://base.garant.ru/2566472/ (date accessed: 10/12/2017).
11. Haidarzoda, M.P. Origin and formation of the concept of "extremism" in international law // Heritage of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: Printing House of RT and N of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, - 2021. - № 3 (51). - С. 77-88.
12. Haidarzoda, M.P. Problems of improving the legislation and qualification of crimes of an extremist nature in the Republic of Tajikistan: monograph / Edited by Candidate of Law, Associate Professor Safarzoda H.S. - Dushanbe: «ER-graf», 2021. - 221 p.
13. Haidarzoda, M.P. Problems of improving the legislation and qualification of crimes of an extremist nature in the Republic of Tajikistan: diss. … Н.и.ҳ. [12.00.08] / Murod Pirmahmad Haidarzoda. - Dushanbe, 2020. - 221 p.
14. Shanghai Convention on Combating Terrorism, Separatism and Extremism (Shanghai, June 15, 2001) // [Electronic resource] - Access mode: https://www.referent.ru/1/10927 (date of access: 12.10. 2017).

ТДУ 340 : 004

# ЗАМИНАҲОИ ИЛМӢ-ҲУҚУҚИИ ИТТИЛООТОНӢ ВА БУНЁДИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОКТРИНАЛЬНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ИНФОРМАТИЗАЦИИ И ФОРМИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# DOCTRINAL AND LEGAL FOUNDATIONS OF INFORMATIZATION AND FORMATION OF THE INFORMATION SOCIETY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

ШАРОФЗОДА Р.Ш.
SHAROFZODA R.SH.
*Профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор*
*Professor of the Department of Theory and History of State and Law of the Law Faculty of the Tajik National University, Doctor of Law, Professor*



E-mail: www-rustam-tj@mail.ru

ШОКИРОВ Ғ.А.
SHOKIROV G.A.
*Дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук*
*Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Legal Sciences*



e-mail: tsulbp@rambler.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

*Научная специальность:* 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве.

*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state.

*Тақриздиҳанда:* ҲОҶИБОБО З.М. – сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия.

*Рецензент*: ХОДЖИБОБО З.М. – начальник кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции.

*Reviwer*: KHOJIBOBO Z.M. - Head of the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No. 4 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, colonel of the militia.

*Аннотатсия*: Дар мақола асосҳои илмӣ-ҳуқуқии ҷараёни иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, вобаста ба проблемаи илмии мазкур ақидаҳои чанде аз мутахассисони соҳа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Заминаи илмӣ-ҳуқуқии танзими раванди мазкур дар Тоҷикистон дар робита бо ҳуҷҷатҳои барномавӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи иттилоотонӣ таҳқиқ карда мешавад.

*Вожаҳои калидӣ:* иттилоотонӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, дониши иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади меъёрии ҳуқуқии электронӣ.

*Аннотация:* В статье исследуются доктринально-правовые основы процесса информатизации и формирования информационного общества в Республике Таджикистан в контексте анализа суждений ряда исследователей, затронувших данную проблему. Доктринально-правовые основы регулирования данного процесса в Таджикистане анализированы в контексте программных документов, Конституции Республики Таджикистан, нормативных правовых актов.

*Ключевые слова:* информатизация, информационное общество, информационные знания, информационные технологии, нормативный правовой акт, электронный нормативный правовой акт.

*Annotation*: The article examines the doctrinal and legal foundations of the informatization process and the formation of the information society in the Republic of Tajikistan in the context of analyzing the opinions of a number of researchers who have raised this issue. The doctrinal and legal framework for regulating this process in Tajikistan is analyzed in the context of policy documents, the Constitution of the Republic of Tajikistan, and normative legal acts.

*Key words*: informatization, information society, information knowledge, information technologies, normative legal act, electronic normative legal act.

**Б**унёди ҷомеаи иттилоотиро аксарияти муҳаққиқон бо раванди таърихии гузариш аз ҷомеаи индустриалӣ ба ҷомеаи постиндустриалӣ ё иттилоотӣ алоқаманд мекунанд. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, инсоният дар таърихи худ давраҳои зерини инқилоби иттилоотиро аз сар гузаронидааст:

1) инқилоби якуми иттилоотӣ дар таърихи инсоният 30 ҳазор сол пеш ба амал омада, хусусиятҳои зайл дошт: таҷассуми расмҳо дар харсанг ва чӯбҳо; сабти иттилоот дар девори харсанг, чӯб; ташаккули ҳарфҳо ва хат; интиқоли дониши иттилоотӣ ба наслҳои минбаъда;

2) инқилоби дуюми иттилоотӣ бо пайдошавии МЭҲ (ЭВМ) дар миёнаи қарни XX алоқадошта, дар ҳамин замина иттилоот дар шакли электронӣ нигоҳ дошта мешавад, раванди электронии нигаҳдорӣ ва коркарди иттилоот истифода мешавад;

3) инқилоби сеюми иттилоотӣ дар замони муосир идома ёфта, бо пайдошавӣ ва ривоҷёбии шабакаи умумиҷаҳонии компютерӣ (Internet) алоқа ошта, тамоми иттилооти таърихӣ ва муосирро дақиқ ва пурра ба ҳар инсон дастрас менамояд [15, с. 19-20; 6, с. 16-17].

Аз солҳои 70-уми қарни XX сар карда, дар бештари мамлактҳои дунё инқилоби иттилоотӣ оғоз мегардад ва пайдарпай барои пойдории ҷомеаи иттилоотӣ замина гузошта мешавад. Дар ҷомеа раванди иттилоотонӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад. Ин равандро ҳамчун бунёди ҷомеаи иттилоотӣ арзёбӣ мекунанд. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ технологияҳои иттилоотӣ васеъ истифода мешаванд. И.В. Гавриленко, проблемаҳои илмии ташаккули ҷомеаи иттилоотиро мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид менамояд, ки раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ бо суръати баланд сурат

гирифта, он ба мисли инқилоби фарҳангии қаблӣ барои рушди тамаддунӣ аҳаммияти таърихӣ дорад [2, с. 21; 34, с. 67].

Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоотӣ ва ё ҷомеаи донишҳо меноманд. Дар он иттилоот ва захираҳои иттилоотӣ мавқеи баландро соҳиб мегарданд. Аз солҳои 50-уми қарни XX сар карда, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба давраи нави тамаддунӣ–бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ворид гардид. Раванди мазкур ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аз солҳои 70-уми қарни XX оғоз карда, аксарияти мутахассисони соҳа бунёди ҷомеаи иттилоотиро якдилона пазируфтанд. Тавре М.В. Ишенко таъкид менамояд, истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» бори аввал дар Япония, ки консепсияи иттилоотонӣ ва ҷомеаи иттилоотиро пешкаш менамояд, истифода мешавад [8, с. 47].

Иттилоотонии ҷомеа яке аз нишонаҳои ҷомеаи иттилоотӣ маҳсуб мешавад. Ҳамзамон, ҷомеаи иттилоотӣ дар заминаи рушди дониши иттилоотӣ, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ, захираҳои кофии иттилоотӣ, хизмати иттилоотӣ, ташаккули фазои иттилоотӣ, болоравии нақши иттилоот дар ҳаёти ҷомеа ва давлат барпо мегардад [25, с. 174]. Захираҳои иттилоотӣ соҳибистиқлолии иттилоотии Тоҷикистонро таъмин мекунанд [27, с. 52-68].

Дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ қабулшавии Хартияи Окинавии [6, с. 758] ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ [32, с. 51-56] аз ҷониби «давлатҳои ҳаштгона» (G8) нақши муҳимме гузорад. Дар ин ҳуҷҷати муҳимми иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихӣ принсипҳои асосии воридшавии давлатҳо ба ин ҷомеа муайян карда мешаванд [1, с. 4-14; 15, с. 24; 36, с. 54; 33, с. 4]. Илми ҳуқуқшиносӣ бахри асосноккунии сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ ба ҳамин ҳуҷҷати муҳимми иҷтимоӣ-сиёсӣ такя менамояд.

Дар Хартияи Окинава омилҳои асосии амалигардонии сиёсати иттилоотонии давлатҳо, ташаккулу рушди ҷомеаи иттилоотӣ муайян карда мешаванд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ омилҳои зерини бунёди ҷомеаи иттилоотӣ бештар таҳқиқ карда мешаванд:

1) Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки яке аз омилҳои асосии таъсиррасонанда дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад;

2) Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ моҳияти ҳавасмандкунӣ доранд, яъне барои рушди иқтисодӣ ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамоянд;

3) дастрасии баробар ва пурраи дастовардҳои ҷомеаи иттилотии ҷаҳонӣ барои одамон;

4) сиёсати давлатии иттлоотӣ ва заминаи мукаммали меъёрӣ-ҳуқуқӣ;

5) пешгирии нобаробарии давстрасии иттлоот ва рушдди иттлоотии давлатҳо дар заминаи Хартияи Окинава [15, с. 24-25].

Проблемаи илмии дигар, ки вобаста ба ташаккулёбии ҷомеаи иттилотии ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, сиёсати давлатӣ дар соҳаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

Тавре ки В.А. Копилов таъкид менамояд, воридшавии воқеӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ дарки нави индустрияи иттилоотиро талаб менамояд, қабули қонунҳои дахлдор, роҳандозии сиёсати иттилоотӣ, ташкили мақомоти махсус ва масъули давлатиро дар назар дорад. Тибқи маълумоти мавсуф, дар Федератсияи Россия бахри амаликунии сиёсати мазкур, бо супориши Кумитаи Думаи давлатӣ (даъвати солҳои 1996-2000) Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ тарҳрезӣ гашта, 15-уми октябри соли 1998 аз ҷониби ин Кумита ва Шӯрои сиёсӣ-машваратии назди Президенти Федератсияи Россия, 21-уми декабри соли 1998 маъқул дониста шудааст [15, с. 35].

И.В. Гавриленко таъкид менамояд, ки бунёди ҷомеаи иттилоотӣ бо давлат ва ҳуқуқ робитаи устувор дорад, мутобиқати сохторҳои давлатӣ ва институтҳои ҳуқуқиро ба раванди иттилоотонӣ талаб мекунад [2, с. 21].

Аз нуқтаи назари илмӣ-ҳуқуқӣ, асоси бунёди ҷомеаи иттилоотиро ташакку-лдиҳии фазои ягонаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, ки амалишавии сиёсати ягонаи иттилоотиро дар назар дорад, ташкил медиҳад. Дар ҷараёни ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ дар мамлакат низоми

умуми миллии автоматикунонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ тартиб дода мешавад. Раванди мазкур бояд тамоми ҳудуди мамлакатро фаро гирифта, фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти худидоракунии маҳаллиро баланд бардорад. Ҳамчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд қабул карда шаванд, ки тартиби бунёди захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотиро ба танзим дароранд [16, с. 39-43; 3, с. 38; 9, с. 54].

Ақидаҳо оид ба бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ва проблемаҳои илмии он дар сарчашмаҳои дигар низ мавриди таҳлил қарор дода мешаванд [7, с. 110-129; 6, с. 22-27; 31, с. 7-10].

Раванди иттилоотонӣ, ки унсурҳои ершуморро дар бар мегирад, минбаъд ба ташакули ҷомеаи иттилоотӣ, мустақилияти соҳаи иттилоотонӣ ва соҳибистиқлолии иттилоотии давлат таъсир мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ проблемаи мазкур ҳалли ҳуқуқии худро ёфтааст. Зикр намудан бамаврид аст, ки асоси ҳуқуқиииттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои барномавӣ [44; 52] аз қабили «Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020)» [13], «Дар бораи Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017» [18], «Дар бораи Барномаи давлатии рушдӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» [19], «Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Точикистон» [10], «Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [11], «Барномаи рушди китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» [21] ва қисман «Консепсияи пешгӯикунии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» [12], ҳамчунин, «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [14] ташкил медиҳанд.

Якчанд ҳуҷҷатҳо қабул шуданд, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудаанд. Чунончи, «Стандарти миллии ифодаи рамзӣ ва истифодаи рамзҳоиҳуруфотиточикӣклавиатураи компютерҳо тибқи стандарти UNICODE» [17] яке аз ҳуҷҷати аввалин дар ин самт махсуб мешавад.

Ҳамчунин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи татбиқ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ» [20] қабул мешавад. Дар он мақсад вавазифаҳо дар бахши татбиқи васеъ ва рушди технологияи иттилоотӣ, роҳҳои асосӣ ва механизми амаликунии онҳо пешбинӣ мешавад.

«Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти воситаҳо иахбори умум, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, таъминоти иттилоотии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро танзим мекунад. Дар ҳуҷҷати мазкур ҷанбаҳои алоҳидаи амнияти иттилоотӣ низ зикр шудаанд.

Дар ҳуҷҷати зикршуда мафҳумҳои «сиёсати иттилоотӣ», «вазифаҳо исиёсати иттилоотӣ», «захираҳои иттилоотӣ» ва дигар шарҳ дода мешавад. Ин мафҳумҳо заминаи бунёдии ҷомеаи иттилоотиро ташкил медиҳанд.

Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ташаккулу такмили қонунгузории соҳаи иттилоот, иттилоотонӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Баъди қабули Конститутсия беш аз 15 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид. Онҳо муносибатҳои иттилоотиро, ки пояи ҷомеаи иттилоотиро ташкил медиҳанд, танзим мекунанд.

Яке аз аввалин санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи иттилоотонӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқа» аз 27-уми декабри соли 1993 маҳсуб мешавад. Дар санади мазкур шабакаи алоқа, идоракунӣ дар соҳаи алоқа, асосҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи алоқа, принсипҳои сифати хизматрасонии алоқа ва тарифҳо ба он, ҳуқуқи истифодабарии алоқа, ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони алоқа ва махфияти

алоқа муқаррар ва танзим карда мешаванд. Ҳамчунин, бахри танзими раванди иттилоотонӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» аз 14-уми декабри соли 1996 қабул карда мешавад. Он фаъолияти шабакаҳои телевизион ва радиошунавониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, омилҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилии амалишавии озоди исухан, ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба иттилооти пурра, саҳеҳ ва фаврӣ муайян менамояд 5].

Дар рушди қонунгузории соҳаи иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз 13-уми ноябри соли 1998 [37] мавқеи хосса дорад.

Аз солҳои 2001-2002 сар карда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул мешаванд, ки бевосита муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотиро танзим мекунанд. Дар ин давра қонунҳои зерин қабул мешаванд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6-уми августи соли 2001 [38], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи соли 2002 [39], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2-юми декабри соли 2002 [40], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10-уми майи соли 2002 [41], Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 10 майи соли 2002 [42], Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» аз 1-уми августи соли 2003[43], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамии электронӣ» аз 30-юми июли соли 2007 [45], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [46], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» аз 26-уми декабри соли 2011 [47], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотӣ экологӣ» аз 25-уми марти соли 2011 [48], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 3-юми июли соли 2012 [49], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19-уми марти соли 2013 [50], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 27 ноябри соли 2014 [51].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соҳаи иттилоот қабул шудаанд, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии бунёд ва рушди ҷомеаи иттилоотиро ташкил медиҳанд [52]. Онҳо бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ, ки соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро фаро мегиранд, амалӣ карда мешаванд. Ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳо, вазифаҳо, самтҳои аввалиндараҷаи бунёд ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳуҷҷатҳои давлатии стратегӣ, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳои давлатӣ муайян карда мешаванд.

Аз як тараф, бунёди ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ барои инкишофи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дастрасии иттилоот, амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба иттилоот, ба захираҳои иттилоотӣ, фаъолияти ҳукумати электронӣ, хизмати иттилоотӣ, рушди алоқа, таъмини сифати таҳсилот ва ғайра аҳаммият дорад. Аз тарафи дигар, бо баробари инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи муосир бо хатарҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ, аз қабили ҷанги иттилоотӣ (таъсиррасонии мақсадноки иттилоотии идеологӣ ва психологӣ ба шууру фаъолияти одамон бо мақсади тағйири сохти конститутсионӣ ва ғайра), терроризми киберӣ ё иттилоотӣ, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои иттилоотӣ, ташвиқоти террористӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, тарғиби идеологияи террористиву экстремистӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои террористӣ ва дигар дучор гардид [22, с. 14-24; 23, с. 73-83; 24, с. 5-29; 25, с. 174-182; 26, с. 88-96; 27, с. 52-68; 28, с. 6-14; 29, с. 77-83; 35, с. 192-193].

Истифодаи васеи технологияи рақамӣ (дар электротехника, техникаи роботӣ, аз ҷумла истифодаи 3D-принтер

дар соҳаи сохтмон, саноат, тандурустӣ ва ғайра) ва зеҳни сунъӣ (компютери зеҳнӣ, почтаи электронӣ, мағозаи интернетӣ, хизмати бонкӣ ва ғайра) ба рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотии рақамӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳамзамон, хатарҳо ва таҳдидҳои нави иттилоотӣ солҳои охир бештар зоҳир мегарданд. Дар Эъломияи 20-солагии Созмони ҳамкории Шанхай, ки 17-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе қабул гардид, вазифаҳо ва самтҳои асосии муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ, аз ҷумла таъсиси Маркази амнияти иттилоотии СҲШ пешбинӣ мешаванд [53]. Аз ин хотир, таъмин ва ҳимояи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ҳаётан муҳимми давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Вазифаи мазкур дар ҷараёни инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ҳалли худро меёбад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Бочков, С.И., Макаренко, Г.И., Федичев, А.В. Об Окинавской хартии глобального информационного общества и задачах развития российских систем коммуникации // Правовая информатика. – 2018. – № 1. – С. 4-14.

2. Гавриленко, И.В. Вопросы правопонимания в информационном обществе // Вестник Саратовской государственной академии права. – 2000. – № 2(66). – С. 21-24.

3. Гаврилов, О.А. Курс правовой информатики. – М.: Норма, 2002. – 432 с.

4. Государственная стратегия «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан». Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 5 ноября 2003 года № 1174 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

5. Ершова, Т.В, Хохлов, Ю.Е. Тенденции и механизмы развития информационного общества в Таджикистане // [Электронная ресурс]. Режим доступа:http://emag.iis.ru/arc/infosoc/emag.nsf/BPA/ (дата обращения: 06.03.2021 г.).

6. Информационные технологии в юридической деятельности: учебное пособие для вузов / Под ред. В.Д. Элькина. – М.: Изд. Юрайт, 2018. – 527 с.

7. Информационные технологии в юридической деятельности: учебник для академического бакалавриата / под общ. ред. П.У. Кузнецова. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Изд. Юрайт, 2017. – 325 с.

8. Ищенко, М.В. Информационное общество: подходы к определению сущности // Вестник Омского университета. Серия: Экономика. – 2007. – № 1. – С. 47-54.

9. Касабян, С.В. Информатизация в праве // Ученые труды Российской Академии адвокатуры и нотариата. – 2012. – № 1(24). – С. 54-57.

10. Концепция информационной безопасности Республики Таджикистан: Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 7 ноября 2003 года, № 1175 // Адлия: Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021 // [Электронный ресурс]. Режим доступа:http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

11. Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан: Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 30 апреля 2008 г., № 451 // Документ предоставлен из БД "Законодательство стран СНГ" (с) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]: Режим доступа: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021).

12. Концепция прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан: Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 19 февраля 2011 г., № 1021 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

13. Концепция формирования электронного Правительства Республики Таджикистан: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2011 года, № 643 // Адлия: Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 7.0 /

Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

14. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы: Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года, № 1005 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (c) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.)

15. Копылов, В.А. Информационное право: учебник. – 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Юристь, 2004. – 512 с.

16. Магдилова, Л.В. Особенности формирования информационно-правового пространства органов государственной власти в Республике Дагестан: правовой аспект // Правовая информатика. – 2012. – № 2. – С. 39-43.

17. Национальный стандарт кодировки и раскладки на клавиатуре компьютеров символов таджикского алфавита в стандарте UNICODE: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 2 августа 2004 года, № 330 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (c) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

18. О Государственной программе развития и внедрения информационно-коммуникационной технологии в Республике Таджикистан на 2014-2017 годы: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 июля 2014 года, № 428 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (c) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. Режим доступа:http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

19. О Государственной программе развития и внедрения информационно-коммуникационной технологии в Республике Таджикистан на 2018-2020 годы: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 октября 2018 года, № 519 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (c) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

20. Об утверждении Программы применения и развития информационных технологий на таджикском языке: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 6 июля 2005 года, № 188 // Документ предоставлен из БД «Законодательство стран СНГ» (c) 2003-2019 СоюзПравоИнфором // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

21. Программа развития национальной библиотеки Таджикистана на 2015-2020 годы: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 февраля 2015 г., № 105. // Адлия: Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (дата обращения: 06.03.2021 г.).

22. Сативалдыев, Р.Ш. Защита информационной безопасности как актуальная задача правоохранительных органов // Труды Академии. Вып. № 1(33). – Душанбе: Типография МВД Таджикистана. – 2017. – С. 14-24.

23. Сативалдыев, Р.Ш. Противодействие информационной войне как актуальная задача правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – № 4(36). – С. 73-83.

24. Сативалдыев, Р.Ш. Противодействие информационной войне как предметное содержание информационной функции государства // Правовая жизнь. – Душанбе, 2017. – № 1(17). – С. 5-29.

25. Сативалдыев, Р.Ш.Деятельность государства в сфере обеспечения информационной безопасности // Вестник ТНУ. – 2017. – № 2/10. –С.174-182.

26. Сативалдыев, Р.Ш. Актуальные направления функциональной деятельности современного государства на фоне глобальных вызовов и угроз // Вестник ТНУ. – 2018. – № 2/7. – С. 88-96.

27. Сативалдыев, Р.Ш. Информационный суверенитет Республики Таджикистан и его обеспечение в условиях глобальных информационных вызовов и угроз // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2019. – № 1. – С. 52-68.

28. Сативалдыев, Р.Ш. Правосознание населения как объект воздействия глобализационных процессов // Правовая жизнь. – 2019. – № 4(28). – С. 6-14.

29. Сативалдыев, Р.Ш. Функционирование правоохранительной системы в условиях глобализации // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2020. – № 1(45). – С. 77-83.

30. Словарь иностранных слов / Под ред. И.В. Лехина и Ф.Н. Петрова. – М., 1954. – 856 с.

31. Снетков, В.Н., Пономаренко, А.В. Проблемы развития информационного общества // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Общество. Коммуникация. Образование. – 2010. – № 2. – С. 7-10.

32. Хартия глобального информационного общества (Окинава) // Дипломатический вестник. – 2000. – № 8. – С. 51-56.

33. Чубукова, С.Г., Элькин, В.Д. Основы правовой информатики (юридические и математические вопросы информатики): Учебное пособие. Изд. второе, исправленное, дополненное / Под ред. профессора М.М. Рассолова, профессора В.Д. Элькина. – М.: Юридическая фирма «КОНТРАКТ», 2007. – 287 с.

34. Чубукова, С.Г. Стратегия развития информационного общества и направления развития законодательства // Правовая информатика. – 2017. – № 2. – С. 67-72.

35. Шарофзода, Р.Ш. Таъмини амнияти иттилоотӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 192-193.

36. Шельменков, В.Н. Правовое обеспечение функционирования информационно-справочных систем в Российской Федерации // Мониторинг правоприменения. – 2012. – № 3. – С. 52-56.

37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз 13-уми ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998, № 23-24, мод. 326; 2008, № 12, қисми 2, мод. 1018; 2011, №7-8, мод. 617.

38. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6-уми августи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001. № 7, мод. 502; 2005, № 12, мод. 639; 2019, № 1595.

39. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 2002, № 4, қисми 2, мод. 320; 2012, № 7, мод. 698; 2014, № 1164.

40. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 15-уми майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 2002, № 11. мод. 696; 2005, № 12, мод. 646.

41. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10-уми майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 2002, № 4, қисми 1, мод. 308; 2005, № 12, мод. 637; 2012, № 12, мод. 1002; 2013, № 7, мод. 523; 2014, № 1174.

42. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 10-уми майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 2002, № 4, қисми 2, мод. 323; 2006, № 3, мод. 156.

43. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» аз 1-уми августа соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олииҷумҳурии Тоҷикистон. 2003, № 7, мод. 455; 2008, № 12, қисми 2, мод. 1013; 2013, № 1008; 2019, № 1571.

44. Қонуни Ҷумҳурии оҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8-уми декабри соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонс. 2003, № 12, мод. 681; с. 2009, № 3, мод. 87; с. 2011, № 12, мод. 845; с. 2017, № 1-2 мод. 22.

45. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамии электронӣ» аз 30-юми июли сорли 2007 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007 г., № 6, ст. 532; № 7, ст.682, ст. 560; 2011г, № 3, ст. 166.

46. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18-уми июни соли 2008 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 2008, № 6, мод. 469.

47. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷат» аз 26-уми декабри соли 2011 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 2011, № 12, мод. 856.

48. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз 25-уми марти соли 2011 // Ахбори Маҷлиси Олииҷумҳурии Тоҷикистон. 2011, № 3, мод.172.

49. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 3-юми июли соли 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012, № 4, мод. 689.

50. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19-уми марти соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2013, № 3, мод. 201; 2016, № 5, мод. 365; 2017, № 1407.

51. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 27-уми ноябри соли 2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014, № 1137; 2016, № 1283; 2018, № 1540.

52. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3-юмиавгусти соли 2018 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018, №7-8, мод.527.

53. Душанбинская декларация двадцатилетия ШОС, принятая 17-уми сентября 2021 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.kremlin.ru/supplement/5699 (дата обращения: 03.10.2021).

## References

1. Bochkov, S.I., Makarenko, G.I., Fedichev, A.V. On the Okinawa Charter of the Global Information Society and the Tasks of the Development of Russian Communication Systems // Legal Informatics. - 2018. - No. 1. - P. 4-14.

2. Gavrilenko, I.V. Issues of legal understanding in the information society // Bulletin of the Saratov State Academy of Law. - 2000. - No. 2 (66). - P. 21-24.

3. Gavrilov, O.A. Course of legal informatics. - M.: Norma, 2002. - 432 p.

4. State strategy "Information and communication technologies for the development of the Republic of Tajikistan". Approved by Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated November 5, 2003 No. 1174 // Document provided from the database "Legislation of the CIS countries" (c) 2003-2019 SoyuzPravoInforom // [Electronic resource]. – Access mode: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (date of access: 03/06/2021).

5. Ershova, T.V., Khokhlov, Yu.E. Trends and mechanisms for the development of the information society in Tajikistan // [Electronic resource]. Access mode: http://emag.iis.ru/arc/infosoc/emag.nsf/BPA/ (date of access: 03/06/2021).

6. Information technologies in legal activity: textbook for universities / Ed. V.D. Elkin. – M.: Ed. Yurayt, 2018. - 527 p.

7. Information technologies in legal activity: a textbook for academic baccalaureate / ed. ed. P.U. Kuznetsova. - 3rd ed., revised. and additional – M.: Ed. Yurayt, 2017. - 325 p.

8. Ishchenko, M.V. Information Society: Approaches to Determining the Entity // Bulletin of Omsk University. Series: Economy. - 2007. - No. 1. - P. 47-54.

9. Kasabyan, S.V. Informatization in law // Scientific works of the Russian Academy of Advocacy and Notaries. - 2012. - No. 1 (24). - P. 54-57.

10. The concept of information security of the Republic of Tajikistan: Approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated November 7, 2003, No. 1175 // Adlia: Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan. Version 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan.-Dushanbe, 2021//[Electronic resource]. Access mode: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (date of access: 03/06/2021).

11. The concept of the state information policy of the Republic of Tajikistan: Approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated April 30, 2008, No. 451 // The document is provided from the database "Legislation of the CIS countries" (c) 2003-2019 SoyuzPravoInforom // [Electronic resource]: Access mode : http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Accessed: 03/06/2021).

4. Civil Code of the Republic of Tajikistan. Part one. Since June 30, c. 1999, № 802 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1999, №6, Art.. 153, Art.. 154; s. 2001, №7, Art.. 508; RT from 02.01.2020, №1656; from 21.01.2020, №1657.

5. Federal Law "On Participation in Shared Construction of Apartment Buildings and Other Real Estate and on Amendments to Some Legislative Acts of the Russian Federation" dated December 30, 2004 N 214-FZ (as amended on July 02, 2021) // [Electronic resource] . – Access mode: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51038/ (date of access: October 23, 2021).

6. Criminal case under №7521 // Judicial archive of Dushanbe. 2019.

7. Criminal case under №21240 Judicial archive of Dushanbe. 2019.

**ТДУ 340.121 : 297.1**

# ИШТИБОҲОТЕ, КИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМРО БО ИСЛОМ МЕПАЙВАНДАД

# ОШИБОЧНЫЕ СУЖДЕНИЯ, СВЯЗЫВАЮЩИЕ ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ С ИСЛАМОМ

# MISJUDGMENTS LINKING TERRORISM AND EXTREMISM TO ISLAM

ИБОДЗОДА М.А.
IBODZODA M.A.
*Омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия*
*Преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции*
*Lecturer at the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No. 4 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior lieutenant of militia*



E-mail: ibodov90@mail.ru

АБДУРАҲМОНЗОДА Н.А.
ABDURAHMONZODA N.A.
*Омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
*Преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции*
*Lecturer in the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No. 4 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, captain of militia*



E-mail: ibodov90@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.
*Научная специальность:* 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве.
*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state.

*Тақриздиҳанда:* РАҲМАТУЛОЕВ А.Э. – профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
*Рецензент*: РАХМАТУЛОЕВ А.Э. – профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, доктор юридических наук.
*Reviewer:* RAKHMATULOEV A.E. - Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision of the Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Law.

*Аннотатсия:* мақола ба мушкилоти марбут ба ақидаҳои нодуруст дар бораи робитаи ислом бо терроризм ва экстремизм бахшида шудааст. Дар мақола фикрҳои муаллифон дар бораи сабабҳои ба чунин ақида мусоидаткунанда оварда шуда, оятҳои Қуръони карим, ки

дар он Худованд ва Расули Худо (с) бадӣ, хунрезӣ ва фитнаро мазаммат менамоянд, собит шудааст, ки ислом дини муқаддас буда, ба росткорӣ, самимият, меҳрубонӣ ва дӯстӣ даъват мекунад. Пешниҳоди муаллифон оид ба роҳҳои пурзӯр намудани пешгирӣ ва мубориза бо чунин зуҳурот оварда шудааст.
*Вожаҳои калидӣ:* ислом, дин, экстремизм, терроризм, экстремизми динӣ, радикализми динӣ, терроризми байналмилалӣ, мубориза.

*Аннотация:* статья посвящена проблеме, связанной о неверном мнении о связи ислама с терроризмом и экстремизмом. В статье представлено авторское представление причин, способствующих такому мнению, приведены аяты из Священного Корана о том, что Аллах и его Посланник (с) осуждали зло, кровопролитие и смуту, доказывается, что ислам является священной религией и призывает к честности, искренности, доброте и дружбы. Представлены предложения авторов относительно путей по усилению профилактики и борьбы с такими проявлениями.
*Ключевые слова:* ислам, религия, экстремизм, терроризм, религиозный экстремизм, религиозный радикализм, международный терроризм, борьба.

*Annotation:* the article is devoted to the problem related to the wrong opinion about the connection of Islam with terrorism and extremism. The article presents the author's presentation of the reasons contributing to such an opinion, verses from the Holy Quran are given that Allah and his Messenger (s) condemned evil, bloodshed and intrigue, it is proved that Islam is a sacred religion and calls for honesty, sincerity, kindness and friendship. The proposals of the authors regarding ways to strengthen the prevention and control of such manifestations are presented.
*Key words*: Islam, religion, extremism, terrorism, religious extremism, religious radicalism, international terrorism, struggle.

Солҳои охир яке аз мушкилоте, ки имрӯз тамоми ҷомеаи муосирро фаро гирифтааст, ин хавфу хатари экстремизм ва терроризм мебошад.

Барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан аксаран ташкилотҳои экстремистӣ ба эътиқоди динии шахсон таъсир расонида, шаҳрвандони гуногуни дунёро бовар мекунонанд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост. Маҳз бо ин роҳу восита мехоҳанд дини мубини Исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода баранд.

Дар миёнаҳои асрҳои XX - XXI ҷомеаи ҷаҳонии Исломро хатарҳои бузурги ҷиддие ба мисли терроризм ва экстремизми динӣ таҳдид намуд, ки дар байни мусалмонони дунё тафриқа ва низоъро ба вуҷуд овард. Қариб ягон мамлакате нест, ки дар он пайравониин ё он фирқаи дини мубини Ислом сукунат надошта бошанд ва дар он мамолик ҳадди ақал як ё ду амали хусусияти террористию экстремистӣ дошта ба вуқуъ напайваста бошад. Гарчанде ки замони авҷгирии ин падидаҳои ҷиддан хавфнокро ба замони муосир нисбат медиҳанд, вале касе наметавонад гуфт, ки аввалин маротиба амалиёте, ки хусусияти террористӣ ё экстремистӣ дошт, кай ва дар кадом асос ба амал омадааст. Таърих шоҳиди бисёр амалҳои хунине мебошад, ки дар он замон ҳатто мафҳуми терроризм ва ё экстремизм вуҷуд надошт. Масалан, қатлҳои оммавию хунхориҳои Чингизхони муғул, ки аз ӯ чун чеҳраи хунини таърих ёдовар мешаванд, хусусияти террористӣ дошт. Зеро ӯ бо ин роҳи ваҳшоният ба оммаи халқ нишон медод, ки метавонад дар ҳолати итоат накардан ба амру фармонҳояш бо роҳи маҷбурӣ ва эҷоди тарсу ваҳм дар вуҷуди мардум, сиёсати пешгирифтаи худро амалӣ созад. Метавон ҳазорҳо чунин мисолҳои таърихиро овард, аммо доираи мавзуъ маҳдуд аст ва масоили овардашуда чакидаҳои гӯшношуниди таърихӣ мебошад.

Пешравии босуръати техникаву технологияи навин боиси ба вуҷудоии шаклҳои мураккаби терроризму экстремизм шуда истодааст. Адади

мушаххаси гурӯҳҳо, созмонҳо ва иттиҳодияҳову ҷунбишҳои террористию экстремистӣ вуҷуд надорад. Вале аз рӯйи баъзе маълумот дар ҷаҳон наздики 500 созмонҳои пинҳонкории террористӣ амал мекунанд [4, с.167].

Перомуни мафҳумҳои “терроризм” ва “экстремизм” ақидаҳо мухталиф буда, ақидаи ягонае вуҷуд надорад, вале мантиқан ҳамаи мафҳумҳо аз як асос иборат мебошанд, ки дар алоқамандии якдигарӣ қарор доранд.

Экстермизм аз вожаи лотинии “extremus” гирифта шуда, дар адабиёти илмӣ вафарҳангиву иттлоотӣ ба маънои ҷонибдор ё шомил шудан ба қоидаҳои тундравона, яъне, моҷароҷӯй боз ба маънои зиёдаравӣ, тундгароӣ ва дигар шаклҳои ифротгароиро дорад. Луғатшиносии рус С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова экстремизмро ҳамчун пайрави аз ақидаҳои тундгароёна нисбат дода, онро ба сиёсат наздик медонанд [12, с. 302].

Дар моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2-юми январи соли 2020, таҳти № 1655, қайд карда шудааст, ки “экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст” [2].

Аслан ба андешаи мо экстремизм – ин ҷараёни амалӣ ва паҳн кардани ғояҳои як гурӯҳи ашхосси ба рақибон (сохтори конститутсионии давлат) тоқатнопазир буда, ғояҳои истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ва ё руҳиро бо мухолифин аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, ғояҳои миллатгароиву маҳалгароӣ ва динӣ нишондода, фаъолияти зиддисохтори давлатиро содир менамояд.

Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки “экстремизм” бояд ба намудҳо ҷудо карда шавад, зеро ин усул метавонад тамоми ҷанбаҳои ин падидаи хатарзоро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Агар ба мазмуну муҳтавои мафҳумҳои дар боло зикргардида назар афканем, мушоҳида намудан мумкинаст, ки ҳар як мафҳум аз ягон намуди экстремизме ёдоварӣ мекунад, ки ба он аз тарафи худ бартарӣ додааст. Масалан, И.С. Ожегов ва Н.Ю. Шведова ба экстремизм бештар хусусияти сиёсӣ дода, ҳамчун экстремизми сиёсӣ номида,онро нисбати дигар шаклҳои экстремизм хусусияти бартаридошта маънидод кардаанд [12, с. 303].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” на танҳо экстремизми сиёсӣ, балки шаклҳои дигари он ба мисли нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, ғасби ҳокимият ва мазҳабӣ низ эътироф шуда, вале бартарияти ягон шакли он ба назар гирифта нашудааст.

Ба андешаи мо, ин сабаб дорад, зеро дар луғатҳо муаллифон аз рӯйи таъсирпазирии экстремизм ва хавфнокии он ба экстремизми сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар қонунгузорӣ бошад, дигар хусусияти тавсифдиҳии экстремизм нишон дода шудааст.

Дар моддаи 189-и Кодекси ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) низ намудҳои мухталифи экстремизм ба монанди экстремизми нажодӣ, миллӣ, маҳалгароиву динӣ нишон дода шудаанд [1].

Имрӯзҳо дар доираҳои илмӣ баҳсу мунозираҳо идоманадор нисбат ба моҳият ва хусусияти экстремизм низ идома доранд. Миқдори зиёди рисолаву таҳқиқот рӯи кор омадаанд, лекин ба ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам мавқеи ягона нисбат ба таснифоти ин падида ташаккул наёфтааст.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои мухталифи илмӣ метавон чунин як таснифоти экстремизмро пешниҳод намуд. Экстремизм ин як навъ фаъолият аст, ки ба дигаргун намудани зӯроварии асосҳои сохтори конститутсионӣ ва халалдорнамудани ягонагии давлат, қатлу куштори нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ равона карда шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки нисбат ба масъалаи навъбандии экстремизм низ муносибати ягонаи илмӣ ба қайд гирифта нашудааст. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти мубориза бо экстремизм нишон

медиҳанд, ки дар шароити имрӯза асосан ду навъи экстремизм – экстремизми сиёсӣ ва экстремизми динӣ ҷудо карда мешавад.

Чунин мешуморем, ки моҳиятан ин ду навъи экстремизм, ба дигаргун намудани зӯроварии асосҳои конститутсионӣ равона карда шудааст. Эстремизми иёсӣ – ин амалест, ки ба вайрон намудани системаи сиёсӣ, сӯиқасд ба асосҳои сохти конститутсионӣ бо мақсади тағйир додани системава бо роҳи зӯриву ғайриқонунӣ ҳокимиятро ба даст гирифтан, равона карда шудааст.

Экстремизми динӣ ин рад намудани низоми арзишҳои анъанавӣ дар ҷомеаваташвикӯ тарғиби идеяҳое, ки ба ин анъанаҳо мухолифаст, ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки дар тамоми дину мазҳабҳо, метавон тасаввуротеро пайдо намуд, ки характери зиддиҷамъиятӣ доранд, яъне, дар сатҳҳои гуногун қобили қабул набудани ҷомеаи дунявӣ ва дигар дину мазҳабҳоро аз мавқеи ин ё он таълимоти динӣ таҷассум менамоянд. Чунин ҳолат бештар дар хоҳишва кӯшиши намояндагони мазҳаби муайян, нисбат ба паҳн намудани тасаввурот ва меъёрҳои динӣ дар тамоми ҷомеа зоҳир мегардад.

Мақсади асосии экстремизми динӣ ин эътироф кардани воқеияти идеологияи худ ва фурӯнишонии дигар мазҳабҳои динӣ, маҷбурсозии онҳо ба низоми тасаввуроти динии худ мебошад.

Дар доираҳои илмӣ ба хотири ҷудо намудани ҷиҳатҳои сиёсӣ ва ғайрисиёсии мафҳуми «экстремизми динӣ», муҳаққиқон бо истифода намудани мафҳуми «экстремизми диниву сиёсӣ» оғоз намуданд, ки аввалин маротиба аз ҷониби Н.П. Адрианов ба сарчашмаҳои илмӣ ворид карда шудааст [5, с. 6]. Ин мафҳум аз тарафи мактабу ҷараёнҳои мухталифи илмӣ эътироф гардида, мавқеи муайянро ба даст овардааст.

Дар ташаккул ва инкишофи консепсияи экстремизми диниву сиёсӣ саҳми А.А. Нуруллоев бузург аст, ки чунин қайд намудааст: «Пайгирии мақсадҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки экстремизми диниву сиёсӣ аз экстремизми динӣ фарқ карда шавад. Экстремизми динӣ дар соҳаи дин зоҳир гардида, дорои мақсадҳои сиёсӣ нест» [9, с. 84].

Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба далелҳои ҷиддӣ нигоҳ накарда, то ба имрӯз ин консепсия дар доираҳои илмӣ асосӣ нагардида, муҳаққиқони мрӯз низ ба таври васеъ мафҳуми «экстремизми динӣ»-ро истифода менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки нисбат ба созмон ва доктринаҳо, ки дорои хусусиятҳои сиёсӣ мебошанд, кӯшиши истифодаи мафҳумҳои дигар, ба монанди «экстремизм дар дин» ба мушоҳида мерасад [11, с. 28].

Мухолифати назариявии ҷойдошта натавонист, ки коркарди ҳаматарафаи мундариҷаи мафҳуми «экстремизми диниву сиёсӣ» таъмин карда шавад. Ба ҳар ҳол муаллифони гуногун кӯшиш намудаанд, ки истифодаи ин мафҳумро ба далелҳои гуногун исбот намоянд. Масалан, Ҷ.С. Либман ҷиҳатҳои мухталифи ин падидаро баррасӣ намуда, як қатор аломатҳои экстремизми диниву сиёсиро ҷудо намудааст:

– кӯшиши васеъ намудани доираи истифодаи ҳуқуқи динӣ, ворид намудани он дар соҳаи танзими ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ. Дар чунин ҳолат таснифоти ҷиддияти меъёрҳои алоҳида нишон дода мешавад;

– ҷудо гардидани як қишри ҷомеа аз дигар гурӯҳҳо, ки дар фаъолияти худ меъёрҳои экстремистиро истифода намекунанд;

– шаклҳо, навъҳо ва арзишҳои фарҳангӣ, ки ҳамчун анъанаҳои аслии динӣ қабул намешаванд, рад мегарданд [13, с. 76-86].

Ақидаи мавҷуда навъҳои гуногуни сиёсии экстремизми динирои нкишоф дода, таҳқиқгари рус М.И. Ефремов қайд менамояд, ки зарур аст, то дар доираи экстремизми динӣ навъи диниву психологии он ҷудо карда шавад, ки мақсадҳои сиёсиро пайгирӣ намекунанд [6, с. 28].

Ба ақидаи мо, нисбати фаъолияти созмону ташкилотҳо, ки дар доираҳои динӣ фаъолият намуда, мақсадҳои сиёсиро пеш мегузоранд ва дар мубориза онҳо методҳои зӯрӣ ва зӯроварӣ бартарӣ доранд, истифодаи

мафҳуми «экстремизми диниву сиёсӣ» мувофиқ аст.

Дар шароити имрӯза, ба хотири муайян намудани фаъолияти экстремистии ҳаракат, иттиҳодия ё ҳизбҳо зарур аст, ки ба як қатор нишондиҳандаҳо диққат дода шавад. Дар ҳолати муайян намудани муносибати онҳо ба маҷбуран тағйир додани сохти конститутсионӣ, зарар расонидан ба амният, ғасб ё аз худ намудани салоҳияту ваколатҳои ҳокимият, ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, амалӣ намудани фаъолияти террористӣ, чунин созмону ташкилотҳоро метавон экстремистӣ номид.

Экстремизми динӣ як тарзи фаҳмиш ва навъи таффакур аст, ки агар ба марҳилаи паҳншавӣ ва амалӣ гузарад, он ба радикализм ё тундравии динӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, радикализми динӣ марҳилаи ошкоршуда, фаъолшуда ва амалишавандаи ифротгароии динӣ аст. Метавон, онро ифротгароие номид, ки аллакай аз сатҳи таффакур баромада, ба сатҳи таблиғот, ба сатҳи амалҳои тунд мегузарад. Дар ин марҳила шахси ифротгарои динӣ тарзи зиндагии дигаронро ошкоро танқид карда, нисбати онҳо дар амал оштинопазирӣ нишон медиҳад ва ҳамфикрони худро ба мубориза амалӣ ба муқобили фаҳмиш ва тарзи зиндагии дигарон даъват мекунад. Ин ҳолат аллакай шакли радикалишудаи ифротгароии динӣ мебошад.

Экстремизми диниву сиёсӣ ин фаъолиятест, ки ғасби зӯроварии сохтори давлатӣ ё ғасби ҳокимият, вайрон намудани соҳибихтиёрӣ ва ягонагии ҳудудии давлат, бунёди гурӯҳҳои мусаллаҳ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки экстремизми диниву сиёсӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд. Бо ҷамъбаст намудани мавқеи муаллифони гуногун, метавон чунин хусусиятҳои экстремизми диниву сиёсиро ҷудо намуд:

– дар доираи экстремизми диниву сиёсӣ фаъолият ба соҳаҳои асосӣ амал намудани ҷомеа, яъне дигаргун намудани сохтори давлатӣ, ғасби зӯроварии ҳокимият, вайрон намудани соҳибихтиёрӣ ва ягонагии давлат равона карда шудааст;

– экстремизми диниву сиёсӣ чунин як навъи фаъолияти ғайриқонунии сиёсӣ аст, ки бо идеяҳо ва шиорҳои динӣ далелнок карда мешавад;

– дар муборизаи созмону ташкилотҳои экстремистии диниву сиёсӣ методҳои зӯроварӣ бартарӣ доранд. Маҳз бо ин хусусият экстремизми диниву сиёсӣ аз дигар навъҳои экстремизм фарқ мекунад, ки дар сарчашмаҳои илмӣ ба ин хусусият диққати махсус равона карда мешавад;

– экстремизми диниву сиёсӣ имконияти роҳҳои осоиштаи ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву сиёсиро рад намуда, роҳи ягонаро дар зӯроварӣ ва истифодаи қувваи ҳарбӣ мебинад;

– тарафдорони экстремизми диниву радикалӣ бо тоқатнопазирӣ нисбат ба дигарон, ки нуқтаи назари онҳоро қабул надоранд, фарқ доранд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар асоси хусусиятҳои зикргардида, экстремизми диниву радикалӣ аз дигар навъҳои он фарқ дорад. Барои мубориза бо экстремизми диниву сиёсӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои асосии он аз аҳаммият холӣ нест.

Натиҷаи омӯзиш ва хулосабарориҳо нишон дода истодаанд, ки экстремизми бо ном “динӣ”, вале хусусияти сиёсӣ дошта, дар ҳолати авҷгирӣ мебошад. Аз назари мо, экстремизми сиёсӣ, ки бо дигар ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ омезиш ёфтааст, нисбати дигар шаклҳои экстремизм бартарият доштааст.

Пас, чаро дар КҶ ҶТ маҳфуми ягонаи экстримизм ҷой дода нашудааст, сабаб дар чист, ки дар Кодекси ҷиноятӣ аз экстремизми сиёсӣ нишонае ҳам нест? Ҳол он ки экстремизми сиёсӣ як шохаи алоҳидаи экстремизм мебошад, беш аз ҳама шаклҳои дигари он низ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст, ки онҳо бештари таҳқиқоти илмиашонро ба ин шохаи экстрмизм бахшидаанд. Таҳлилҳои сарчашмаҳо нишон доданд, ки экстримизми сиёсӣ бисёртар ба амнияти кишварҳои абарқудрат таъсири хавфноктар дорад.

Аз дигар тараф, мо ҷонибдори он, ки дигар шаклҳои экстремизм камтар аз экстремизми сиёсӣ содир мешаванд нестем, зеро тамоми шаклу шохаҳои экстремизм ҷомеаи ҷаҳониро такони ҷиддӣ дода, хатари сарозеркунии ҳар як кишварро пеш меорад. Ҳар як шакли экстремизм вобаста ба вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангу маданияти миллӣ, эътиқоди динӣ, ҷаҳонбинӣ, сатҳи мафкуравӣ, мавқеи ҷойгиршавӣ метавонад, хуруҷ намояд.

Як нуқтаи назари олимони варзидаи тоҷик Шарипов Т.Ш. ва Сафаров Ҳ.С. қобили қайд аст, ки мегӯянд: "Сиёсат соҳаи ягонаи зуҳурёбии экстремизм ҳисоб нарафта, метавонад дар ҳама гуна соҳаи ҳаёти ҷомеа (фарҳанг, варзиш, иқтисодӣ, экологӣ ва ғайра) дар он ҷойе, ки манфиатҳо ва нуқтаи назарҳои гуногун бо ҳам бар мехӯранд, зуҳур ёбад". [10, с.47]

Ба кишварҳои минтақаи Осиё бештар экстремизми ба ном динӣ таҳдид мекунад, зеро бештари меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин манотиқ расму оин, меъёрҳои ахлоқ ва дин ташкил медиҳанд. Омили асосии ин дар он аст, ки бештари халқиятҳои минтақаи Осиё, ки Тоҷикистон низ як ҷузъи онҳо мебошад, эътиқодманди дини мубини Ислом ҳастанд. Аз ин лиҳоз, таблиғу ташфиқи "экстремизми динӣ" нисбати дигар шаклҳои экстремизм ба ин манотиқ муассир мебошад.

Экстремизм ифодаи амали тундгароӣ буда, экстримизми динӣ маънои мутаасиб дар дин ва мазҳаб мебошад. Яъне, зери таъсири андешаи дурӯғи аз доираи таълимоти динӣ берун, дар ниҳоди шахс ҳиссиёти экстремистӣ тарбия меёбад [7].

Як тарафи ҳамин мушкилот дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде, ки низоми ҳуқуқиашро дар асоси нуқтаҳои пешбарандаи ҳуқуқи романо-олмонӣ инкишоф дода истодааст, аммо набояд фаромӯш кард, ки аксарияти аҳолии мардуми Тоҷикистон эътиқодманди дини мубини Ислом мебошанд. Барои ҳамин, мақомоти қонунгузорро мебояд ҳангоми эҷод кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзишҳои дини мубини Исломро набояд нодида гирад, зеро як иштибоҳи мақомоти қонунгузор метавонад нобоварӣ ва эътирози зиёди мардумро ба бор орад, ки ин дар оянда ба экстремизмидинӣ замина мегузорад.

Ин мушкилот натанҳо дар давлати мо балки дигар мамлакатҳо низ ба чашм мерасад. Ба мисоли Ҳиндустон бештар аз 80 фисади аҳолии Ҳиндустон мутааллиқи ҷомеаи ҳиндуӣ мебошанд. Аҳолие, ки дар асоси ҳуқуқи ҳинду муттаҳид гаштаанд, пайравони дини браҳманӣ мебошанд. Ҳуқуқи ҳиндӣ бошад, ин ҳуқуқи миллӣ-давлатии Ҳиндустон аст, ки дар қаламрави кишвари номбурда амал мекунад.

Масалан, ҳуқуқе, ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳаст, ҳуқуқи на тоҷикӣ, балки Тоҷикистон аст, зеро ғайр аз тоҷикон нисбати дигар халқиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (узбекҳо, русҳо, қирғизҳо ва дигар миллатҳои сукунатдошта) паҳн мегардад. Вале агар ҳуқуқи Тоҷикистон дар воқеъ ҳуқуқи миллӣ – давлатии Тоҷикистон бошад, пас, ҳуқуқи миллии ҳиндӣ ҳуқуқи англисӣ-ҳиндӣ аст, ки дар баробари ҳуқуқи ҳинду дар давраи ҳукмронии Британия ташаккул ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли Ҳиндустон, ки он ғайр аз ҳуқуқи дунявии ҳиндӣ ҳуқуқи динии ҳиндуиро дорад, бидуни ҳуқуқи дунявии Тоҷикистон ҳуқуқи мусалмонии ба дини мубини Ислом асосёфтаро медонад. Аммо дар Тоҷикистон ҳуқуқи мусалмони расман фаъолият накарда, танҳо баъзе меъёрҳои онро давлат дар қонунгузории худ ҷой додааст. Ба мисоли никоҳ дар Кодекси оила, Иди Қурбон, Иди Рамазон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар борои рӯзҳои ид ва дигар расму оинҳои динӣ" дар маҳалҳо амал карда, инчунин, ба ғайр аз ин, дар донишгоҳу донишкадаҳои давлатӣ ҳамчун фанни таълимӣ омӯхта мешавад.

Мақсади ёдоварӣ намудани ин гуфтаҳои боло дар он аст, ки бояд ҳар як санаде, ки дар ин ё он давлат қабул мешавад, бояд бо назардошти вазъияти иҷтимоию ахлоқии ҳамон ҷамъият ҷавобгуй бошад. Қонунҳои давлати ҳуқуқбунёд дар худ бояд талаботи ахлоқӣ

олии ҷамъияти ҳозираро таҷассум кунанд.

Имрӯз мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мушоҳида менамоем, ки қариб аксарияти гурӯҳҳои экстремистию террористӣ бо баҳонаи як чиз, санадҳое, ки арзишҳои динӣ ё ин ки озодиҳои диниро маҳдуд мекунанд, мисол оварда, дар як лаҳзаи кӯтоҳ тарфдорони зиёде дар атрофи худ ҷамъ менамоянд, зеро онҳо медонанд, ки аз ҳама роҳи осоне, ки мардумро бо худ ҷалб мекунанд ин ба воситаи дин мебошад. Ин воситаро на бояд мухолифин, балки давлат истифода бурда, ба аҳолӣ наздик гардад.

Як нуктаи дигарро бояд қайд намоем, ки дар ШМА ба шаҳрвандӣ шахсеро қабул менамоянд, ки пайрави ин ё он дин бошад, зеро ҳар як дин ба худ меъёру принсипҳои инсондӯстию адолатро дошта, шахсе, ки пайрави ягон дин нест, ба шаҳрванди қабул намекунанд. Як қатор олимони ШМА ба хулосае омаданд, ки шахсе, ки эътиқодманди ин ё он дин аст, дар худ раҳму шавқат ва адолату инсондӯстиро доро буда, шахси бедин бошад, ин хусусиятҳоро надорад. Ва имрӯзҳо маҳз дар минтақаи Осиё экстремизми ба ном динӣ авҷ гирифтааст, ки ба ин метавонад омилҳои дар боло зикргардида замина гузоранд.

Экстремизми бо ном динӣ ба як қатор давлатҳои дигар низ ба монанди Ироқ, Покистон, Сурия, Лубнон, Арабистон, Қатар, Туркия, Доғистон, Эрон, Яман, Исроил, Фаластин, Миср, Афғонистон ва баъзе давлатҳои дигари қитъаи Африқо ба назар расида истодаанд. Ин навъи экстремизм бештар аз номи дини мубини Ислом баромад мекунад. Аслан “экстремизми динӣ”, ки дини мубини Исломро дар назар доранд, шуда наметавонад, зеро Ислом ҳамаи шаклҳои тундгароӣ ва зиёдаравиро манъ мекунад. Исломи мубин ҳеҷ гоҳ ба тундгароӣ иҷозат надодааст, намедиҳад ва нахоҳад дод. Худованди Бузург дар китоби муқаддаси мусалмонон – Қуръони карим, сураи “Моида”, ояти 77 фармудааст, ки “Бигӯ: эй аҳли китоб, ба ноҳақ дар дини худ аз ҳад магузареду хоҳиши нафси қавмеро, ки пеш аз ин гумроҳ шуданд ва (мардуми) бисёреро гумроҳ карданд ва аз роҳи рост мунҳариф шуданд пайравӣ макунед!” [8].

Истифодаи истилоҳи “ифротгарои динӣ” ё ки ба ин ё он дин мансуб донистани ин зуҳурот сабаби пайдоиши норизогӣ ва тундравӣ шуданаш мумкин аст. Ислом ва ё дигар динҳоро манбаи ифротгароӣ эътироф карда наслан хатост. Мутаассифона, дар тафакури доираи муайяни Ғарб чунин ақида ҷой гирифтааст, ки гӯё ифротгароӣ хосси табиати дини Ислом мебошад. Чи тавре ки дар боло зикр намудем, дини мубини Ислом чун ҳамаи динҳои дигар инсониятро ба таҳаммул, тараҳҳум ва тавозуъ ҳидоят намуда, ҳар гуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум месозад. Бинобар ин,терроризм ва ифротгароиро бо Ислом пайванд додан хатост. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест.

Дар асл Қуръони карим, аҳодиси набавӣ ва мазҳаби Имоми Аъзам рехтани хунино ҳақро маҳкум мекунанд, ки ин гуфтаҳо дар Қуръони карим чунин зикр гардидааст, ки “Ҳар кӣ касеро ба ғайри ҳақ ва (ба ғайри) фасод дар замин бикушад, пас чунон аст, ки ҳамаи мардумро (тамоми мардуми оламро) якҷо кушта бошад” [8, сураи “Моида”, ояти 32]. “Ва ҳар кӣ муъминеро ба қасд бикушад, пас ҷазои ӯ дӯзах аст, дар он абадӣ боқӣ мемонад ва Худо бар ӯ хашм гирифтааст ва ӯро лаънат кардааст ва азоби бузург барои ӯ омода сохтааст” [8, сураи “Нисо”, ояти 93]. Дар ҳадиси қудсӣ омадааст; “Эй бандагонам! Ҳамоно ман зулмро бар худ ҳаром кардам ва онро дар байни шумо ҳаром гардонидаам, пас, ба ҳамдигар зулму ситам накунед” [Саҳеҳи Муслим, 8/16].

Аз ин оятҳои Қуръон ва ҳадиси қудсӣ бармеояд, ки Худованди бузург ҳаргиз ба куштани нафаре розӣ нест. Рехтани хуни ноҳақ ва талаву тороҷи моли мардум дар пешгоҳи Парвардигор ҳаром аст. Аз ин ояту ҳадисҳо маълум мешавад, ки Худову Расулаш (с) ҳаргиз ба бадиву бадхоҳӣ, хунрезиву вайронкорӣ амр накардаанд. Маълум мешавад, ки ҳама шиору даъватҳои ифротиён ва террористон дурӯғ буда, бо таълимоти Қуръони карим заррае ҳам мувофиқат

намекунанд. Онҳое, ки худро ҳомии дини Ислом муаррифӣ мекунанд, дар асл душманони дини Ислом мебошанд.

Ба ҳамин мисол, аллома Иқболи Лоҳурӣ фармудааст:

Ислом ба зоти худ надорад айбе,

Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусалмонии мост.

Агар мо ба ҳақиқати ҳол назар кунем, бояд мардум донанд, ки дини мубини Ислом одамонро ба раҳму шафқат, меҳрубонӣ, сабр ва бурдборӣ, авф ва бахшиш, садоқат, ростӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ташвиқ намуда, одамонро аз ихтилофу тафриқа наҳӣ менамояд.

Вақте Қуръони карим масдари асил ва собити сарчашмаи асосии Исломи мубинро ташкил медиҳаду “экстремизм”-ро манъ мекунад, пас чӣ тавр мафҳуми “экстремизми динӣ” вуҷуд дошта метавонад?

Пас ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тамоми созмонҳову ташкилотҳои ифротӣ, ки зери парчами дини мубини Ислом сарҷамъ омадаву мубориза мебаранд, аз ақидаву моҳияти таълимоти дини мубини Ислом истифода намуда, экстремизмро дар байни миллатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, динҳову мазҳабҳо паҳн намуда, ба мақсадҳои ғаразноку нопоки худ ноил мегарданд ва ба номи поки Ислом иснод меоваранд. Мавридҳое мешаванд, ки дар васоити ахбори умум, ё дар назди оммаи халқ аз тарафи рӯзноманигорон, ашхоси мансабдори давлатӣ, дигар кормандон ё шаҳрвандон суханҳои носанҷида гуфта мешавад, ки барои тундгароӣ заминагузор буда, дар байни динҳои мухталиф оромиро халалдор месозад, ки баъзан вақт ба оқибатҳои ногувор оварда мерасонад. Яке аз сарчашмаҳои асосии низоъҳои тундгароёна дар байни маҳалҳову миллатҳо ин ғояҳое мебошанд, ки дорои хусусияти ихтилофоти динӣ мебошанд. Ин дар он зоҳир мегардад, ки аз тарафи намояндагони ягон дин нисбати дини дигар беэҳтиромӣ, вокуниши нодурусти ақидаву фатвоҳои динӣ, паст задани арзишҳои маънавии дин ва дигар омилҳоро ба миён орад.

Як нуктаи дигареро бояд қайд намоем, ки имрӯзҳо дар ҷомеаи мо роҳҳои омӯзиши дин ва аҳкомҳои динӣ аз рӯи мазҳаби Абӯҳанифа то ҷое заиф гашта, дастраси оммаи халқ нест. Мо дар бисёр рассонаҳои хабарӣ мебинем, ки яке аз омилҳои шомил шудани мардум ба гурӯҳҳои экстремистӣ аз паст будан ва нокифоя будани донишҳои динии онҳо дарак медиҳад. Шояд иддае аз мардум баён намоянд, ки дар мактабҳои миёна, таърихи дин, дар баъзе аз мактабҳои олӣ, ҳуқуқи исломӣ фанҳои алоҳида дарс гуфта мешавад? Аммо ин хело кам мебошад, зеро дар доираи як фанни таълими омӯзиши ҳамаи аҳкоми дини мубини Ислом ғайриимкон аст. Бар замми ин, мо хуб медонем, ки аксарияти мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо вазъияти иҷтимоии таҳсилро дар донишгоҳҳои олӣ надоранд ва онҳо пас аз мактаби миёна ба муҳоҷират рафта, аз ин арзишҳои бузурги Ислом бехабар монда, шомили ин ё он гурӯҳҳои экстремистӣ мегарданд.

Барои бартараф намудани ин мушкилот ба фикри мо хуб мешуд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳоеро таҳрези намояд, ки омӯзиши дини мубини Исломро дар доира мазҳаби Имоми Аъзам, ки беҳтарин ва сабуктарин мазҳаб мебошад, дар мактабҳои миёна ва олии кишвар ба роҳ монад. Инчунин Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд, ки бинобар сабабҳои дар боло зикрнамудаамон, дар масҷидҳо, ки ба аксарияти аҳолии кишвар дастрас мебошад, марказҳо ё ин ки барномаву омӯзишгоҳҳо барои таълим додани аҳком ва арзишҳои дини мубини Ислом ташкил ва бароҳ монда шавад.

Терроризм - низ ҳамчун ҳамрадифи экстремизм, хатари бузурги глобалӣ дорад. Инҳо падидаҳои иҷтимоие мебошанд, ки ҷомеаи мутамаддини ҷаҳониро ба андеша ва таҳлука андохтаанд. Терроризм аз рӯйи тарзи ба амалбарории мақсаду мароми хеш аз экстремизм фарқ карда мешавад. Дар забони илмӣ ва расонаҳои ахбори омма тундгароиро радикализм, ифротгароиро

экстремизм ва даҳшатафканиро терроризм мегӯянд. Оид ба мафҳуми "терроризм" низ ақидаҳо мухталифанд, вале бо якдигар дар алоқамандӣ қарор доранд. Сабаби асосии мафҳуми ягона надоштани ин падидаҳо дар он аст, ки сохтори онҳо басо мураккабу печ дар печ буда, ҳар яки ин шохаҳо таркиб ва мафҳумоти худро доранд.

Айни ҳол дар дунё якчанд намудҳои он: терроризми сиёсӣ (яъне марбут ба давлат), идеологӣ (динӣ), маҳалгароӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ-гуногунандешӣ арзи вуҷуд доранд. Ҳар як намуди терроризм зуҳуроти нохуш буда, бар зарари ҷомеа амал мекунад. Терроризм сулҳу суботи кишварро халалдор намуда, оромии мамлакатро аз байн мебарад. Аз ҳамин сабаб, мутафаккирону олимон оид ба ин падидаҳо ақидаҳои мухталиф иброз намудаанд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кайд кардаанд: "Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст".

Аз ин рӯ, коршиносон бар ин назаранд, ки муборизаи ҳар яки мо бар зидди ингуна равандҳои номатлуб бояд системанок ва доимӣ тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ (профилактика) ва ахбори омма (ВАО) сурат гирад. Дар робита ба ин масъала ва роҳҳои муосири мубориза бар зидди ин равандҳои номатлуби ҷомеа тавассути системаҳои ахбори ҷаҳонӣ доимӣ ва босуръат бошад. Маънои истилоҳи "террор" аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои тарсонидан, даҳшатафканиро дорад. Ин ба маънои шомилшавӣ ба ҳаракатҳои зуроварро дорад, ки барои ба омма ё давлате расонидани хисорот ва ё куштор аст, ки ин раванд ба дини мубини Ислом робитае надошта, балки мардум худ аз худ баҳри ташкили гурӯҳҳои ифротгаро аз ин нуқтаи назар истифода бурда, номи Исломро ҳамчун далел барои расонидани зарари моддию маънавӣ ба ин ё он давлат ва мардуми он истифода мебаранд.

Дар солҳои 1970-1990 асри XX терроризми байналмилалӣ вусъат ёфтааст, ки моҳиятан мақсадҳои зиддиинсонӣ дорад. Даҳшат афкандан ва тарсонидан дар тули асрҳо ба сифати воситаи муборизаи сиёсии нерӯҳои гуногуни иртиҷоӣ вуҷуд доштанд. Терроризм бештар дар ҳолатҳои гузариши ҷамъиятию сиёсии ҷомеа ва давлат рух медиҳад. Доираи кирдорҳои террористӣ васеъ гардида, роҳу воситаҳои амалигардонии онҳо низ нав шудааст. Даҳшати терроризм имрӯз ҷаҳони муосирро ба ларза оварда, амнияти инсониятро таҳти хатар гузоштааст. Терроризм – ин воситаи амалӣ гардонидани нақшаҳои доимамалкунандаи ин гурӯҳҳои ифротгаро буда, бештари хисоротро ба иншоотҳо, идораҳои давлатӣ, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, иншооти истиқоматӣ, беморхонаҳо, марказҳои савдо, масҷидҳо ва ғайра мерасонад. Мақсади асосии гурӯҳҳои террористӣ ин тарсонидан, сохтани муҳити тарс, ваҳм дар байни мардум мебошад, ки ҳаёти одамонро зери хатар гузоштан аст.

Имрӯзҳо нерӯҳои ҳарбӣ ва захираҳои молиявии созмонҳои террористӣ босуръат афзоиш ёфта, имкони муқовимат намудан бо кишварҳои абарқудрат ва ҳатто паймонҳои ҳарбӣ-сиёсии онҳоро пайдо карда истодаанд. Яке аз омилҳои пуркудратшавии ташкилотҳои террористӣ, ин муттаҳидшавӣ ва аз нав тақсимшавии созмонҳои террористӣ, инчунин ҷойгир намудани худ дар ҳудуди давлатҳои ҷангзада мебошад. Ҳадаф аз интихоб кардани кишварҳои ҷангзада, имконияти аз захираҳои табиии он, истифодаи моҳиронаи идеологияҳои динӣ ва албатта бозиҳои калони геополитики махсуб меёбад.

Солҳои охир масъалаи мубориза зидди терроризм дар сиёсати ҷаҳони рузмарра гаштааст. Терроризмро ҳамчун таҳдиди рӯирост ва хатарнок ба давлатҳои муосир аксари сиёсатмадорон эътироф менамоянд. Аз таҳдиди терроризм ҳеч давлат худро эмин дошта наметавонад. Аз ин хотир, ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро мебояд дар мубориза

бар зидди терроризм якҷоя фаъолият намоянд. Аммо, мутаассифона, барои баъзе кишварҳои дунё терроризм воситаи асосии стратегияи байалхалқӣ ва олоти амалигардонии манфиатҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад ва барои пешгири намудани чунин амалҳои экстремистӣ ва террористӣ усулу воситаҳои ошкорою пинҳониро оқилона бояд истифода бурд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нафарони дар ин роҳ гумроҳшуда, дар муҳорибаҳои мусаллаҳона дар Ироқ ва Сурия барин давлатҳо иштирок доранд ва онҳо муҳоҷирони меҳнатие мебошанд, ки дар ҳудуди дигар давлатҳо ба доми фиреб афтодаанд. Инчунин онҳо ҷавононе мебошанд, ки саводи динӣ надоранд, дур аз ватану волидайн ва бо шунидани мавъизаҳои баъзе ходимони ифротӣ ба доми онҳо гирифтор шудаанд. Онҳо Исломро ҳамчун силоҳи идеологии худ истифода мебаранд. Барои ашхоси соҳибмаълумот ва огоҳ аз дин маълум аст, ки дин мафкураи бадеро, ки мардумро барои нобуд кардани якдигар даъват менамояд, манъ мекунад.

Барои пешгирӣ намудани чунин раванди номатлуб бояд дастаҷамъона кор намуда мардуми кишварамонро дар руҳияи ватандусти ҳувияти миллӣ ва донишомузӣ тарбия намоем.

Барои пойдории сулҳу субот, оромиву осудагӣ дар Тоҷикистони азизамон фикр мекунем, ки яке аз роҳҳои асосии мубориза бар зидди терроризм ин дар замири ҷавонон тарбия кардани ҳисси ватанхоҳиву меҳанпарастӣ мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ кардани дарсҳои одоби ҳамида ва амсоли он сабаби кам шудани ҳодисаҳои нохуши ғайриинсонӣ мегардад. Чуноне ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни 60-солагии ЮНЕСКО дар Париж пешниҳод карда буданд, солҳои наздик бояд "Соли ахлоқи ҳамида дар тамоми сайёра" эълон шавад ва дар ҷараёни он унсурҳои беҳтарини ахлоқи умумиинсонӣ таблиғ карда шаванд". Мо – мардуми Тоҷикистон, бояд ҳамеша барои оромиву ободии кишварамон ҳаракат кунем. Ҳар як фарди ватанхоҳу меҳанпараст бояд амалҳои некро ба анҷом расонад, ба ҳамагон кӯмак кунад ва бар зидди амалҳои номатлуб, ба монанди терроризму экстремизм мубориза барад.

Дар КҶ ҶТ оид ба мафҳуми "терроризм" чунин таъриф дода шудааст, ки "Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк, ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад" [1]. Дар банди "в" қисми 2 моддаи 179 КҶ ҶТ мафҳуми хусусияти динӣ доштани баъзе ҷиноятҳои террористӣ низ баён ёфтааст.

Ғайр аз ин, дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" мафҳуми "терроризм" чунин қайд гардидааст: "Терроризм - яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобудсохтани (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан) ба амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо бо мақсади нооором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти

байналхалқии таҳти ҳимояи байналмиллалӣ қарордошта ё аъзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналхалқӣ содир шуда бошанд, мебошад” [3].

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва яке аз ташаббускорони мубориза бо ин вабои асри навин, дар қонунгузории худ терроризмро маҳкум намуда, мубориэи ин падидаи хатарзо мебошад.

Дар лаҳзаҳои ҳассос барои ҳар як миллат зарур аст, ки аз як гиребон сар бароварда, ҳамеша роҳи дӯстиву рафоқат ва якдилиро пеш гирад ва аз чунин гурӯҳҳо дар канор бошад. Боиси таассуф аст, ки баъзе ҷоҳилон терроризмро ҷузъи дини мубини Ислом мепиндоранд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кайд кардаанд: “Ман эътиқоди қавӣ дорам, ки ифротгароӣ, терроризм ва радикализмро ба ягон дин, аз ҷумла дини мубини Ислом нисбат додан мутлақо раво нест. Зиёда аз он, аҳдоф, мазмун ва амали ин зуҳурот комилан хилофи рӯҳ ва мазмуни волои инсонии динҳо, аз ҷумла дини Ислом аст. Террорист, ба пиндори ман, дар асли худ миллат, мазҳаб ва ватан надорад ва душмани Худову бандагони Ӯст”.

Бинобар ин, агар мо воқеан ҳам хоҳиш дошта бошем, ки наслҳои ояндаи башарият дар фазои эътимоду боварӣ ва ҳусни тафоҳум зиндагӣ кунанд, бояд аз муқобилгузории тамаддунҳо даст кашем, инсонро ба ғарбию шарқӣ, сиёҳпӯсту сафедпӯст, осиёиву аврупоӣ, мусулмону масеҳӣ ҷудо накунем ва падидаҳои ҳама гуна тамаддунро чун як узви томи тамаддуни башарӣ баррасӣ намоем. Аз ин лиҳоз, терроризм ва ифротгароиро аз ниқобҳои сиёсӣ ва динӣ ҷудо карда, ҳадафҳои сиёсӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ, шиорҳои авомфиребона ва ғаразҳои инсонбадбинии онҳоро ошкоро баён кардан ва аз истифодаи истилоҳҳои “терроризми исломӣ”, “экстремизми исломӣ” худдорӣ намудан зарур аст”.

Ислом дини муқаддасест ва он ҳамеша ҳамагонро ба роҳи дӯстиву рафоқат, ростгӯиву росткорӣ ва некхоҳӣ даъват мекунад. Дар сураи “Тавба”, ояти 119-и Қуръони карим омадааст: “Эй муъминон, аз Худо битарсед ва бо ростгӯён бошед”. Ҳамчунин дар сураи “Ҳуҷурот”, ояти 10 омадааст: “Ҷуз ин нест, ки муъминон бародарони якдигаранд, пас, миёни ду бародари хеш сулҳ кунед ва аз Худо битарсед, то бар шумо раҳм карда шавад”.

Дар асоси далелҳои болоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки терроризм ва экстремизм падидаҳои мураккаби пурхатари ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, бо дини мубини Ислом ягон робита надоранд. Зеро тамоми амалҳое, ки террористон ва экстремистон иҷро мекунанд, ё барои иҷроиши он даъват менамоянд, хилофи аҳкоми шариати Исломӣ будааст. Бо ин амалҳояшон онҳо ба номи поки дини мубини Ислом иснод оварда, байни пайравони мазҳабҳо ва фирқаҳое, ки дар асоси таълимоти дини мубини Ислом ташаккул ёфтанд, низоъ ва тафриқаандозӣ менамоянд. Барои решакан ва аз байн бурдани ин падидаҳои ноематлуб, наметавон гуфт, ки зӯриву маҷбурсозии мақомоти қудратии дахлдори давлатӣ, чораи ниҳоии ҳалли масъала аст. Танҳо идеяи солиму созандаи қишри роҳбарикунандаи ҷомеа ва иродаи қавиву тафаккури васеи ҳар як шаҳрванди ватандӯсту поквиҷдон ва хештаншиносу равшанфикр метавонад, кишварро аз ин хатарҳо эмин нигоҳ дорад. Донишманде гуфтааст, ки миллате, ки соҳиби илм ва фарҳангу тамаддуни бою ғанӣ мебошад, завол нопазир аст. Тоҷиконро метавон намунаи миллати дар боло зикр гардида, эътироф намуд. Пас, мо бояд ин миллатеро, ки бо хуни дил ва бо ашки чашм, аз парешониву заволёбӣ наҷот ёфт, чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем, то ки бегонагони ҳасуд сулҳу субот, амнияту оромӣ ва сарҷамъии миллати моро халалдор насозанд.

Барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи мубориза бар зидди ҷиноятҳои террористию экстремистӣ мехостем якчанд пешниҳодотеро пешкаш намоем:

1. Мафҳуми ягонаи экстремизм бо тамоми шохаҳову шаклҳояш дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шавад.

2. Шаклҳои экстремизми сиёсӣ ва экстремизми сиёсӣ-динӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” ҷой дода шавад.

3. Дар санксияи моддаи 183 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот дохил намуда, ҷазои ҳаракатҳои экстремистие, ки пасопардаи дин баромад мекунад, вазнинтар карда шавад.

4. Назорат аз болои маблағҳои калоне, ки аз хориҷ ба ашхоси алоҳида ба воситаи бонкҳо фиристода мешаванд.

- маблағро кӣ фиристод?
- барои чӣ фиристод?
- ба кадом роҳҳо сарф шуд?

5. Ҳамкории якҷояи ҳамаи шохаҳои ҳокимияти иҷроия бо оилаҳое, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд.

6. Ба роҳ мондани омӯзиши дини мубини Ислом тибқи таълимоти мазҳаби Имоми Аъзам, дар тамоми муассисаҳои таълимоти миёнаи умумӣ, донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар таълимгоҳҳои касбиву техникӣ.

7. Тафсири дурусти оятҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои Паёмбари Ислом (с) аз ҷониби мутахассисони соҳа дар вақти баромаду мавъизаҳо.

Инчунин ба андешаи мо, омилҳои зерин барои сар задани амалҳои террористию экстремистӣ метавонанд замина гузоранд:

- ташвиқи васеъ пайдо намудани ғояҳои экстремистӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- дар сатҳи баланд қарор доштани сатҳи ришваситонӣ дар муассисаҳои давлатӣ, ки зарфияти эътирозиро дар байни аҳолӣ ба вуҷуд меорад;
- афзоиши шумораи ҷавонони бекор ва бемаълумот;
- сатҳи пасти маърифати динии ҷомеа, бахусус ҷавонон, ки байни дини ҳақиқӣ ва таассубу хурофот тафовут намегузоранд;
- бетаваҷҷуҳии волидайн нисбат ба тақдири ояндаи фарзандон ва аз тарбияи волидайн дур мондани аксари ҷавонон;
- пайдоиши тафриқа миёни мусалмонони кишвар: ба вуҷуд омадани як қатор гурӯҳҳои ғаразноки динӣ, аз он ҷумла «Салафия», «Ваҳҳобия» ва гурӯҳҳое, ки мақсадҳои ғаразнокро пайгирӣ менамоянд;
- аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар минтақаи нисбатан хатарҳо ва наздик будан ба кишварҳои тавлидгари экстримизм (Покистон ва Афғонистон);
- муқовимат нишон дода натавонистани исломи «расмӣ» бар муқобили исломи «ғайрирасмӣ», аз ҷумла аз хориҷа воридгашта;
- талоши кишварҳои хориҷӣ барои нооромкардани вазъи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ ва сӯистифода аз дини мубини Ислом.

Фикр мекунем, ин пешниҳодот то як андоза барои пешгирӣ ва аз байн бурдани ин падидаҳои хавфнок, ки ҳар лаҳза эҳтимолияти осебпазирии ҷомеаи мо низ дар назар аст, муфид бошанд.

Албатта, ногуфта намонад, ки таклифу пешниҳодҳои пешкаш намуда, шояд баъзеи он ба дурустии аслии ҳалли мушкилот талабгор набошанд, аммо то қадри имкон барои кам ва аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб дар натиҷаи омӯзиш ва таттқиқоти бурдаистода, сабабҳо ва роҳҳои бартарафнамоии он, таклифу пешниҳодҳо намудааем.

Мо боварӣ дорем,ки ин мавзӯи мазкур минбаъд ҳам мавриди муҳокима ва таҳқиқоти илмӣ қарор хоҳад гирифт.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Кодекси ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон, соли 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; ҚҶТ соли 2020.№7-9, мод.607, мод, 623; 2020 сол, №12, мод. 904; соли 2021, № 4, мод.196.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 02.01.2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, №1, мод.2.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоқикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” аз 16-уми ноябри с. 1999, № 845 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №11, мод. 275; соли 2005, № 3, мод. 116; соли 2007, №5, мод.355; соли 2008, №10, мод.802; соли 2012,№8,мод.816; соли 2013,№ 6, мод.407, соли 2014, №11, мод.647;мод.648, соли 2015, №12, қ.1,мод.1112.

4. Ализода, Б.П., Абдухолиқов,А.М., Искандаров, Қ.И., Ниёзов,А.С., Нуриддинов, Ҳ. МуколамаидавлатвадиндарТоҷикистон. - Душанбе. 2010. – 277 с.

5. Андрианов, Н.П. Советский образ жизни и атеистическое воспитание / Н.П. Андрианов. – М.: Политиздат, 1981. – 64 с.

6. Зяблов, Д.Н. Особенности религиозного экстремизма в современной России: историко-правовые аспекты / Д.Н. Зяблов // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурологи и искусствоведение. Вопросы теории и практики. В 4 ч. Ч. 2. - Тамбов, 2011. – № 5.

7. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) аз 28.03.2006, № 1717 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32233 (санаи мурочиат: 02 сентябри с. 2021).

8. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). –Душанбе: “ЭР-граф”, 2011. - 640 с.

9. Нуруллаев, А.А., Нуруллаев, Ал.А. Религиозно-политический экстремизм // Вестник Российского ун-та дружбы народов. Серия: Политология. – 2003. - № 4. – С. 83-92.

10. Шарипов, Т.Ш., Сафаров, Х.С. Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «экстремизм», «фундаментализм», «радикализм», «натсионализм» ва «сепаратизм» // Осори Академия. – Душанбе, 2015. - № 4 (28). – С. 38-45.

11. Плужников, Е.Н. Религиозный экстремизм в современной России: проблемы теоретической интерпретации и политической практики: дис. канд. полит. наук 23.00.02 / Плужников Евгений Николаевич. – М., 2010. – 166 с.

12. Ожегов, С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. - М., 1997. – 763 с.

13. Liebman, Ch. S. Extremism as a religious norm // Journal of the scientific study of religion. 1983. – N 22 (1).

## References

1. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998, № 574 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1998, № 9, Art. 68, mod. 69, №22, mod. 306; RT 2020.№7-9, art.607, art, 623; 2020, №12, mod. 904; in 2021, № 4, art.196.

2. Law of the Republic of Tajikistan “On Countering Extremism” dated 02.01.2020, № 1655 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan 2020, №1, art.2.

3. Law of the Republic of Tajikistan "On Combating Terrorism" of November 16, 2006 1999, № 845 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1999, №11, Art. 275; 2005, № 3, Art. 116; 2007, №5, art.355; 2008, №10, mod.802; 2012, №8, art.816; 2013, № 6, art.407, 2014, №11, art.647; art.648, 2015, №12, q.1, art.1112.

4. Alizoda, BP, Abdukholiqov, AM, Iskandarov, KI, Niyozov, AS, Nuriddinov, N. Dialogue of state and religion in Tajikistan. - Monday. 2010. - 277 p.

5. Andrianov, N.P. Soviet way of life and atheistic education / N.P. Andrianov. - M.: Politizdat, 1981. - 64 p.

6. Zyablov, D.N. Features of religious extremism in modern Russia: historical and legal aspects / D.N. Zyablov // Historical, philosophical, political and legal sciences, cultural studies and art history. Questions of theory and practice. At 4 h. Part 2. - Tambov, 2011. - No. 5.

7. Unified Concept of the Republic of Tajikistan on Combating Terrorism and Extremism (extremism) dated 28.03.2006, № 1717 // [Electronic source] - Access schedule: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32233 ( application date: September 2, 2021).

8. The Holy Quran (original and text of the Tajik translation). - Dushanbe: “ER-graf”, 2011. - 640 p.

9. Nurullaev, A.A., Nurullaev, Al.A. Religious and political extremism // Bulletin of the Russian University of Friendship of Peoples. Series: Political science. - 2003. - No. 4. - P. 83-92.

10. Sharipov, T.Sh., Safarov, H.S. Some views on the relationship between the concepts of “extremism”, “fundamentalism”, “radicalism”, “nationalism” and “separatism” // Academy Heritage. - Dushanbe, 2015. - № 4 (28). - P. 38-45.
11. Pluzhnikov, E.N. Religious extremism in modern Russia: problems of theoretical interpretation and political practice: dis. cand. watered. Sciences 23.00.02 / Pluzhnikov Evgeny Nikolaevich. - M., 2010. - 166 p.
12. Ozhegov, S.I., Shvedova N.Yu. Explanatory dictionary of the Russian language / S.I. Ozhegov, N.Yu. Shvedova. - M., 1997. - 763 p.
13. Liebman, Ch. S. Extremism as a religious norm // Journal of the scientific study of religion. 1983. – N 22 (1).

**ТДУ 343.9.018.3**

# МАФҲУМИ СИННУ СОЛ ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ТАВСИФИ КРИМИНОЛОГИИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР

# ПОНЯТИЕ ВОЗРАСТА И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В КРИМИНОЛОГИЧЕСКОЙ ХАРАКТЕРИСТИКЕ ЛИЧНОСТИ ПРЕСТУПНИКА

# THE CONCEPT OF AGE AND ITS SIGNIFICANCE IN THE CRIMINOLOGICAL CHARACTERIZATION OF THE OFFENDER'S PERSONALITY



Иброҳимзода М.И.
# ОСОБЕННОСТИ ПРЕСТУПНОСТИ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ И ПУТИ ЕЕ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ

# FEATURES OF MINOR CRIME AND WAYS TO PREVENT IT

МИРЗОУМАРЗОДА А.М.
MIRZOUMARZODA A.M.
*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
*Соискатель кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции*
*Competitor of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology, Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Major of the Militia*



e-mail: amirali.zokirov@bk.ru

САФАРЗОДА Ҳ.С.
SAFARZODA H.S.
*Сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Head of the Faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of Law, Colonel of the Militia*



e-mail: h.safarov@mail.ru

*Тахассуси илмӣ:* 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.
*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.
*Scientific specialty*: 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Тақриздиҳанда:* АЗИМЗОДА Н.Б. – муовини сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, подполковники милитсия.
*Рецензент:* АЗИМЗОДА Н.Б. – заместитель начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор, подполковник милиции.
Reviewer: AZIMZODA N.B - Deputy Head of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for academic affairs, Doctor of Law, Professor, lieutenant colonel of the militia.

*Аннотатсия*: Мақола ба масъалаҳои хусусиятҳои хосси ҷинояткории ноболиғон ва сабабу омилҳое, ки боиси он мегарданду дарёфти роҳҳои муосири пешгирии он мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.
*Вожаҳои калидӣ:* ҷинояткорӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ноболиғон, сабаб, омилҳо.

*Аннотация*: В статье рассматриваются проблемы, связанные с особенностями преступности несовершеннолетних, ее причины и факторы, а также пути поиска современных способов ее предотвращения.
*Ключевые слова*: преступность, правонарушение, несовершеннолетний, причина, факторы.
Annotation: The article considers the specifics of juvenile delinquency, its causes and factors, as well as the search for modern ways to prevent it.
*Key words:* offense, misdemeanor, juvenile offense, cause, factor.

**Ҷ**инояткории ноболиғон хусусиятҳои хосси худро дошта, на ҳамаи категорияҳои ҷиноятҳо аз тарафи онҳо содир карда мешавад. Вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳолати иҷтимоӣ, гирифтани тарбия ва шароит дар оила, таълим дар муассиса, ҳолати руҳию психологӣ, муҳити зист ва ғайра ба рафтори ноболиғон таъсири худро расонида, ин омилҳо метавонанд ба сатҳи ҷинояткории ноболиғон алоқамандии калон дошта бошанд.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси ҷинояткории ноболиғон, қонунгузор хусусиятҳои хос ва тартиби махсусро барои ҷавобгарӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон муайян намудааст, ки тартиби махсуси тафтишоти пешакӣ ва баррасии парвандаҳо дар суд, инчунин таъйини ҷазо ва иҷрои махсуси онро муқаррар намудааст, ки ин нишонаи принсипи инсондӯстонаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти хосса зоҳир намудан нисбати онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Ҷинояткории ноболиғон як қатор аломатҳои фарққунанда дорад, ки он, пеш аз ҳама, дар маҷмуи сабабҳо ва ангезаҳои ташаккули рафтори ҷиноятӣ ва натиҷаи он дар сатҳ ва тамоюлҳои рушди он зоҳир мешаванд. Дар айни замон аломатҳои номбаршуда, дар хислатҳои шахсии ноболиғон вавазъи иҷтимоию ҳуқуқии онҳо дар ҷамъият ҷой доранд. Бинобар ин, ноболиғон аз одамони калонсол бештар аз ҷиҳати хислатҳои шахсӣ ва рафтори ҷиноятӣ фарқ мекунанд [1, с. 795].

Чуноне ки Л.С. Голубничая қайд менамояд, дар кӯдаки ноболиғ шуур ва равони нав бавуҷудомада, онҳо бештар зери таъсироти мусбат ва манфӣ дучор мешаванд. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши шахсияти ҷинояткори ноболиғ аҳаммияти калони криминологӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад [2].

Зери мафҳуми «ҷинояткории ноболиғон» маҷмуи ҷиноятҳое фаҳмида мешавад, ки барои онҳо аз синни 14 то 18-солагӣ ҷавобгарӣ фаро мерасад.

Ба вуҷуд омадани тағйироти куллӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, психологиву иттилоотӣ ва ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирфтор шудани мардуми тоҷик дар солҳои 90-уми асри гузашта, боиси пайдо гардидани мушкилот дар соҳаи таълиму тарбияи наврасону ноболиғон, арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, ҳолати руҳиву равонии онҳо ва ташаккулёбии оилаҳои камбизоат гардид. Оқибатҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ ва дигар ҳолатҳои номусоид дар ҳаёти ҷомеа боиси рушд ёфтани ҷиноят ва ҷинояткорӣ гардида, яке аз вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва оила дар тарбияи ноболиғон дар руҳияи инсондӯстиву меҳанпарварӣ ва пешгирӣ намудани ҷинояткории ноболиғон то андозае коста гардид.

Сабаб ва омилҳое, ки ҷинояткории ноболиғонро ба вуҷуд меоранд, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таълимиву фарҳангӣ, иттилоотиву психологӣ ва ҳуқуқӣ буда, дар тули чандин даҳсолаҳо объекти омӯзиши илмҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ-психологӣ ва криминология мебошад.

В.Н. Кудрявсев ва В.Е. Эминов маҷмуи сабабҳои ҷинояткориро ҳамчун «Падидаҳои ба ҳам алоқаманд, вобаста аз омилҳои манфии иҷтимоӣ, ки бо табиати умумӣ муттаҳид шудаанд, инчунин хусусиятҳои пайдоиш, ҳолат ва инкишофи минтақаҳои осебпазири онҳо, ки дар доираи аксар вақт шароити мусоид ба вуҷуд омадан мумкин аст, барои содир кардани ҷиноятҳо муҳайё карда шудаанд, мефаҳманд. Ба инҳо, пеш

аз ҳама, зухуроти криминогенӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, муносибатҳои иҷтимоӣ, вазъи маънавии ҷомеа ва танзими ҳуқуқӣ дохил мешаванд». Воқеан бе адолати иичтимоӣ, бегонапарастӣ, косташавии маънавиёт ва дар натиҷа бекурбшавии асосҳои ахлоқию маънавии ҷомеа, нигилизми ҳуқуқӣ ба ҷараён гирифтани ҷинояткории калонсолон ва ноболиғон таъсири бевосита мерасонад [3, с. 55].

Ҷаҳонбинии ноболиғон бо истифода аз технологияҳои муосири телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла, интернет (шабакаҳои иҷтимоӣ) бо таври куллӣ дигаргунгардида, теъдоди зиёди онҳо воситаҳои иттилоотии навинро барои дастрас намудани донишҳои созандаву арзанда истифодабурда, шумораи муайяни онҳо зери таъсири фарҳанги бегонаи дорои тафаккур ва амалҳои ҷиноятkорона гардидаанд. Аз ҷумла, ба воситаи интернет дастрас намудани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, шиносоӣ пайдо намудан ба маводи порнографӣ, ашхоси ҷиноятпеша ва моилгардии бархе аз ноболиғон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва ҷинояткорони касбӣ ба воқеияти рӯз афзун табдил ёфт. Аз ин лиҳоз, мавриди таҳлил ва баҳогузорӣ қарордодани ин равандҳои номатлуб барои муайян намудани сабабу омилҳое, ки боиси ҷинояткории ноболиғон мегардад, шахсияти онҳо ва мукаммал сохтани фаъолияти субъектони низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниро дар самти огоҳонидани онҳо тақозои замон мебошад.

Айниҳол бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июли соли 2020 таҳти № 431, Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024 қабул шуда, амалӣ шуда истодааст, ки субектони низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғонро дар доираи ваколатҳои худ барои таъмини риояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои ноболиғон аз ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқувайронкунӣ, азобу шиканҷа, зӯроварии руҳӣ ва ҷисмонӣ, муайян намудани ноболиғони дар ҳолати номусоиди иҷтимоӣ қарор доштаро муайян намуда чораҷӯӣ намоянд [4].

Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо фаъолони шаҳри Душанбе дар санаи 11-умидекабри соли 2020 аз афзоиши ҷинояткории ҷавонону ноболиғон изҳори нигаронӣ намуда, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолият дар ин самт мувазааф месозад [5].

Таҳлили ибтидоии вазъи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон дар миқёси ҷумҳурӣ нишон доданд, ки дар соли 2017 аз тарафи ноболиғон 690 ҷиноят, дар соли 2018 – 907 ва дар соли 2019 бошад 873 ҷиноят, дар соли 2020, 754 ҳолати ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Сарфи назар аз маълумотҳои оморие, ки сатҳи ҷинояткории ноболиғонро паст нишон медиҳанд, ҷинояткорӣ аз тарафи ноболиғон дар ҳолати афзоишёбӣ қарор дорад. Новобаста аз чораҳои криминологии андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти огоҳонидан ва пешгирӣ намудани ҷинояткории ноболиғон то андозае сатҳи он коҳиш ёфта бошад ҳам, аммо натиҷаи дилхоҳе ба даст наомадааст.

Таҳлилҳои оморӣ нишон доданд, ки дар соли 2018-ум аз ҷониби ноболиғон дар қаламрави ҷумҳурӣ содиршавии 907 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 34 ҷиноят зиёд буда, афзоишёбиии он 7,2%-ро ташкил мекард. Дар соли 2020-ум бошад, дар қаламравӣ ҷумҳурӣ содиршавии 754 ҷиноят аз ҷониби ноболиғон ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019, 119 ҷиноят кам буда, сатҳи пастравии он 15,7 дарсадро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, дар ин сол дар баробари дар миқиёси ҷумҳурӣ коҳиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ, дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ афзоиши он ба қайд гирифта шудааст.

Чунончи, дар ВМКБ нисбат ба соли 2019-ум, аз ҷониби ноболиғон 13 ҳолати зиёд шудани содиршавии ҷиноят ба чашм мерасад, ки ин 3,2 % фоизро ташкил медиҳад.

Дар пойтахти мамлакат ш.Душанбе бошад, дар соли 2020-ум сатҳи пастравии он нисбат ба соли 2019, 25,7 дар садро ташкил мекард, аммо дар баъзе ноҳияҳо (н. Фирдвсӣ 2, Сино 2) зиёдшавии ҷинояткории ноболиғон дида мешавад.

Дар ноҳияҳои тебеи ҷумҳурӣ дар соли 2020-ум, пастравии ҷинояткорӣ дар ин самт дида шуда, танҳо дар ш. Ваҳдат 18,1%, ш.Роғун 150%, н.Рӯдакӣ-2 80% афзоиши ҷиноятҳо ба қайд гирифта шуд.

Бояд тазаккур дод, ки аз 740 нафар ноболиғони дар ин соли 2020 ҷиноят содир карда, 222 нафар ва ё 30,3 дарсади онро хонандагони муассисаҳои таълимии мамлакат ва 512 нафарашонро ва ё 69,1 дар сади онҳо ноболиғоне мебошанд, ки дар давраи содиркунии ҷиноят ба меҳнату таҳсил машғул набуданд. Аз ин шумора 701 нафарашон писарон ва 39 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Таҳлили ҷинояткории ноболиғон дар соли 2021 нишон дод, ки ҳиссаи ҷинояти тасарруфи моликияти амволи ғайр дар шумораи умумии ҷиноятҳои содиршуда зиёд буда мавқеи устуворро ишғол карда, тамоюли пастшавии ин амал нигоҳ дошта мешавад.

Чунончӣ, дар соли 2020 аз ҷониби ноболиғон 484 адад ҷинояти дуздӣ ва дигар ҷиноятҳои дорои аломатҳои тасарруфӣ содир намуданд, ки 65,4% дарсади ҷиноятҳои аз ҷониби онҳо содиршударо ташкил карда, нисбат ба соли 2018 - 146-ҳолат кам (76,8 дарсад) ва нисбат ба соли 2019, 134 ҳолат ва ё ба 78,3 дарсад пастшавӣ дорад.

Дар соли 2020 ноболиғон ба содиркунии 25-ҳолати қаллобӣ, (2019-12), 28-ҳолати ғоратгарӣ (2019-15) ва 2-роҳзанӣ (2019-3), дар маҷмуъ ба содир кардани 55 ҷинояти дорои аломатҳои тасарруфӣ даст задаанд, ки ин ҷиноятҳо низ ба ангезаи ғаразноки молию пулӣ содир шудаанд.

Аз таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон маълум мегардад, ки дар маҷмуъ дар ин соли 2020 ҳамагӣ 539 ҷиноят содир кардаанд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта, 72,8 дарсади миқдори умумии ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон содиршуда, бо мақсади ба даст овардани амволи ғайр, содир карда шудааст. Аз ҷумла, ҳиссаи ҷинояти дуздӣ (м.244 КҶҶТ) дар шумораи умумии ҷиноятҳои содиршуда 69,7 дарсадро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳои оморӣ бо мақсади муайян кардани вақт ва макони содиркуни ҷиноят дар байни ноболиғон нишон дод, ки аксарияти ҷиноятҳо, ки ба дуздии моликият вобастагӣ дорад. Ноболиғон дар маҳалаҳои истиқоматии шаҳрвандон, дар байни соатҳои 12 то 16 - 18 рӯз ва қисман дар байни соатҳои 24:00 то субҳ содир мекунанд. Ҷиноятҳои авбоширо бошад, аз соати 12-18 рӯз ва қисман аз соати 18 то 20 бегоҳ содир намуданд. Дар назар аст, ки вақтҳои зикргардидаро ноболиғон ҳамчун вақти муносиб барои пинҳонӣ тасарруфи амволи ғайр ва дигар амалу кирдорҳои номатлуб истифода бурдаанд [6].

Ноболиғон бинобар сабаби хусусиятҳои синнусолиашон назар ба калонсолон ҳарчӣ бештар зери таъсироти муҳити хурду бузурги ичтимоӣ қарор гирифта, даст ба дуздиву ғоратгарӣ, авбошиву роҳзанӣ, тайёр ва истифода бурдани моддаҳои нашъаовар ва ҳатто одамкушӣ мезананд,

Таҳлили омории шахсияти ноболиғони ба ҷиноят даст зада, аз рӯи синну сол нишон дод, ки дар аксарият маврид ноболиғони аз 15 то 18-сола ба ҷиноят даст задаанд ва ин гурӯҳ ноболиғоне мебошанд, ки баъди хатми синфи 9-и таҳсилоти ҳатмии асосӣ, таҳсилро давом надода, дар ягон ҷо кор ва таҳсил намекунанд, зерро ҳиссаи ин гурӯҳи ноболиғон дар шумораи умумии ноболиғон 69,1 дарсадро ташкил медиҳанд.

Аз таҳлили омории овардашуда, афкори олимони иброзгардида, маълумоти аз протоколҳои маъмурӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ бадастомада, бар меояд, ки сабабу шароитҳои маъмули ҷинояткории ноболиғон чунинанд:

- дар сатҳи вазнини иқтисодӣ-ичтимоӣ карор ёфтани оилаҳои камбизоат, таъмин набудани фарзандон ба воситаҳои зарурӣ (маводи таълимӣ, сару либос, хӯроки зарурӣ ва ғ.) дар маҷмуъ муҳайё набудани шароити

муносиби зиндагӣ фазои носолими ҷинояткории ноболиғонро ба бор меорад;

- паст будани маърифати ахлоқӣ ва ҳуқуқии оилаҳо, дар руҳияи ҳирси молпарастӣ тарбия ёфтани фарзандон, беназорат мондани онҳо ва аз ҷониби падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, аз ҷониби омӯзгорон иҷро нашудани уҳдадориҳое, ки дар моддаҳои 8, 9 ва 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” муқаррар гардаданд;

- дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, нарасидани омӯзгорони касбӣ, соҳибтаҷриба, равоншинос дар муассисаҳои таълимӣ;

- зери таъсири гурӯҳҳои ҷиноятпешаи калонсол ва технологияҳои коммуникатсионии муосир, аз ҷумла, интернет (сайтҳои иҷтимоии тарғиб-кунандаи парнография, экстремизм, истеъмоли воситаҳои нашъадор, зӯроварӣ ва ғ.) қарор гирифтани тафаккур ва ҷаҳонбинии ноболиғон;

- дар муҳоҷирати меҳнатии хориҷи кишвар қарор гирифтани волидайн ва намояндагони қонунии ноболиғон, аз меҳнату машғулиятҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дур мондани ноболиғон.

Пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон – маҷмӯи чорабиниҳои дастаҷамъона ва инфиродии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, равонӣ, маънавӣ фарҳангӣ ва тиббӣ, ки аз ҷониби субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароити ба содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон мусоидаткунанда амали карда ммешавад [7].

Дар асоси афкори иброзгардида, таклифу пешниҳодоти зеринро дар самти пешгирии ҷинояткории ноболиғон манфиатпазир мешуморем:

- ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар синфҳои болоӣ ҷорӣ кардани курсҳои махсусии «Пешгирии ҷинояткории ноболиғон» бо ҷалби педагогҳои касбӣ, равоншиносон ва кормандони РОПҲНҶ ВКД ҶТ;

- ташкили утоқҳои корӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои фаъолияти равоншинос ва кормандони кор бо ноболиғон вобаста ба гузаронидани суҳбатҳои фардӣ-тарбиявӣ бо ноболиғони душвортарбия;

- барқарор намудани робитаи устувори оила бо мактаб, ҷамоатҳо ва кормандони РОПҲНҶ ВКД ҶТ;

- ҳамоҳангсозии субектони низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон”;

- барои ноболиғони душвортарибияе, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосии ҳатмиро хатм кардаанд, фароҳам овардани шароит барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, колеҷҳо ва ғ.;

- ташкили майдончаҳо ва толорҳои варзишӣ, дар деҳаҳои дурдаст, ки дур аз марказҳои шаҳру ноҳияҳо ҷойгиранд;

- мукаммал сохтани қонунҳои амалкунанда вобаста ба расман вогузор намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои волидайн дар ҳолати берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромада рафтан ва фарзандони ноболиғашонро дар тарбияи хешу таборҳои наздикашон гузоштан;

- муқаррароти барномаҳо ва нақша - чорабинихое, ки вобаста ба пешгирии ҷинояткории ноболиғон дар сатҳи ҷумҳурӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд, дар ҳамаи зинаҳо (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва дар сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот) таъмин карда шаванд.

- фаъол гардонидани комиссияҳои ҷамъиятии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, маориф, муассисаҳои таълимӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, кумитаҳои маҳалаҳо дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон таҳти № 835 аз 05.02.2017 сол “Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”:

- зиёд намудани воҳидкои корӣ дар РОПҲНҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хадамоту зершуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо ки бо ноболиғон кору фаъолият мекунанд.

- барои самаранокии фаъолият дар самти огоҳонидан ва пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, кор бо ноболиғони душвортарбия, таъмин намудан ба кадрҳои баланихтисос дар заминаи Академияи ВКД Ҷумхурии Таҷикистон таъсиси ихтисос ё ин ки гурӯҳҳои алоҳидаи равонишинос-ҳуқуқшинос барои минбаъд фаъолият дар РОПҲНҶ ба мақсад мувофиқ аст.

- барои боз ҳам пурзӯр намудани масъулияти падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгорон ва дигар намояндагони қонунии ноболиғон, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дар таълим ва тарбияи фарзандон иҷро намекунанд, бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ ворид намудани тағийру иловаҳо ба диспозитсия ва санксияи моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- бинобар дастрас будани тамоми технологияҳои муосири коммуникатсионӣ ба ноболиғон, ки ба ҳолати руҳии онҳо таъсири манфии худро расонида, шавқу ҳавас ва майли содиркунии ҷиноятро дар хаёлоти ноболиғон пайдо мекунанд, (компютер, телефон, телевизион ва ғ.) хусусан ҷиноятҳои марбут ба дастрас намудани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, моил шудани ноболиғон ба содир кардани ҷиноятҳои хусусияти зӯроварона дошта, ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта, дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ кардани ҷовобгарии маъмурӣ барои волидайн ва дигар намояндагони қонунии ноболиғон ҷиҳати назорати дақиқи фарҳанги истифодабарии маълумоти зарурӣ аз ҷониби кӯдакон.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Долгова, А.И. Криминология: учебник для вузов. 4-е изд., перераб. и доп. / А.И. Долгова. - М., 2017. – 912 с.
2. Голубничая, Л.С. Криминологическая характеристика личности несовершеннолетнего преступника / [Электронный ресурс] – Режим доступа: URL: http://www.amgpgu.ru/upload/iblock/c9e/golubnichaya_l_s_kriminologicheskaya_kharakteristika_lichnosti_nesovershennoletnego_prestupnika.pdf (дата обращения: 14.11.2021 г.).
3. Кудрявцев, В.Н., Эминов, В.Е. Причины преступности в России: криминологический анализ: монография / В.Н. Кудрявцев. – М.: Норма, 2006. –110 с.
4. Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024 с.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020. №431 тасдиқ карда шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 14.12.2021 с.).
5. Баромади Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар ҷаласаи селекторӣ аз 12 декабри соли 2020 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/ (санаи муроҷиат: 14.12.2021 с.).
6. Шарҳи вазъи ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон дар солҳои 2017, 2018, 2019, ва 12 моҳи соли 2020. – Душанбе: РОПҲНҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 02.01.2020 с., № 1658 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, № 1. мод. 5.

**References**

1. Dolgova, A.I. Criminology: a textbook for universities. 4th ed., revised. and additional / A.I. Dolgova. - M., 2017. - 912 p.
2. Golubnicaya, L.S. Criminological characteristics of the personality of a juvenile offender / [Electronic resource] - Access mode: URL: http://www.amgpgu.ru/upload/iblock/c9e/golubnichaya_l_s_kriminologicheskaya_kharakteristika_lichnosti_nesovershennoletnego_prestupnika.pdf (date of access: 11/14/2021).

3. Kudryavtsev, V.N., Eminov, V.E. Causes of crime in Russia: criminological analysis: monograph / V.N. Kudryavtsev. - M.: Norma, 2006. - 110 p.

4. National Program for the Prevention of Juvenile Delinquency for 2020-2024: Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan of July 30, 2020. №431 Approved // [Electronic source]. - Access schedule: http://president.tj/node/16771 (application date: 14.12.2021).

5. Speech of the Minister of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Colonel-General of Police Rahimzoda Ramazon Hamro at a conference call from December 12, 2020 // [Electronic source]. - Access schedule: https://www.vkd.tj/index.php/tj/ (application date: 14.12.2021).

6. Review of the juvenile and youth crime situation in 2017, 2018, 2019, and 12 months of 2020. - Dushanbe: Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, 2021.

7. Law of the Republic of Tajikistan "On the system of warning and prevention of juvenile delinquency" from 02.01.2020, № 1658 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan in 2020, № 1. Art. 5.

**УДК 343.3/.7**

# АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ МЕДИЦИНСКИХ РАБОТНИКОВ В УСЛОВИЯХ ПАНДЕМИИ

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ ОИД БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ КОРМАНДОНИ ТИБ ДАР ШАРОИТИ ПАНДЕМИЯ

# TOPICAL ISSUES OF CRIMINAL LIABILITY OF MEDICAL WORKERS IN THE CONTEXT OF A PANDEMIC

Ошкин И.В.
Oshkin I.V.
*Преподаватель кафедры оперативно-разыскной деятельности Рязанского филиала Московского университета МВД России имени В.Я. Кикотя*
*Омӯзгори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии филиали Рязани Донишгоҳи ВКД Россия дар ш. Москваи ба номи В.Я. Кикот*
*Lecturer at the department of operational-investigative activities of the Ryazan branch of the Moscow University of the Ministry of Internal Affairs of Russia named after V.Ya. Kikot*



e-mail: oshkin.ivan@yandex.ru

Долбинин А.А.
Dolbinin A.A.
*Заместитель начальника Клинического госпиталя Федерального казенного учреждения здравоохранения «Медико-санитарная часть МВД России» по г. Москве по тылу*
*Муовини сардори Госпитали клиникии Муассисаи давлатии федералии нигаҳдории тандурустии «Қисми тиббӣ-санитарии ВКД Россия» дар ш. Москва оид ба ақибгоҳ*
*Deputy Head of the Clinical Hospital of the Federal State Healthcare Institution «Medical and Sanitary Unit of the Ministry of Internal Affairs of Russia» for Moscow in the rear*



e-mail: 89161627222@mail.ru

*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.
*Тахассуси илмӣ:* 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.
*Scientific specialty*: 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Рецензент:* Билоус Е.Н.. – профессор кафедры оперативно-разыскной деятельности Рязанского филиала Московского университета МВД России им. В.Я Кикотя, кандидат юридических наук, профессор.
*Тақриздиҳанда:* Билоус Е.Н. – профессори кафедраи оперативӣ-ҷустуҷӯии филиали Рязани Донишгоҳи ВКД Россия дар ш. Москва ба номи В.Я. Кикот, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
Reviewer: Bilous E.N. - Professor of the Department of Investigative Activities of the Ryazan Branch of the Moscow University of the Ministry of Internal Affairs of Russia *named after* V. Ya. Kikot, Candidate of Legal Sciences, Professor.

*Аннотация*: В статье рассматривается проблема отнесения определенных действий (бездействий) медицинских работников к уголовной ответственности, акцентируя внимание на проблеме преступлений коррупционной направленности в условиях противодействия короновирусной инфекции. Обозначены виды и показатели преступлений, совершаемых медицинскими работниками. Выявлены формы проявления рассматриваемого вида коррупции в условиях борьбы с COVID-19. Предложены варианты дальнейшего развития законодательства в области привлечения к уголовной ответственности медицинских работников.
*Ключевые слова:* уголовная ответственность, медицинский работник, коррупция, противодействие, COVID-19.

*Аннотатсия*: Мақола ба масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани амалҳои (беамалии) муайяни кормандони тиб баррасӣ шуда, ба проблемаи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар заминаи муқовимат ба сирояти коронавирус таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Намудҳо ва нишондиҳандаҳои ҷиноятҳои содиркардаи кормандони тиб нишон дода шудаанд. Шаклҳои зуҳури намуди баррасишавандаи коррупсия дар заминаи мубориза бо COVID-19 ошкор карда шудаанд. Вариантҳои рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани кормандони тиб пешниҳод карда мешаванд.
*Вожаҳои калидӣ*: ҷавобгарии ҷиноятӣ, корманди тиб, коррупсия, муқовимат, COVID-19.

*Annotation*: The article deals with the problem of attributing certain actions (inactions) of medical workers to criminal liability, focusing on the problem of corruption-related crimes in the context of countering the coronovirus infection. The types and indicators of crimes committed by medical workers are indicated. The forms of manifestation of the considered type of corruption in the context of the fight against COVID-19 are identified. Options for further development of legislation in the field of bringing medical workers to criminal liability are proposed.
*Key words*: criminal liability, medical worker, corruption, counteraction, COVID-19.

**О**тветственность медицинских работников в настоящее время тема не только научного дискурса, но и активного обсуждения в средствах массовой информации. Граждане все чаще стали обращать внимание на качество оказания медицинских услуг и особенно – наступления различных последствий, после обращения в медицинские учреждения.

Ответственность медицинских работников предусмотрена уголовным, административным и гражданским законодательствами, а также рядом специальных положений в рамках дисциплинарной ответственности. Наиболее ее строгий вид – уголовная ответственность, которая установлена за совершения деяний, закрепленных в Уголовном кодексе Российской Федерации (далее – УК РФ). Наиболее распространенными общественно опасными деяниями в рассматриваемой категории являются:




Кроме обозначенных видов преступлений ответственность медицинских работников может наступать и по другим составам деяний, предусмотренных УК РФ:

1) деяния при оказании всех видов медицинской помощи (первая, доврачебная, первая, квалифицированная, специализированная, реабилитация), а также косметологической медицины (ст. ст. 109, 118, ч.4 ст. 122, 124, 235 УК РФ);

2) умышленные деяния, при которых применяются профессиональные навыки и

умения в качестве способа совершения преступления (ст. ст. 105, 111, 112, 115, 120, 123, ч.1 ст. 128, 153 УК РФ);

3) должностные (ч.2 ст. 128, ст. ст.159, 160, $228^2$, 229, 285, $285^1$, $285^2$, 290, 291,1, 292, 293, 233 УК РФ);

4) иные деяния (ст. 307, ст. 163, ст. 171, ст. 248 УК РФ) [1, с. 262].

Субъектами таких преступлений по профессиональной принадлежности чаще являются:

– хирурги - 26%;
– акушеры-гинекологи - 19%;
– анестезиологи-реаниматологи - 12%.

Более половины из них (57%) – мужчины.

По географической распространённости, работники медицинских учреждений: городского типа- 73%; сельского типа - 27%. 94% работники бюджетных учреждений, 6% – коммерческих [2].

В следствии появления новой угрозы здоровью граждан (COVID-19), выделения значительных государственных средств в сферу медицины, увеличения заболевания граждан и готовностью граждан решать проблемы используя механизмы «бытовой коррупции» (67% граждан [3, с. 163]) справедливо можно спрогнозировать появление негативных количественных и качественных тенденций в преступности должностных медицинских работников. Так, в марте 2021 года за получение взятки за лоббирование фармацевтической компании был задержан губернатор Пензенской области Российской Федерации [10].

В связи с изложенным остановимся на вопросах ответственности медицинских работников за совершение должностных коррупционных преступлений.

Основными формами проявлениями коррупции [4] в сфере оказания медицинских услуг в условиях борьбы с COVID-19 являются:

1) неформальные платежи от пациентов - вклад, сделанный пациентами (или их представителями) за услуги, на которые пациенты имеют право. Неформальные платежи могут представлять собой коррупцию, если они происходят до лечения, если они запрашиваются - или вымогаются - поставщиком, и если они связаны с наличными деньгами или дорогостоящими предметам. Неформальные платежи в этом кризисе, возросли, поскольку система здравоохранения испытывает большую перегрузку пациентов;

2) хищение денег, лекарств и другого медицинского оборудования и принадлежностей (диагностические тесты на коронавирус, средства индивидуальной защиты, включая очки, перчатки). Кража и перепродажа финансируемых государством лекарств, вакцин и предметов медицинского назначения способствует возникновению дефицита ограничивая доступ пациентов к адекватному медицинскому лечению. В конечном итоге это приводит к дальнейшему распространению коронавирусных инфекций;

3) проявления коррупции при оказании услуг. Данные деяния разнообразны: от ложных требований о возмещении расходов на лечение до взимания с пациентов платы за ненужные или поддельные операции, плацебо, некачественные и фальсифицированные лекарства, продаваемые как высококачественные лекарства, либо при распределении вакцин;

4) фаворитизм. Указанный феномен характеризуется оказанием медицинских услуг «предпочитаемым» пациентам, с которыми у них есть социальные связи, за счет услуг, предоставляемых другим пациентам. Это могут быть родственники, друзья, знакомые и другие люди, имеющие общее членство в более широких этнических, религиозных или культурных группах;

5) манипулирование записями о предоставленных услугах, оплаченных ценах или достигнутых результатах. Манипуляция данными включает в себя мошенническое выставление счетов за непоставленные товары и услуги, создание «фантомных» пациентов, требующих дополнительных платежей, и получение

компенсации за лечение, которое дороже, чем фактически предоставленное

Последствия такой фальсификации болезненно отражаются на этапе оказания услуг: нерациональное использование ресурсов, недостаточная подготовка больниц и медицинских работников для борьбы с распространением вируса;

7) предоставление ложных медицинских документов. Судебная практика по коррупционным преступлениям медицинских работников за 2020 и 2021 год показывает, что в наибольшем объеме суды выносили обвинительные приговоры за незаконную выдачу листка нетрудоспособности и заключенийоб отсутствии у водителей транспортных средств медицинских противопоказаний [5].

В сфере здравоохранения распространены факты дарения подарков. И в данном вопросе необходимо четко разграничивать дисциплинарную и уголовную ответственность, которая будет определится целью дарения. Взяткой (290 УК РФ) признается, вне зависимо от ее суммы, вознаграждение или договоренность, характеризующиеся подкупом, который обусловливает определенное поведение должностного лица; вымогательство должностным лицом вознаграждения [6, с. 18].

Вознаграждение рассматривается как взятка лишь при получении (обещании получения) выгоды, действия (бездействие) связаны с должностными обязанностями специального субъекта – должностного лица.

Так, если подарок потребовал необходимость выполнения определённых действий и стоимость подарка не превышает десять тысяч рублей, то такие действия квалифицируются по ст. 291.2. УК РФ – «Мелкое взяточничество», свыше – по ст. 290 УК РФ – «Получение взятки». Субъектом данного преступления является должностное лицо.

Примечание к ст. 285 УК РФ закрепило основные признаки должностного лица, которые интересны в контексте нашего исследования:

1) обладание постоянным, временным или специальным полномочием;

2) выполнение организационно-распорядительных, административно-хозяйственных функции.

В следствии чего основное звено медработников к должностным лицам не относятся, так как они выполняют обязанности, не связанные с выполнением организационно-распорядительных или административно-хозяйственных функций, а потому субъектами получения взятки быть не могут, однако за определённые блага [7] они могут «качественно» выполнять определённые услуги, в том числе и установленные их должностными обязанностями, или к примеру, назначать отпрядённые процедуры. В данном контексте интересны следующие данные: 59% граждан указывали, что им приходилось давать денежные средства или подарки медицинским работникам в качестве оплаты медицинских услуг, которые должны предоставляться бесплатно, инициатором выступали граждане в 24% и в 34% - медицинские работники, из которых 5% являлись представителями руководящего медицинского звена, 16% - среднего, 25% − младшего и 28% − являлись медицинскими специалистами [8, с. 12].

Пленум Верховного Суда Российской от 06.11.2009 Федерации принял постановление № 19 «О судебной практике по делам о злоупотреблении должностными полномочиями и о превышении должностных полномочий», в котором определил организационно-распорядительные функции медицинских работников.

Помимо традиционных функций внутреннего управления (управление медицинским коллективом, подбор кадров, наложение дисциплинарных взысканий и т.п.), названы полномочия по принятию решений, имеющих юридическое значение и влекущих определенные юридические последствия (выдача медицинским работником листка временной нетрудоспособности, установление факта наличия у гражданина инвалидности и др.)

В действующем законодательстве должностными лицами в сфере здравоохранения являются главный врач и его заместители, заведующие отделениями, главные и старшие медсестры, а также дежурные врачи во время дежурства, если в их обязанности входит осуществление указанных функции, например, организационно-распорядительных.

Таким образом, с учетом постановления Пленума Верховного Суда Российской Федерации от 16 октября 2009 г. № 19, которое расширило трактовку организационно-распорядительных функций, врачей также можно относить к категории лиц, совершающих должностные преступления, однако вопрос об остальных медицинских работниках остался открытым. Если врач, не получив ожидаемого вознаграждения, не назначит КТ (компьютерную томографию) легких, или не выпишет эффективное дорогостоящее лекарство, больной может умереть либо его состояние усугубится, что повлечет дополнительные расходы на лечение и более длительное нахождение на «больничном режиме». В этом контексте, думается, было бы логично отнести к организационно-распорядительным функциям любые действия и решения медработников, влекущие юридические последствия.

Согласимся с мнением П.С. Яни в том, что «Если субъект занимает должность, в связи с которой он обладает правом совершать по службе юридически значимые действия, влекущие определенные правовые последствия, то он, следовательно, выполняет организационно-распорядительные или административно-хозяйственные функции и является должностным лицом либо лицом, выполняющим управленческие функции» [9, с. 54].

Выход из данной ситуации видится в двух направлениях:

1) воспользоваться советским опытом: в УК РСФСР 1960 г. для не должностных лиц, осуществляющих профессиональные, а не служебные обязанности, была предусмотрена ст. 156 «Получение незаконного вознаграждения от граждан за выполнение работ, связанных с обслуживанием населения…» и предложить в УК РФ научно-обоснованную, отвечающую современным условиям и юридическим конструкциям норму о таком виде ответственности.

2) Определить возможность такой ответственности через рекомендации Пленума Верховного Суда РФ.

Коррупция в условиях пандемии неизбежно подрывает антиковидные меры и лишает людей медицинской помощи, которая в настоящее время стала главным государственным приоритетом. В 2020 году генеральный секретарь ООН Антонио Гутерриш признал, что «реакция на вирус создает новые возможности для использования слабого надзора и недостаточной прозрачности, отвлекая средства от людей в час наибольшей нужды». Covid-19 напомнил миру о том, что глобальное здоровье должно быть национальным приоритетом каждой страны и вопросы обеспечения безопасности данного направления деятельности должны находится под пристальным вниманием правоохранительной деятельности.

**Использованная литература**

1. Варыгин, А.Н. Преступность работников сферы здравоохранения и ее тенденции // Пробелы в российском законодательстве. - 2008. - № 2. - С. 260-262.

2. Деловой журнал об индустрии здравоохранения // [Электронный ресурс] - Режим доступа: URL: https://vademec.ru/news/2019/04/02/kolichestvo-ugolovnykh-del-protiv-vrachey-vyroslo-pochti-na-25/ (дата обращения: 04.03.2021).

3. Сидоренко, Э.Л. Состояние и динамика бытовой коррупции в Российской Федерации // Журнал российской юстиции. - 2017. - № 6. - С. 154 – 167.

4. Ищук, Я.Г. Коррупция: вопросы теоретического осмысления // Академическая мысль. - 2018. - № 1. - С. 45-50.

5. Судебные и нормативные акты РФ // [Электронный ресурс] - Режим доступа: URL: https://sudact.ru/practice/po-korrupcionnym-prestupleniyam-po-vzyatochnichest/ (дата обращения: 10.09.2021).

6. Ищук, Я.Г., Руденко, А.С., Чистотина, О.Н. Противодействие коррупции в органах внутренних: учебное издание / Я.Г. Ищук, А.С. Руденко, О.Н. Чистотина. - Рязань, 2017. - 86 с.

7. Карта коррупционных рисков Федеральной службы по надзору в сфере здравоохранения и мер по их минимизации: приказ Росздравнадзора от 22.12.2017, № 10601 // Справочная правовая система «КонсультантПлюс (дата обращения: 09.03.21).

8. Крылова, Е.С., Бильданова, Л.И. Актуальные вопросы уголовной ответственности медицинских работников за получение взятки и незаконного вознаграждения // Ученые записки Казанского юридического института МВД России. - 2019. - № 4. - С. 9-15.

9. Яни, П.С. Споры о квалификации взяточничества: позиция Пленума Верховного Суда РФ // Законодательство. - 2001. - № 6. - С. 50-58.

10. Новости. Первый канал // [Электронный ресурс] - Режим доступа: URL: https://www.1tv.ru/news/2021-03-21/403510-gubernator_penzenskoy_oblasti_ivan_belozertsev_zaderzhan_po_podozreniyu_v_poluchenii_vzyatki (дата обращения: 04.06.2021).

## References

1. Varygin, A.N. Crime in healthcare workers and its trends // Gaps in Russian legislation. - 2008. - No. 2. - P. 260-262.

2. Business magazine about the healthcare industry // [Electronic resource] - Access mode: URL: https://vademec.ru/news/2019/04/02/kolichestvo-ugolovnykh-del-protiv-vrachey-vyroslo-pochti-na -25/ (date of access: 03/04/2021).

3. Sidorenko, E.L. State and dynamics of everyday corruption in the Russian Federation // Journal of Russian Justice. - 2017. - No. 6. - P. 154 - 167.

4. Ischuk, Ya.G. Corruption: questions of theoretical understanding // Academic thought. - 2018. - No. 1. - P. 45-50.

5. Judicial and regulatory acts of the Russian Federation // [Electronic resource] - Access mode: URL: https://sudact.ru/practice/po-korrupcionnym-prestupleniyam-po-vzyatochnichest/ (date of access: 09/10/2021).

6. Ishchuk, Ya.G., Rudenko, A.S., Chistotina, O.N. Countering corruption in internal organs: educational publication / Ya.G. Ischuk, A.S. Rudenko, O.N. Purity. - Ryazan, 2017. - 86 p.

7. Map of corruption risks of the Federal Service for Surveillance in Healthcare and measures to minimize them: order of Roszdravnadzor dated December 22, 2017, No. 10601 // Reference Legal System “ConsultantPlus” (date of access: 09.03.21).

8. Krylova, E.S., Bildanova, L.I. Actual issues of criminal liability of medical workers for receiving bribes and illegal rewards // Scientific notes of Kazan Law institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2019. - No. 4. - P. 9-15.

9. Yani, P.S. Disputes about the qualification of bribery: the position of the Plenum of the Supreme Court of the Russian Federation // Legislation. - 2001. - No. 6. - P. 50-58.

10. News. Channel One // [Electronic resource] - Access mode: URL: https://www.1tv.ru/news/2021-03-21/403510-gubernator_penzenskoy_oblasti_ivan_belozertsev_zaderzhan_po_podozreniyu_v_poluchenii_vzyatki (date of access: 06/04/2021).

**ТДУ 343.326**

# МУШКИЛОТИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВАТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

# ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ

# PROBLEMS OF LEGAL REGULATION AND IMPROVEMENT OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF ANTI-CORRUPTION



ШАРИФЗОДА Ш.М.
SHARIFZODA SH.M.
*Омӯзгори калони кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети№ 1-уми АкадемияиВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Старший преподователь кафедры  организации управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академиии МВД Республики Таджикистан*
*Senior Lecturer of the Department of Law Enforcement Management, Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*
E-mail: sharifzodashm@gmail.com

*Тахассуси илмӣ:* 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.

*Scientific specialty*: 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Тақриздиҳанда:* САФАРЗОДА Ҳ.С. – сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия.

*Рецензент:* САФАРЗОДА Х.С. – начальник факультета № 2 Академии МВЛ Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции.

Reviewer: SAFARZODA KH.S. - Head of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, colonel of militia.

*Аннотатсия:* Мақола ба масъалаи рушди қонунгузории зиддикорупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият бахшида шудааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба муқовимат ба коррупсия нигаронида шудаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, зарурати татбиқи  тавсияҳои санадҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

*Вожаҳои калидӣ:* муқовимат, коррупсия, қонунгузории зиддикорупсионӣ, фаъолияти зиддикорръупсионӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ.

*Аннотация:* Статья посвящена исследованию развития антикоррупционного законодательства Республики Таджикистан в период независимости. Анализируются законодательные акты, направленные на противодействие коррупции, подчеркивается необходимость имплементации законодателем Республики Таджикистан рекомендаций международных актов в сфере противодействия коррупции.

*Ключевые слова:* коррупция, антикоррупционное законодательство, антикоррупционная деятельность, коррупционные преступления.

*Annotation:* The article is devoted to the study of the development of anti-corruption legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence. Legislative acts aimed at combating corruption are analyzed, the need for the legislator of the Republic of Tajikistan to implement the recommendations of international acts in the field of combating corruption is emphasized.

*Key words:* corruption, anti-corruption legislation, anti-corruption activities, corruption crimes.

Таъсири манфии коррупсия ҳамчун падидаи ғайриқонунӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти давлат - сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ манфӣ ба назар мерасад. Коррупсия дорои оқибатҳои ниҳоят хатарнок мебошад ва яке аз мушкилоти асосии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2014 қайд намуданд, ки «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад» [1].

Яке аз ҷузъи муҳимми низоми пешгирии коррупсия, пеш аз ҳама, қонунгузории зиддикоррупсионӣ мебошад, ки аз ҳолати рушди он самаранокии ин фаъолият вобастагии зиёд дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсияро як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки ба онҳо, пеш аз ҳама, дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 [2]; Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3]; Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4]; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия [5]; «Дар бораи хизмати давлатӣ» [6]; «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда ва маблағгузории терроризм», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [9], «Дар бораи амният» [11], инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [7] ва дигар санадҳои меёърии ҳуқуқии ҷумҳурӣ заминаи асосии муқовимат ба коррупсияро ташкил дода, ҳамаи ин санадҳо ба пешгирӣ ва муқовимат ба рафтори коррупсионӣ нигаронида шудаанд.

Ғайр аз қонунҳои зикргардида, мутобиқи стратегия барои Тоҷикистон стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, пеш аз ҳама, талаботи Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда дар мадди аввал бояд баррасӣ гарданд [12].

Асосии ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мебошад. Қонун принсипҳои асосии мубориза ба коррупсияро муайян намуда, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии чораҳои пешгирии коррупсия, самтҳои асосии фаъолият оид ба баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба коррупсия ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар қонуни мазкур принсипҳои гуногуни мубориза ба коррупсия, пеш аз ҳама, ҳадафҳои гуногуни он ба таври зайл пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла:

а) фаъолияти зидди коррупсия бо истифодаи чораҳои ҷазо ва пешгирикунанда асос ёфтааст;

б) ин принсипҳо бисёрҷанба мебошанд, зеро онҳо нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти муқовимат ба коррупсия (мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони алоҳида) нигаронида шудаанд.

Моддаи 14 қонуни мазкур чунин чораҳо оид ба пешгирии коррупсияро пешбинӣ менамояд: тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ; таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ; таҳлили хавфҳои коррупсионӣ; мониторинги зидди-коррупсионӣ; экспертизаи зидди-коррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; чораҳои назорати давлатии молиявӣ; талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор; мамониат барои таъйин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда; ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда. Уҳдадории риояи ин қонун ба зиммаи тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, кормандони шахсони мансабдори давлатӣ гузошта шудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки бо мақсади ташкили мубориза бар муқобили коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёд қабул гардиданд, инчунин барномаҳои миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа низ ташаккул дода шудаанд. Масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июли соли 1999 № 1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзур намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахурӣ)». Соли 2008 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ба муқобили коррупсия, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он 31-уми октябри соли 2003 ҳамроҳ гардидааст, аз ҷониби Парламенти Тоҷикистон - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шуд. Дар заминаи ин санади байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор гардид, ки қонунгузории худро ба Конвенсияи мазкур мутобиқ намуда, мақомоти махсуси муборизабаранда бо коррупсияро таъсис диҳад.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. 20-уми марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [13] ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми сентябри соли 2007 № 414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» қабул гардид.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2008, № 34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 ба тасвиб расид. Ҳамзамон қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2010 № 864 «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2010 № 431 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» ҳамчун ҳуҷҷатҳои кӯтоҳмуддати давлатӣ дар радифи Стратегия ва идомаи мантиқии муқаррароти асосии он ба мукам-малгардонии сиёсати зиддикоррупсионӣ такони ҷиддӣ бахшид. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми феврали соли 2011 № 1021 Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 қабул гардид, ки ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия, баҳри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида буд.

Муқаррароти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) оид ба мубориза бо коррупсия аз 31-уми

октябри соли 2003 (14-уми октябри соли 2005 эътибор пайдо кардааст) рӯйхати чунин ҷиноятҳои коррупсиониро мушаххас намудааст [14, с. 19]. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тасвиби ин санад ухдадор гардид, ки муқаррароти санади байналмилалии мазкурро дар қонунгузории миллии худ татбиқ намояд. Аммо, то ба имрӯз қонунгузории мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои мубориза бо коррупсияро дар бар мегиранд, на ҳама муқаррароти Конвенсияро ба инобат гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон дар сурати фаъолона татбиқ намудани муқаррароти меъёрҳои Конвенсияи мазкур метавонад ба рушди қонунгузории зиддикоррупсионӣ миллӣ таъсир ҷиддӣ расонад ва самаранокии қонунгузориро дар пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дучанд гардонад. Дар натиҷаи муқоисаи муқаррароти асосии Конвенсияи СММ ва қонунгузории миллии зидди коррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро қайд намудан зарур аст, ки дар м. 2 Конвенсияи СММ «Зидди коррупсия» муқаррар карда шудааст, ки: «мансабдори расмии давлатӣ» шахсони таъингардида ё интихобгардидае мебошанд, ки дар мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлатӣ ягон вазифаро бо музд ё иловапулии бе музд ишғол менамоянд. Дар асоси ин муқаррарот таърифи васеи мафҳуми шахси мансабдорро дар ҷиноятҳои коррупсионӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон овардан мумкин аст.

Инчунин ба андешаи мо, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ) мақомоти давлатӣ низ метавонанд, эҳтимолан ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кунанд, аммо дар эзоҳ шахсони мансабдоре, ки иҷрои вазифаҳои хизматрасониро иҷро мекунанд, инъикос карда нашудаанд.

Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани якрангӣ дар муайян кардани мақоми мансабдорон дар қонунҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси норавшании фаҳмиши ҳуқуқии онҳо ва ба вуҷуд овардани шубҳа оид ба таъйини ҷавобгарӣ барои амалҳои дорои хусусияти коррупсионӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар сатҳи қонунгузорӣ таълиф ва коркарди таърифи умумӣ, мушаххас ва возеҳ намудани шахси мансабдор зарур аст, ки он ба дигар меъёрҳои санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад. Ин, бешубҳа, дар пешгирӣ, саркӯб, ошкор ва тафтиши павандаҳо, инчунин риояи қатъии қонунҳо аз ҷониби шаҳрвандоне, ки ба таври возеҳ ва бидуни шубҳа муайян мегардад ва барои амалҳои коррупсионӣ кӣ метавонад, масъул бошад, нақши муҳим мебозад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ-байналмилалии коррупсияро ба инобат гирифта, баррасии татбиқи чунин мафҳумҳо, аз қабили дорошавии беасос, непотизм, протексионизм ва дигар меъёрҳои конвенсионӣ оид ба шаклҳои маъмули рафтори коррупсионии шахси мансабдор дар қонунгузории миллии ҷиноятӣ тавсия дода мешавад [15, с. 23 – 24].

Мавриди зикр аст, ки айни замон оид ба м. 20 Конвенсияи СММ зидди коррупсия баҳсҳо идома доранд. Моҳияти м. 20 «Дорошавии ғайриқонунӣ», мебошад, ки чунин муқаррароти муҳимро дар бар мегирад: «Ҳар як давлати аъзо бо дарназардошти риояи Конститутсия ва принсипҳои бунёдии низоми ҳуқуқии миллиашон, бояд тадбирҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро оид ба ҷиноят ва сазовори ҷазо эътироф намудани кирдорҳои қасдонаӣ дорошавии ғайриқонунӣ коркард намоянд, яъне афзоиши назарраси дороиҳои шахси мансабдори давлатӣ нисбат ба даромади қонунии ӯ, ки онро асоснок карда наметавонад».

Конвенсияи мазкурро Тоҷикистон 25-уми сентябри соли 2006 ба имзо расонида, он аз ҷониби палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон 16-уми апрели соли 2008 ба тасвиб расидааст, бинобар ин, тибқи м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бартарияти қонуни байналмилалии тасвибшударо эътироф мекунад аз рӯйи қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд, ба ин санади асосӣ мутобиқ карда шаванд [16].

Аммо бояд қайд, намуд, ки м. 20 Конвенсия хилофи қонунгузории амалкунанда, яъне, қ. 3 м. 15 Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) мебошад, ки тибқи он «Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд». Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай барои тарзҳои гуногуни дорошавии ғайриқонунӣ, аз ҷумла, дар боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият», боби 27 «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» ва фасли 13 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) асосҳо ва тартиби ҳабси амволе, ки дар натиҷаи ин гуна ҷиноятҳо ба даст омадаанд, м. 57 «Мусодираи молу мулк» муайян карда шудаанд.

Монеаи асосӣ дар мубориза вокеӣ бо коррупсия мавҷуд набудани меъёр дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои дорошавии ғайриқонунӣ муайян менамояд, мебошад. Масалан, вақте, ки шахсони мансабдор наметавонад, манбаи сарвати худро асоснок намоянд. Чунин даромадҳо, ки манбаи пайдоишашон маълум нест, аксар вақт натиҷаи ришва, азхудкунӣ, дуздӣ, қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят ба даст омада ё қаллобӣ буда, гувоҳи рафтори коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Тавре дар Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 қайд гардидааст, «Дар бахши криминализатсияи коррупсионӣ (муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ) тағйир додани муқаррароти дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқ ё мутобиқ овардани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба муқаррароти Конвенсия СММ зидди коррупсия мебошад».

Бинобар ин, ба андешаи мо, дорошавии қасдонаи ғайриқонуниро криминализатсия намудан зарур аст. Инчунин, дар моддаи мазкур чунин эзоҳотро илова намудан мувофиқи мақсад мебошад.

1. Афзоиши назарраси дороиҳо дар моддаҳои қайдгардида ҳаҷми пул, арзиши коғазҳои қиматнок, амволи дигар ё фоидаи хусусияти амволӣ ё ғайримулкӣ эътироф карда мешавад, ки аз нишондиҳандаи ҳисобшудаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти содир кардани ҷиноят аз се ҳазор маротиба зиёд аст.

2. Амали дар ин модда пешбинишуда дар ҳаҷми калон содиршуда эътироф карда мешавад, агар миқдори пул, арзиши коғазҳои қиматнок, амволи дигар ё фоидаи хусусияти амволӣ ё ғайримолумулки дошта аз нишондиҳандаи ҳисобшудаи муқаррарнамудаӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти содир кардани ҷиноят панҷ ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Қайд намудан зарур аст, ки чунин раванди криминализатсия бояд бо назардошти хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад. Қадами аввал дар ин самт ин аз ҷониби давлат муқаррар намудани ӯҳдадориҳои қонунии хизматчиёни давлатӣ ва шахсони дигар оид ба додани ҳисобот на танҳо дар бораи даромадҳо, балки инчунин оид ба хароҷотҳо мебошад.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба КҶ ҶТ моддаи 269[1] дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«Моддаи 269[1]. Дорошавии ғайриқонунӣ

1) Афзоиши назарраси дороиҳои шахси мансабдор нисбат ба даромадҳои қонунӣ, ки ӯ манбаи бадастовардани онҳоро асоснок карда наметавонад,

...ҷазо дода мешавад

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) ба миқдори калон анҷом дода шуда бошад,

б) аз тарафи намояндаи ҳокимият бо истифодаи вазифаҳои хизматӣ,

...... ҷазо дода мешавад».

Эзоҳ.

1) Афзоиши назарраси дороиҳо дар моддаҳои қайдгардида ҳаҷми пул, арзиши коғазҳои қиматнок, амволи дигар ё

фоидаи хусусияти амволӣ ё ғайримулкӣ эътироф карда мешавад, ки аз нишондиҳандаи ҳисобшудаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти содир кардани ҷиноят аз се ҳазор маротиба зиёд аст.

2) Амали дар ин модда пешбинишуда дар ҳаҷми калон содиршуда эътироф карда мешавад, агар миқдори пул, арзиши коғазҳои қиматнок, амволи дигар ё фоидаи хусусияти амволӣ ё ғайримолумулкидошта аз нишондиҳандаи ҳисобшудаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти содир кардани ҷиноят панҷ ҳазор маротиба зиёдтар бошад».

Аз ҷумла, бо ҳамин мақсад ба Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» илова намудани таърифи истилоҳи «Дорошавии ғайриқонунӣ» зарур аст. Аз ҷумла, ба м. 1 «Мафҳумҳои асосӣ», дар б. 5 мафҳуми дорошавии ғайриқонунӣ дар таҳрири зерин илова кардан мувофиқи мақсад мебошад: «Дорошавии ғайриқонунӣ - афзоиши назарраси дороиҳо (амволи) шахси мансабдор дар муқоиса аз даромадҳои қонунии ӯ, ки манбаи ба дастовардани онҳоро асоснок карда наметавонад». Ҳамзамон зарур аст, ки дар доираи эъломияҳои солона аз шахсони мансабдор ба таври ҳатмӣ тавзеҳот оид ба манбаҳои ба даст овардани дороиҳо (амвол) вобаста ба арзиши воқеии онҳо пешбинӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, коррупсия маҷмӯи намудҳои гуногуни амалҳои барои ҷомеа хавфнок (ҳам дар ҳаракат ва ҳам беҳаракати зоҳир мегарданд), мебошанд, ки на танҳо ба дорошавии ғайриқонунии шахси мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот иҷро мекунанд, бо роҳи ба даст овардан амвол, хидматҳои моддӣ ё манфиатҳо, балки, инчунин, ба даст овардани бартарии ғайриқонунӣ аз ҷониби онҳо дар натиҷаи суиистифода аз таъсири воқеӣ ё амалҳои онҳо оварда мерасонад.

Мувофиқи м. 26 Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия, ҳар як давлати ширкаткунанда бо назардошти принсипҳои конунгузории миллӣ барои муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва граждании шахсони ҳуқуқӣ барои иштирок дар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионӣ дошта чораҳо меандешад. Аз ин рӯ, мубориза бо коррупсия на танҳо бо шахсони воқеӣ, балки шахсони ҳуқуқиро низ дар бар мегирад ва бо ин муайян мекунад, ки дар ҷомеа ягон субъекти ҳуқуқ беҷазо намонад. Аммо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро барои амалҳои дорои хусусияти коррупсионӣ дошта пешбинӣ намекунад.

Конвенсияи СММ зидди коррупсия чунин кирдорҳои дорои хусусияти коррупсиониро муайян ва номбар мекунад: - м. 15 «ришвадиҳӣ ба мансабдорони давлатӣ»; - м. 16 «ришвадиҳӣ ба шахсони мансабдори давлатии хориҷии шахсони мансабдори ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ»; - м. 17 «тасарруф, азхудкунӣ ё истифодаи дигари ғайримақсадноки амвол аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ»; - Моддаи 18 «сӯиистифода аз ҳокимият бо мақсадҳои ғаразнок»; - м. 19 "сӯиистифода аз мақоми хизматӣ"; - м. 20 «ғанисозии ғайриқонунӣ»; - м. 21 «ришвадиҳии тиҷоратӣ»; - м. 22 «тасарруфи моликитяи хусусӣ»; - м. 23 «қонунигардонидани даромад аз ҷиноятҳо»; - м. 24 «пинҳон кардан»; - м. 25 «монеа шудан ба адолатии судӣ».

Кирдорҳои коррупсионии дар КҶ ҶТ муқаррargардидаро муқоиса намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бештари кирдорҳои дар Конвенсия овардашударо дар бар намегирад. Дар КҶ ҶТ чунин аломатҳои ҷиноят, аз қабили ришвадиҳӣ ба шахсони мансабдори давлатии хориҷӣ ё шахсони мансабдори ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, азхудкунии моликияти хусусӣ аз ҷониби шахси мансабдор ҷой надоранд. Ба андешаи мо, муқаррар намудани ҷиноятҳои зикргардида дар КҶ ҶТ ба таснифи мушаххаси чунин ҷиноятҳо мусоидат мекунад, ки ин барои самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ зарур мебошад.

Тибқи м.м. 32 ва 33 Конвенсия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои иштирокчии Конвенсия бояд ҳимояи муассири аз таҳдидҳо алайҳи шоҳидон ва коршиносонро таъмин кунанд, ки дар робита бо ҷиноятҳои коррупсионӣ нишодод медиҳанд ва дар ҳолатҳои дахлдор нисбати хешовандон ва дигар шахсони ба онҳо наздик чунин чораҳоро татбиқ намоянд;

- муқаррар кардани тартиби муҳофизати чунин ашхос, масалан, ба ҷои дигар кӯчонидани онҳо ва қабули чунин муқаррароте, ки дар ҳолатҳои мувофиқ ба паҳн накардани иттилоот дар бораи чунин шахсон ё маълумот имкон медиҳанд;

- қабули қоидаҳои исботнамоие, ки ба шоҳидон ва коршиносон имкон медиҳанд, ки далелҳо ва нишондодҳоро тавре пешниҳод кунанд, ки амнияти чунин ашхосро таъмин кунанд, масалан, иҷозати додани дастур тавассути васоити мувофиқи алоқа ё чунин иртибот, ба монанди видеоалоқа.

Дар айни замон, чунин намудҳои ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ қисман ҳал гардидааст. Қоидаҳои умумие истифода мегарданд, ки маҳдуд кардани ифшои маълумоти зарурӣ ва тадбиқи чораҳоро барои ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танзим мекунанд.

Дар қ. 1 м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» омадааст, ки бо қарори мақоме, ки чораҳои амниятиро татбиқ мегардонад, мумкин аст додани маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда аз сарчашмаҳои иттилооту маълумотдиҳии давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо манъ карда шавад, инчунин мумкин аст рақамҳои телефон ва нишонаҳои бақайдгирии давлатии воситаҳои нақлиёти аз ҷониби ӯ истифодашаванда ё ба ӯ тааллуқдошта тағйир дода шаванд.

Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки масъалаи муҳофизати шахсии шахсоне, ки дар пешгирӣ ва ифшои ҷиноятҳои коррупсионӣ кумак расонидаанд, мушаххастар ҳал карда шавад.

Муқаррароти Конвенсия дар бораи қабули чораҳо оид ба муқаррар намудани талабот ба ташкилотҳои молиявӣ, барои тафтиши шахсияти муштариён, андешидани чораҳои оқилона барои муайян кардани шахсияти ҳаммоликон, манфиатгирон аз суратҳисобҳои бо ҳаҷми маблағи калон гузошташуда ва амалӣ намудани чораҳои назорат нисбати суратҳисобҳо дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беинтизом боқӣ мемонад. Чунин чораҳои назорат барои муайян кардани амалҳои шубҳанок бо мақсади ба ташкилотчиёни салоҳиятдор пешниҳод намудани маълумот дар бораи онҳо бояд тарҳрезӣ гарданд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, зарур аст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи фаъолитяи бонкӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки масъалаи мазкурро ба танзим медароранд, тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Дар айни замон, қонунҳои дар боло зикршуда танзими ҳуқуқии марбут ба чораҳои назоратро нисбат ба ҳама гуна амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ таҳия накардаанд. Сарфи назар аз аҳаммияти сирри бонкӣ, ҳангоми парвандаи ҷиноӣ дар робита бо ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, дар чаҳорчӯбаи низоми ҳуқуқии дохилии худ механизмҳои муносиб барои бартараф кардани монеаҳое, ки дар натиҷаи татбиқи қонун дар бораи сирри бонк ба миён омада метавонанд, таъмин намояд.

Мувофиқи м. 50 Конвенсия, бо мақсади мубориза самаранок бар зидди коррупсия ҳар як давлати ширкат-кунанда, ба дараҷае, ки ба он принсипҳои асосии низоми дохилии ҳуқуқии он иҷозат медиҳад ва бо шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории дохилӣ, дар доираи имкониятҳои худ чунин тадбирҳоро меандешад, ки барои истифодаи дурусти таҳвилҳои назоратшаванда аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори маводи таҳти назорат қарордошта ва дар ҳолатҳое, ки ӯ онро мувофиқи мақсад мешуморад, истифодаи усулҳои дигари махсуси тафтишот, аз

қабили мушоҳидаи электронӣ ё дигар шаклҳои мушоҳида, инчунин амалиёти пинҳонӣ мустақилона, бо мақсади пешниҳоди далелҳои бо ёрии чунин усулҳо ҷамъоваришуда.

Асоси ҳуқуқии мубориза бо коррупсия, инчунин қоидаҳои миллие мебошанд, ки баъзе намудҳои рафтори коррупсиониро ғайриқонунӣ эътироф мекунанд. Дар робита ба афзоиши хатари ҷамъиятии ҷиноятҳои коррупсионӣ, пеш аз ҳама, сухан дар бораи қонунгузории ҷиноятӣ меравад, алахусус санадҳои байналмилалии дар боло зикршудае, ки усулҳои ҷиноӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро ба танзим медароранд. Маҳз қонунгузории ҷиноятӣ дар мубориза бо коррупсия нақши муҳим мебозад.

Инчунин, ҳангоми омӯзиши заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд кард, ки яке аз санади асоси барномавии сиёсати зидди коррупсия Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки соли 2008 қабул шуда, соли 2013 дубора нашр шудааст. Ин Стратегия як низоми доимо такмилёфтаи чорабиниҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва кадрӣ бо дарназардошти сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба рафъи сабабҳои асосии коррупсия дар ҷомеа равона карда шудааст ва аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ пайваста амалӣ карда мешавад. Ҳадафи ин барнома пешгирии коррупсия дар байни мансабдорон, мақомоти давлатӣ, дар бахши хусусӣ, дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, инчунин таблиғи ғояҳои адолат ва рушди шаффофият мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи Стратегияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерин пайваста ҳал карда мешаванд:

а) Пешгирии коррупсия тавассути таҳкими хадамоти одилона, масъулиятнок, шаффофи давлатӣ, татбиқи принсипи «merit», ки асоси онро озмуни интихобӣ барои хизматчиёни давлатӣ берун аз манфиатҳои сиёсӣ бо назардошти сатҳи маълумотноки ва маҳорати номзадҳо ташкил медиҳад. Асоси ин принсип дар асри гузашта дар Иёлоти Муттаҳид гузошта шуда буд ва дар баъзе кишварҳо ҳанӯз ҳам эътибор дорад, гарчанде ки он тағироти гуногунро аз сар гузаронидааст.

б) Таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ, таҳияи намудҳои электронии хидматҳои давлатӣ ва беҳтар намудани дастрасии ба онҳо, эҳтироми ҳуқуқи муштариён, баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ.

в) Такмил додани идоракунӣ, назорат аз болои фаъолияти марбут ба буҷа, молия, аудит, таъмини шаффофият, баланд бардоштани масъулият барои тақсимоти буҷа, сармоягузориҳои хориҷӣ ва қарзҳо.

г) Танзими ҳуқуқии назорати хариди давлатӣ ва такмили принсипи шаффофият ва адолат.

д) Тақвият додани адолат, шаффофият, мустақилияти мақомоти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, беҳтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия.

е) Тақвияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар пешгирии коррупсия.

ё) Иштирок ва масъулияти ҷомеа, ташкилотҳои ҷамъиятиро дар чорабиниҳо оид ба пешгирии коррупсия баланд мебардоранд, ташаббус ва фаъолиятро дастгирӣ мекунанд.

ж) Татбиқи қонунгузории кафолати ҳуқуқи шаҳрвандонро барои гирифтани маълумот, баланд бардоштани одоби касбӣ ва масъулияти журналистон таъмин менамояд.

з) Ошкорбаёнӣ ва шаффофияти маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва интихоботро таъмин менамояд, дастнорас будани мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судиро аз манфиатҳои ғайриқонунӣ ва таъсири гурӯҳҳои сиёсӣ ва соҳибкорон таъмин менамояд.

и) Ғояи адолати судиро паҳн менамояд, қадамҳои зина ба чорабиниҳо оид ба маърифати ҷомеаро ташкил мекунад, донишро дар бораи коррупсия васеъ мекунад.

й) Дар доираи мубориза бо коррупсия ва пешгирии он, ҳамкориҳои

байналмилалиро рушд медиҳад, тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалиро амалӣ менамояд.

Ҷанбаҳои мусбати стратегия, ба андешаи мо, аз он иборатанд, ки он ба зарурати ошкоро ва дастрас будани мақомоти давлатӣ, хизматрасонии ҷамъиятӣ, ошкорбаёнии фаъолияти давлат дар тақсимоти буҷаи давлатӣ, хариди давлатӣ, кафолати ҳуқуқҳои баробар ба шаҳрвандон, баланд бардоштани адолат дар хизмати давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ, таблиғотӣ, тақвияти таъсири ахлоқӣ ва ғайра мусоидат менамояд. Аммо ин Стратегия тадбирҳоеро дар бар намегирад, ки ба муайянсозӣ, ҳабс ва аз қаламрави хориҷӣ баргардонидани суратҳисобҳои оффшории дороиҳо, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои марбут ба коррупсия ба даст оварда шудаанд, нигаронида шуда бошанд.

Ҳамин тавр, воситаи асосии давлат дар мубориза бо коррупсия заминаи дурусти меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия мебошад. Дар раванди ташаккули чунин заминаи ҳуқуқӣ, бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пурра ба назар гирифта шаванд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: URL:http://president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2013 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 37 с.

3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ] / Реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2020).

4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008 сол, таҳти №455 // [Захираи электронӣ] / Реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2020).

5. Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон«Дарбораи муқовиматбакоррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, № 1714 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи дастрасӣ: 16.08.2020 с.).

6. Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бора хизмати давлатӣ» аз 5-уми марти соли 207, № 233[Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ Legislation/233_tj.pdf (санаидастрасӣ: 11.02.2021 с.).

7. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013. № 492 // Махзани муттамаркази иттилоотии ҳуқуқии ҶТ «Адлия». 181 Шакли 7.0 // [Захираи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10. 2020 с.).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда ва маблағгузории терроризм» аз 25-уми марти соли 2011, № 86 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/684_tj.pdf (санаидастрасӣ: 11.02.2021 с.).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ» аз 25-уми марти соли 2011, № 687 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/687_tj.pdf (санаидастрасӣ: 11.02.2021 с.).

10.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палати ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми июни соли 2011, № 749 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/749_tj.pdf (санаидастрасӣ: 11.02.2021 с.).

11.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 2 августи соли 2011, № 751 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/721_tj.pdf (санаидастрасӣ: 11.02.2021 с.).

12.Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013, № 1504 // Махзани муттамаркази иттилоотии ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли 7.0.

13.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/374_tj_0.pdf (санаидастрасӣ:11.02.2021 с.).

14.Формирование навыков и умений антикоррупционного поведения у сотрудников и

государственных гражданских служащих органов внутренних дел: курс лекций. - М.: ДГСК МВД России, 2011. – 190 с.
15. Коррупция: природа, проявления, противодействие: монография / под ред. Т.Я. Хабриевой. - М.: Юриспруденция, 2012. – 688 с.
16. Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции: Принята Генеральной Ассамблеей ООН на 51-м пленарном заседании 31 октября 2003 года // СПС «Консультант плюс».
17. Постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 16 апреля 2008 года № 952 «О ратификации Конвенции Организации Объединенных Наций против коррупции» // Ахбори Маджлиси Оли РТ, 2008 г. № 4 ст.330.

**References**

1. Address of the President of the Republic of Tajikistan to the MajlisiOli of the Republic of Tajikistan from 26.01.2021 // [Electronic Reserve]. - Access source: URL: http://president.tj/node/25005 (application date: 03/05/2021).
2. Constitutions of the Republic of Tajikistan from November 6, 1994 with the amendments on September 26, 1999, June 22, 2013 and May 22, 2016 (in Tajik and Russian languages). - Dushanbe: Ganj, 2016. - 37 p.
3. Criminal Code of the Republic of Tajikistan // [Electronic resource] / Source: URL: http://mmk.tj (application date: 20.10.2020).
4. Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan from 31.12.2008, under №455 // [Electronic resource] / Source: URL: http://mmk.tj (application date: 20.10.2020).
5. Law of the Republic of Tajikistan "On Combating Corruption" from August 7, 2020, № 1714 // [Electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (access date: 16.08.2020).
6. Law of the Republic of Tajikistan “On civil service” from March 5 207, № 233 // [Electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/ Legislation / 233_tj.pdf (access date: 11.02.2021).
7. Concept of criminal legal policy of the Republic of Tajikistan from November 2, 2013, № 492 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". 181 Figure 7.0 // [Electronic resource]. Access Source: URL: http://www.adlia.tj (application date: 20.10. 2020).
8. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Money Laundering and Terrorist Financing” from March 25, 2011, № 86 // [electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/Legislation/684_tj.pdf (access date: 11.02.2021).
9. Law of the Republic of Tajikistan "On search operations" from March 25, 2011, № 687 // [Electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/Legislation/687_tj.pdf (access date: 11.02.2021).
10. Law of the Republic of Tajikistan “On the Chamber of Accounts of the Republic of Tajikistan” of June 28, 2011, № 749 // [Electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/Legislation/749_tj.pdf (access date: 11.02.2021).
11. Law of the Republic of Tajikistan “On Security” from August 2, 2011, № 751 // [Electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/Legislation/721_tj.pdf (access date: 11.02.2021).
12. Anti-corruption strategy in the Republic of Tajikistan for 2013-2020; Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated August 30, 2013, № 1504.
13. Law of the Republic of Tajikistan “On the Agency for State Financial Control and Combating Corruption of the Republic of Tajikistan” // [Electronic resource]. - Access mode: http://mmk.tj/system/files/Legislation/374_tj_0.pdf (access date: 11.02.2021).
14. Formation of skills and abilities of anti-corruption behavior in employees and state civil service internal affairs: a course of lectures. - M.: DGSK MVD of Russia, 2011. – 19op.
15. Corruption: nature, manifestations, opposition: monograph / ed. T.Ya. Khabrieva. – M.: «Jurisprudence», 2012. – 688 p.
16. Convention of the United Nations against Corruption. Adopted by the UN General Assembly at the 51st plenary session on October 31, 2003 // SPS "Consultant Plus".
17. Resolution of the MajlisiNamoyandagon of the MajlisiOli of the Republic of Tajikistan from April 16, 2008, № 952 "On ratification of the Conventions of the Organized Nations against Corruption" // Akhbori Majlisi Oli RT, 2008. № 4 Art.330.

**ТАРТИБИ**
**ҚАБУЛИ МАВОД БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ**
**«ОСОРИ АКАДЕМИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

Мақола ба шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди чопӣ ва ё ин ки электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар маҷаллаи илмӣ мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмие, ки ба тахассусҳои илмии соҳаи ҳуқуқии зерин: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ; 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ; 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ; 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти экспертӣ-судӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд, чоп мешаванд.

Мақола бояд дорои аннотатсия, вожаҳои калидӣ ва рӯйхати адабиёт бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошад.

Номи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ҳуруфи **сиёҳ** ва **БО ҲАРФҲОИ КАЛОН,** бе сархат ва дар мобайни матн ҳуруфчинӣ карда мешавад.

Ба мақола бояд маълумот дар бораи муаллифон ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ишораи Н.Н.П., ҷойи кор (номи ташкилот), вазифаи ишғолкарда, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ ва суроғаи почта (хизматӣ), ҳамчунин суроғаи электронӣ замима шаванд.

Мақола бояд бо расми муаллиф (-он) ва ному насаби муаллиф ба файл ҳамроҳ карда шавад, мисол: Раҷабов Н. JPG.

Мутобиқи мавзӯи мақола муаллиф **УДК**-и онро нишон медиҳад.

Шакли электронии мақола дар намуди файли MS Word дар андозаи ***. doc** боядмутобиқат кунад.

Файл бояд дорои ному насаби муаллиф (-он) бошад, *мисол:* Раҷабов Н. **doc**, Раҷабов-Собиров. **doc**

Ба мақола ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

1) иқтибос аз протоколи ҷаласаи кафедра (дар сурати будани он аз ҷойи кори муаллиф) бо тавсия барои чоп;

2) хулосаи экспертӣ дар бораи надоштани маълумоти барои чопи оммавӣ манъшуда, бо муҳри нишонии муассиса тасдиқшуда;

3) тақриз аз ҷониби мутахассисе, ки дорои дараҷаи илмии доктор ё номзади илм (агар муаллиф(он) номзад, унвонҷӯ, аспирант ё адъюнкт) бошад, имзои муқарриз бояд ки аз ҷониби дастгоҳи кадрии ҷойи кори асосии онҳо (бо муҳри муассиса) тасдиқ шуда бошад.

Ҳаҷми мақола бояд на кам аз 5 ва на зиёд аз 20 саҳифа (барои докторон ва номзадҳои илм) ва на зиёда аз 12 саҳифа (барои докторантон, унвонҷӯён ва адъюнктон) бошад. Рақамгузории саҳифаҳо гузошта намешавад.

Мақола бояд бо ҳарфҳои муқаррарӣ, дар шакли электронӣ бо гарнитураҳои Times New Roman Tj, Times New Roman бо фосилаи байнисатрии ягона (одинарный) ҳуруфчинӣ шуда бошад. Фосилаи сархат бояд ки якхела ва баробар ба **1,25 см**. бошад.

Андозаи ҳуруфи асосӣ бояд ба **14** баробар бошад**.**

Рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қавсҳои мураббаъ оварда мешаванд, *масалан:* «Ҳамчунон ки аз ҷониби К.Ҳ.Солиев ишора гардидааст [2, с. 34-40], чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…».

Рӯйхати адабиёт бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии «Иқтибоси библиографӣ» мураттаб гардад.

Рӯйхати адабиёти истифодашудае, ки муаллиф ба он такя мекунад, дар охири мақола оварда мешавад. Поварақ (ҳам дар дар зери ҳар саҳифа ва ҳам дар охири ҳар мақола) **иҷозат дода намешавад.**

Ҳамаи мақолаҳо аз системаи «Антиплагиат. ВУЗ» гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 70% кам бошад.

Мақолаҳо ва маводи чопӣ ба суроғаи 734012, ш.Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, 3, тел: +(992) 2262892 ва ё тариқи суроғаҳои интернетии E-mail: tam300986@mail.ru, k.lila-73@mail.ru ирсол карда шаванд.

# Порядок
## принятия материалов в научный журнал «Труды Академии МВД Республики Таджикистан»

Статья представляется в организационно-научный и редакционно-издательский отдел Академии МВД Республики Таджикистан в печатном и/или электроном варианте.

В научном журнале печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований, соответствующие следующим научным специальностям и соответствующим им отраслям науки: 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве; 12.00.02 – Конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право; 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право; 12.00.09 – Уголовный процесс; 12.00.11 – Судебная деятельность, прокурорская деятельность, правозащитная и правоохранительная деятельность; 12.00.12 – Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.

Статья и печатные материалы должны быть снабжены аннотациями, ключевыми словами и списком литературы на таджикском, русском и английском языках.

Название статьи набирается на таджикском, русском и английском языках **полужирным шрифтом ЗАГЛАВНЫМИ БУКВАМИ** без абзацного отступа и центрируется относительно полосы набора.

К статье должна быть приложены сведения об авторе(ах) на русском, таджикском и английском языках с указанием Ф. И. О., места работы (название организации в именительном падеже), занимаемой должности, учёной степени, учёного звания и полного почтового (служебного и домашнего) адреса, а также **адреса электронной почты**.

Статья должна быть снабжена фотографией автора(-ов); иметь в названии файла фамилию автора, *например,* Раджабов Н. JPG.

В соответствии с тематикой статьи автором указывается её **УДК.**

Электронная версия статьи представляется в виде файла MS Word в формате ***. doc**

Файл должен иметь в названии фамилию автора (-ов), *например,* Раджабов Н. doc, Раджабов-Собиров. doc.

К статье прилагаются следующие документы:

1) выписка из протокола заседания кафедры (при ее наличии по месту работы автора) с рекомендацией к опубликованию;

2) экспертное заключение об отсутствии сведений, запрещенных к опубликованию в открытой печати, заверенное гербовой печатью учреждения;

3) к статье должны быть приложены рецензии от специалиста, имеющего ученую степень доктора или кандидата наук (если автор(ы) статьи является кандидатами наук, соискателями, аспирантами или адъюнктами), подписи рецензентов должны быть заверены кадровым аппаратом по основному месту их работы.

Объем статьи должен быть не менее 5 и не более 20 страниц (для докторов и кандидатов наук) и 12 страниц (для докторантов, адъюнктов, соискателей). Номера страниц не проставляются.

Статья должна быть набрана шрифтом нормальной жирности, прямого начертания гарнитуры Times New Roman или Times New Roman Tj и с одинарным межстрочным интервалом. Абзацный отступ должен быть одинаков и равен **1,25 см**.

Кегль (размер) основного шрифта должен быть равен **14 пунктов**;

Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в квадратных скобках, *например*: «Как указано К.Х.Солиевым [2, с. 34-40], данный эффект проявляется при …».

Список использованной литературы должен быть оформлен в соответствии с ГОСТ - «Библиографическая ссылка». Список использованной литературы, на которую ссылается автор, приводится в конце статьи. Сноски (как внизу каждой страницы, так и в конце статьи) **не допускаются.**

Все статьи проверяются через систему «Антиплагиат.ВУЗ». Доля оригинального текста должна быть не менее 70 %.

Статьи и печатные материалы направляются по адресу: 734012, г.Душанбе, ул. М. Мастонгулова, 3, тел: +(992) 226 28 92. E-mail: tam300986@mail.ru, k.lila-73@mail.ru.

**O R D E R**
**ADOPTION OF MATERIALS IN THE SCIENTIFIC JOURNAL**
**" PROCEEDINGS OF THE ACADEMY OF THE MIA OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN"**

The article is submitted to the Organizational-Scientific and Editorial-Publishing Department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan in printed and / or electronic versions.

The scientific journal publishes articles containing the results of scientific research, corresponding to the following scientific specialties and the branches of science corresponding to them: 12.00.01 - Theory and history of law and the state; history of the doctrine of law and the state; 12.00.02 - Constitutional law; constitutional litigation; municipal law; 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law; 12.00.09 - Criminal procedure; 12.00.11 - Judicial activities, prosecution activities, human rights and law enforcement; 12.00.12 - Criminalistics; forensic activities; operational search activity.

The article should be provided with annotations, key words and a list of literature in Tajik, Russian and English.

The title of the article is typed in Tajik, Russian and English in **bold in CAPITAL LETTERS**, with no indentation, and is centered on the dialing line.

The article should contain information about the author (s) in Russian, Tajik and English languages, indicating the name, place of work (name of the organization in the nominative case), position held, academic degree, academic title and full postal and home) addresses, as well **as e-mail addresses.**

The article should be provided with a photograph of the author (s); To have in the title of the file the author's surname, for example: Radzhabov N. JPG.

In accordance with the subject matter of the article, the author indicates her UDC.

The electronic version of the article is presented as a MS Word file in *. doc

The file should have the name of the author (s) in the title, for example: Radzhabov N. doc, Radzhabov-Sobirov. doc.

The following accompanying documents are attached to the article:

1) an extract from the minutes of the meeting of the department (if available at the author's place of work) with a recommendation for publication;

2) an expert opinion on the absence of information prohibited for publication in the open press, certified by the stamp of the institution;

3) reviews should be attached to the article from a specialist who holds a doctorate or candidate of science degree (if the author (s) of the article are candidates of science, candidates, graduate students or adjuncts), the signatures of reviewers must be certified by the personnel at the main place of their work.

The volume of the article should be at least 5 and not more than 20 pages (for doctors and candidates of sciences) and 12 pages (for doctoral students, adjuncts, applicants). The page numbers are not set.

The article should be typed in the font of normal fat content, the direct outline of a Times New Roman or Times New Roman Tj headset and with a single line spacing. The indentation should be the same and equal to **1.25 cm**.

The size of the main font should be **14 points**;

The numbering of references to literature is carried out by Arabic numerals in square brackets, for example: "As indicated by KH Soliev [2, p. 34-40], this effect is manifested when ...".

The bibliography should be made in accordance with GOST - "Bibliographic reference". The list of references used by the author is given at the end of the article. Footnotes (both at the bottom of each page, and at the end of the article) **are not allowed**.

All articles are checked through the system "Antiplagiat.VUZ". The share of the original text should be at least 70%.

The articles are sent to the following address: 734012, Dushanbe, M. Mastogulov str., 3, tel: + (992) 226 28 92.
E-mail: tam300986@mail.ru, k.lila-73@mail.ru.

*734012, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, 3*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*734012, г. Душанбе, улица М.Мастонгулова, 3*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

*734012, Dushanbe, M.Mastogulov Street, 3*
*Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan*

***Phone: + (992 37) 226-28-92***
***Fax: + (992 37) 226-60-43***

Ба матбаа 08.12.2021 таҳвил гардид.
Барои чоп 15.12.2021 ба имзо расид.
Коғази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 28. Адади нашр 100
нусха. Супориши № 526 Нархаш шартномавӣ.

Дар Матбааи РТМТваН-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 5.

ISSN 2412-141X